# ЭЪҶОЗИ РАҲМОН

(Маҷмӯаи шеърҳо дар васфи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон)

Душанбе: “Ирфон”, 2011

ББК: 84 тоҷик 7-5+84 тоҷик 7-4+72.3
Э – 95

**Эъҷози Раҳмон.** (Маҷмӯаи шеърҳо дар васфи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон). –Душанбе: «Ирфон». - 2011. – 372 саҳ.

Китоби «Эъҷози Раҳмон» ба ҷашни 20-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ҷоннисориҳои Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи раҳнамун сохтани миллати тоҷик ба замони шукуфоиву инкишоф тараннум мекунад. Он аз шеъру шеъргунаҳое иборат аст, ки аз чашмасорони қалби шоирони касбиву ҳаваскор, деҳқонони хокпошу коргарони заҳматкаш бо эҳсоси баланди садоқату муҳаббат дар ситоиши ин абармарди сиёсат фаввора задаанд. Аз ин лиҳоз, китоби мазкур базудӣ ба дили хонандагон роҳ хоҳад ёфт.

Мураттибон:
**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА**
**Нақиб МУРОДОВ**

Муҳаррир:
**Ато МИРХОҶА**

Зери назари :
**Меҳмон БАХТӢ**

Ш $\frac{08030100200 - 135}{М\ 501\ (12) - 2011}$ - 2011
ISBN 978 - 99947 - 0 -329 - 0

**Китоб бо дастгирии ҶСК «ОРИЁНБОНК» бо чоп расид.**

© Шарифзода А. 2011

## *САРСУХАН*

Адабиёти тоҷику форс дар тӯли таърихи инкишофи худ дар ситоишу бузургдошти шахсиятҳое, ки ба манфиати мардум корномаҳо нишон додаанд, осори гаронбаҳои насриву назмӣ барҷо гузоштааст. Адибон чеҳраи подшоҳон, сипаҳсолорон, паҳлавонон, файласуфон, ҷавонмардон ва хирадмандони соҳибтадбирро дар қиссаву достон, қасидаву қитъа, ғазалу рубоӣ ва жанрҳои дигари бадеъӣ ба тасвир гирифта, дар чашмасорони ҳаётбахши каломи бадеъ ба онҳо зиндагии ҷовидонӣ ато намудаанд. Агар шоҳкорҳое ба мисли қасидаи «Модари май»-и Рӯдакӣ, достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ, «Хираднномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ, «Самаки айёр», «Синбоди дарёгард», «Абӯмуслимнома» ва амсоли инҳо ба вуҷуд намеомаданд, хотираи таърихии миллати тоҷик ниҳоят заъиф, камранг ва нокомил мебуд. Ин мӯъҷизаи ҷонбахшои сухан аст, ки Рустами Дастон, Хусрави Парвиз, Самаки айёр, Синбоди дарёгард, Абӯмуслим, Деваштич, Восеъ ва садҳо қаҳрамонони дигар имрӯз ҳам дар зеҳни мардуми мо зиндаанду моро ба корнамоиҳои бузург ба нафъи халқу Ватанамон ҳидоят месозанд.

Иқдомҳои бузургворонаи сарвари давлати тоҷикон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи барқарории сулҳу оромиш дар Тоҷикистон, созандагиву бунёдкорӣ ва давлату миллатсозӣ дар таърихи даврони истиқлоли давлатии кишварамон сафҳаҳои тоза ва рангин боз намуданд. Рушду тараққиёте, ки Тоҷикистон дар ин муддати кӯтоҳ шоҳиди он гардид, дар таърихи мавҷудияти қавми тоҷик ҳеҷ гуна собиқа надорад. Кишвари кӯҳистонии мо ба чор акнофи олам шоҳроҳҳои мувосилотӣ сохт, тавассути муосиртарин технология бо тамоми ҷаҳон иртиботи

моҳвораviву электронӣ пайдо кард, дар заминаи тамаддуни ҳазорсолааш маориф, илм, фарҳанг ва инфрасохторҳои миллии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ созмон дод, зимоми сарнавиштаашро ба дасти худ гирифт.

Албатта, хиради азалии тоҷикон дар ин таҳаввулоти беназир нақши бузург дорад, аммо бидуни раҳнамоии равшанбинонаи Ҷаноби Олӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳидояту илқои ғайратмандонаи ин абармарди замон пирӯз омадани миллат бар дармондагиву нокомиҳои саъб коре буд ниҳоят мушкил.

Шоири нававари тоҷик Ғаффор Мирзо бо эътибор ба ҳамин маънӣ ҳанӯз дар охири садаи бистум дар сифати сарвари сулҳовардаи тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон фармуда буд:

*Гашта-баргашта гувоҳии аён медиҳадам,*
*Гашта-баргашта шаҳодат ба миён меорад,*
*К-ин ҷавонмард ҳама ҳусни даҳоро дорост,*
*К-ин ҷавонмард ҳама зеби ваҳиро дорад.*

Худованд, ба хушбахтии миллати мо, дар сиришти Эмомалӣ Раҳмон он қадар нерӯи давлатмардӣ ва созандагиро ниҳода будааст, ки барои баровардa сохтани орзуву омоли миллионҳо миллион тоҷикон дар тамоми рӯйи замин кифоят мекунад. Ин нерӯ на танҳо давлат месозад, роҳу боғу қасру кӯшку мактабу шифохона бунёд мекунад, он шоирону нависандагонро низ ба таҳрик меорад, қалби онҳоро барои офаридани асарҳои дархури дарди ҷомеъа аз илҳом саршор месозад.

Сарвари як давлат шудан кори осон нест, аммо ба даст овардани маҳбубият дар байни халқ аз он мушкилтар аст. Вале Эмомалӣ Раҳмон сарварест, ки дӯстдорию муҳаббати самимонаи ҳамватанони худро ба воситаи корномаҳои мушаххаси давлатдориаш ба даст овард. Халқи одӣ ӯро чун фар-

занди бобаракату файздбахши худ дӯст медорад, дастуроташро мепазирад, ба хираду тавоноиаш эътимод дорад, дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози Ватан бидуни шакку тардид аз паси ӯ омодааст ба корнамоиҳои тоза ба тоза даст занад.

Китоберо, ки ҳам акнун хонандаи азиз дар даст дорад, аз ҳамин мавзӯъ ҳарф мезанад. Халқ муҳаббат, сипос ва дилбастагиашро ба сарвари қаҳрамони худ рӯйи сафҳаҳои ин баёз бо каломи мавзуни пурҳарорат рехтааст. Мо ин номаи муҳаббатро бо веростории сабуке ба дасти хонандагони арҷманд мерасонем ва эътимоди комил дорем, ки қаҳрамони маркази ин китоб – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба монанди фарзандони бузурги миллати мо қаҳрамони ҷовидонаи адибони дунё боқӣ мемонад.

**Ато Мирхоҷа,**
**шоир, узви Раёсати**
**Иттифоқи нависандагони**
**Тоҷикистон.**

*ЭМОМАЛӢ РАҲМОН*

Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 1952 дар ноҳияи Данғараи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1969, баъд аз хатми Омӯзишгоҳи касбию техникии № 40-и шаҳри Калининобод (ҳоло Сарбанд), ба ҳайси устои барқ дар Корхонаи равғанкашии шаҳри Қӯрғонтеппа шурӯъ намудааст.

Солҳои 1971-1974 дар Флоти уқёнуси Ором дар хизмати ҳарбӣ буд. Пас аз хизмати ҳарбӣ ба зодгоҳи худ баргашта, дар совхози ба номи Ленини ноҳияи Данғара кор кардааст.

Соли 1982 факултети иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуд.

Солҳои 1976-1987 дар вазифаҳои котиби раёсат, раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи совхози ба номи Ленини ноҳияи Данғара буд. Сипас дар мақомоти ҳизбӣ фаъолият дошт.

Аз соли 1987 то соли 1992 директори совхози ба номи Ленини ноҳияи Данғара буд.

Соли 1990 Эмомалӣ Раҳмон вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати XII интихоб мешавад. Тирамоҳи соли 1992 Раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони халқи вилояти Кӯлоб интихоб гардид.

19 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

6 ноябри соли 1994 Эмомалӣ Раҳмон бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

6 ноябри соли 1999 Эмомалӣ Раҳмон дар асоси алтернативӣ ва бо овоздиҳии умумихалқӣ бори дуюм ба мӯҳлати ҳафт сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

6 ноябри соли 2006 Эмомалӣ Раҳмон дар интихоботи озоду шаффофи демократӣ дар асоси алтернативӣ бори сеюм ба мӯҳлати ҳафт сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.

Қаҳрамони Тоҷикистон (аз 11 декабри соли 1999) мебошад.

Оиладор ва падари нӯҳ фарзанд аст.

Замоне, ки фарзанди номвар ва номбардори халқ Эмомалӣ Раҳмон бори аввал роҳбари давлат интихоб шуд, Тоҷикистони тозаистиқлол рӯзҳои даҳшатборро ба сар мебурд. Ҷангу низоъҳои хунини миёни тоҷикон боиси хисороти зиёди моливу ҷонӣ гардида, ба якпорчагии мамлакат ва ҳастии миллати тоҷик таҳдид мекард.

Эмомалӣ Раҳмон бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати фавқулодда кишварро аз вартаи фалокат ва ҳалокат берун овард, мардуми парешонро сарҷамъ намуд ва садҳо ҳазор ғурбатзадагонро ба ватан баргардонд.

Бо иродаи Сардори давлат дар як муддати кӯтоҳ харобаҳо ба ободӣ табдил ёфта, иншооти азим ба вуҷуд омаданд, барои ба ҳам пайвастани тамоми гӯшаву канори мамлакат шоҳроҳи ваҳдат ва барои мустақиман баромадан ба уқёнус ва робита ёфтан ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ роҳҳои бузурги мошингард сохта шуданд.

Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвар натиҷаи меҳнати фидокоронаи халқи Тоҷикистон ва иқдомҳои қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакони содиқаш мебошад.

Подоши ин ҳама корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест, ки Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст. Мукофоти ин ҳама заҳматҳо ҳамчунин ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳон мебошад, ки мунтазам нисбат ба Сардори донову тавонои Тоҷикистон, сиёсатмадори варзида ва ифодагари марому ормонҳои умумибашарӣ иброз мегардад.

Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун овар-да, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст.

Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон тавассути таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ҳамчунин барои гузаштан ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ заминаи боэътимод гузошт.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро беш аз 150 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Хелсинки, Баёнияи Париж ва дигар созишномаҳои байналхалқӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ сохта, ҳифзи ҳуқуқи инсонро, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, маҳаллӣ ва мазҳабиву нажодӣ, муроот менамояд.

Ҳамзамон, дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург ва саривақтианд. Ӯ борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид баромад карда, дар баробари мушкилоти Тоҷикистон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон, масъалаҳои мубориза бо терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, рушди нобаробари давлатҳои ҷаҳон, масъалаи таъминоти оби тоза ва ғайраҳо ҷалб мекунад. Ниҳоят, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли қазияи Афғонистон, ки ба пойгоҳи терроризму экстремизм табдил ёфта буд, рӯ овард.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои муҳимтарини ояндаи инсоният низ муносибати дурбинона ва ҷиддӣ дорад. Бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-юмро Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015-умро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон кард. Айни ҳол аксари чорабиниҳои ҷаҳонию минтақавии вобаста ба об дар чаҳорчӯби ҳамин даҳсола гузаронда мешаванд, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аз ин иқдоми Сардори давлат аст.

Дар тӯли бист соли истиқлолият кишвари мо таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин муддат Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории худ - артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд овард ва устувор гардонд. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баркарор намуд. Асосҳои сохтори конститутсионӣ ва идоракунии давлат танзим гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ эътироф гардид.

Ҳамин тавр, хизмати таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро ба даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, баркарор сохта, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дод. Барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуд, заминаи сулҳи миллиро матраҳ кард, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро гузошт. Ислоҳоти консти-

тутсиониро дар мамлакат амалӣ гардонид, Конститутсияи (Сарқонуни) нави Тоҷикистонро эҷод кард. Ҷиҳати 27 июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам сохт, сулҳи тоҷиконро ба даст овард, ки барои ҷаҳониён таҷрибаи беназир аст. Заминаҳои эҳёи миллиро фароҳам сохт, ба корҳои азими созандагӣ ифтитоҳ бахшид, аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро ба куллӣ беҳтар карда, хатари гуруснагиро аз байн бурд, эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ афзуд.

Эмомалӣ Раҳмон ба ивази саҳми хеле арзишманди худ дар таъмини сулҳи Тоҷикистон ва таҳкими амнияти минтақа ва дигар хидматҳои шарофатмандонааш дар вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни мардумон бо унвону нишонҳои олии давлатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷаҳон сарфароз гардидааст.

Хизматҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он эътироф гардидаанд. Барои саҳми бебаҳо дар густариши ҷомеаи умумибашарӣ ӯ ба гирифтани Ситораи тиллоии Алберт Швейтсер ва унвони фахрии Профессори Академияи умумиҷаҳонии тиб дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ сазовор дониста шудааст. Ӯ дар ҷаҳон аввалин сиёсатмадорест, ки ин мукофоти олиро соҳиб гардидааст.

Соли 2005 дар арафаи ҷашни Ваҳдат боз як ҷоизаи олӣ-медали тиллоии «Барои таҳкими сулҳ ва ризоияти байни халқҳо»-и Федератсияи байналмилалии сулҳ ва ризоият насиби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Эмомалӣ Раҳмон дар байни сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аввалин касе мебошад, ки ба гирифтани ин ҷоиза мушарраф гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои гуногун ҳамчунин бо ордени

алмосдори «Звезда мецената» (Ситораи сарпараст) – ҷоизаи олии ҷамъиятии Бунёди байналмилалии хайрияи «Меценаты столетия» (Сарпарастони аср), ордени «Қаҳрамони миллии Афғонистон –Аҳмадшоҳи Масъуд», ҷоизаи Бунёди байналмилалии нависандагон ва рӯзноманигорони Ҷумҳурии Туркия, ситораи ёқутии «Миротворец» (Сулҳовар), Медали тиллоии Маҷлиси халқи (Парлумони) Ҷумҳурии Мисри Араб, Нишони фахрии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ордени Шӯрои олимпии Осиё, Медали тиллоии арҷгузорӣ ба Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ) –и ЮНЕСКО, Ордени тиллоии Эҳёи Роҳи Абрешим, Медали тиллоии ба номи Николай Блохин –мукофоти олии Академияи илмҳои тиббии Федератсияи Русия, Ордени «3 Ситора дараҷаи 1» бо занҷираи тиллоии Ҷумҳурии Латвия, ордени Княз Ярослави Ҳаким дараҷаи 1-и Украина, Нишони Покистон – олитарин мукофоти давлатии Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дигар мукофоту ҷоизаҳо сарфароз гардонда шудааст.

Дар марҳилаи нави бунёди давлати ҷавони Тоҷикистон тақдири баланди миллати куҳандиёри тоҷик дар симои шахсияти беназири таърихӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон олитарин сифатҳои адолати инсонӣ, бузургдилию шуҷоат, раҳму шафқат ва қобилияти нотакрори ваҳдатофариро ато кард ва маҳз ҳамин ҳамоҳангӣ ҷомеаро ба сатҳи баланди хештаншиносӣ расонид.

Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазор сол дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба сӯиояндаи нек устуворона қадам мегузорад.

*ЭМОМАЛИ РАХМОН*

Эмомали Рахмон родился 5 октября 1952 года в Дангаринском районе Республики Таджикистан в семье дехканина.

Трудовую деятельность начал в 1969 году после окончания профессионально-технического училища №40 города Калининабад (ныне – Сарбанд), в качестве мастера-электрика Курган-тюбинского маслозавода.

В 1971-1974 годах проходил военную службу на Тихоокеанском флоте. После демобилизации поступил на работу в совхоз имени Ленина Дангаринского района.

В 1982 году закончил экономический факультет Таджикского национального университета.

В 1976-1987 годах занимал должности секретаря правления и председателя профсоюзного комитета совхоза имени Ленина Дангаринского района. Затем работал в партийных органах.

С 1987 по 1992 год являлся директором совхоза имени Ленина Дангаринского района.

В 1990 году Эмомали Рахмон избирается народным депутатом Верховного Совета Республики Таджикистан XII созыва.

Осенью 1992 года он избирается Председателем Исполнительного комитета Совета народных депутатов Кулябской области.

19 ноября 1992 года на XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистан Эмомали Рахмон избирается Председателем Верховного Совета Республики Таджикистан.

6 ноября 1994 года Эмомали Рахмон всенародным голосованием избирается Президентом Республики Таджикистан.

6 ноября 1999 года на альтернативной основе и всенародным голосованием Эмомали Рахмон

переизбирается на пост Президента Республики Таджикистан на семилетний срок.

6 ноября 2006 года в результате свободных, прозрачных и демократичных выборов, прошедших на альтернативной основе, Эмомали Рахмон всенародным голосованием был в третий раз избран на пост Президента Республики Таджикистан на семилетний срок.

Является Героем Таджикистана (с 1999 года).

Женат, имеет девять детей.

В тот период, когда славный и достойный сын народа Эмомали Рахмон в первый раз был избран руководителем государства, наша Родина – только что ставший независимым Таджикистан – переживала трагические дни. Кровопролитная война и конфликт между таджиками, приведшие к огромному материальному ущербу и большим людским потерям, угрожали целостности страны и самому существованию таджикской нации.

Благодаря мудрым шагам, стойкости и исключительной смелости, Эмомали Рахмон спас страну от угрозы катастрофы, сплотил народ и вернул на родину тысячи беженцев.

Благодаря твёрдой воле Главы государства, за короткий срок всё разрушенное было восстановлено, появились новые крупные объекты, были построены «Магистраль единства», обеспечивающая постоянную связь между всеми уголками страны, и автодороги, позволяющие республике получить прямой выход к океану и развивать отношения со странами дальнего и близкого зарубежья.

Все важнейшие достижения и успехи страны являются результатом самоотверженного труда и смелых шагов Эмомали Рахмона.

Наградой за эти титанические усилия стали любовь и уважение, которые Эмомали Рахмон снискал у народа Таджикистана и среди десятков

тысяч зарубежных соотечественников. Он также завоевал огромное уважение мирового сообщества, которое каждый раз оказывает ему знаки внимания как авторитетному Главе Таджикистана, опытному политику и выразителю общечеловеческих ценностей и идеалов.

Величайшим достижением Эмомали Рахмона является, несомненно, установление прочного мира и национального единства. Горький опыт внутренних войн в мире свидетельствует о том, что ни одному государству не удавалось одолеть своих соперников на поле битвы и встать во главе государственного аппарата, структур управления и военных органов, используя оружие, боевое снаряжение и своих воинов.

Благодаря обеспечению мира и национального единства Эмомали Рахмон заложил надёжный фундамент для перехода к этапу восстановления экономики и начала созидательных дел.

К настоящему времени государственную независи-мость Республики Таджикистан официально признало более 150 стран мира. Республика Таджикистан признала Устав ООН, Хельсинкский Заключительный Акт, Парижскую Декларацию и другие международные соглашения – и осуществляет свою внутреннюю и внешнюю политику, защищая права человека, независимо от национальной, религиозной или расовой принадлежности.

Огромный вклад внёс Эмомали Рахмон в повышение международного авторитета и престижа Таджикистана, в решение глобальных проблем. Неоднократно выступая с высокой трибуны ООН, он привлекал внимание мирового сообщества не только к проблемам Таджикистана, но и к вопросам Афганистана, борьбы с терроризмом, экстремизмом и контрабандой наркотиков, неравномерного развития государств мира, обеспечения

человечества чистой водой. Он, в частности, привлёк мировое сообщество к решению проблемы Афганистана, который превращался в базу терроризма и экстремизма.

Президент Таджикистана Эмомали Рахмон проявляет также дальновидный и серьёзный подход к важнейшим вопросам, связанным с будущим человечества. По предложению Эмомали Рахмона Организация Объединённых Наций провозгласила 2003 год Международным годом чистой воды, а 2005-2015 годы – Десятилетием «Вода для жизни». В настоящее время большинство международных и региональных мероприятий проходит в рамках этого Десятилетия, поэтому данная инициатива Главы государства вызывает чувство гордости у каждого гражданина Таджикистана.

На протяжении двацати лет независимости наша страна под руководством Эмомали Рахмона шла уверенной поступью по пути построения независимого демократического государства. За это время у Таджикистана появились собственные Флаг, Герб и Гимн. Возникли и окрепли главные устои государственности – национальная армия и пограничные войска. Таджикистан был принят в члены авторитетных международных организаций и установил политические, экономические и культурные связи с большинством стран мира. Были упорядочены основы конституционного строя и государственного управления, введена в обращение национальная денежная единица, получил признание национальный паспорт.

Таким образом, исторические заслуги Эмомали Рахмона заключается в том, что именно он, взяв на себя управление государством, предотвратил угрозу его исчезновения, погасил пламя гражданской войны, восстановил парализованные структуры власти, особенно правоохрани-

тельные органы, создал национальную армию и пограничные войска, обеспечил условия для упрочения власти и государства, гарантировал нации мир, вернул на Родину беженцев и вынужденных переселенцев. Он заложил прочный фундамент для построения нового общества Таджикистана, провёл в стране конституционную реформу, создал новую Конституцию (Основной закон) Таджикистана, обеспечил политическую и правовую основу для подписания 27 июня 1997 года Общего соглашения об установлении мира и национального согласия. Эмомали Рахмон добился достижения мира между таджиками, что стало поучительным опытом для мирового сообщества. Он создал условия для национального возрождения, положил начало созидательным делам, радикально улучшил социально-экономическое положение народа, ликвидировал угрозу голода и способствовал росту политического авторитета государства на международной арене.

За свой бесценный вклад в обеспечение мира в Таджикистане и укрепление безопасности региона, другие выдающиеся заслуги в деле расширения дружественных отношений и сотрудничества между народами Эмомали Рахмон был удостоен высоких званий и наград государств и различных организаций мира.

Заслуги Эмомали Рахмона как внутри страны, так и за её пределами являются общепризнанными. За ценный вклад в развитие общечеловеческого сообщества он был удостоен Золотой звезды Альберта Швейцера и почётного звания профессора Всемирной медицинской академии по разделу гуманитарных наук. Он был первым из мировых политиков, удостоенным столь высокой награды.

В 2005 году, накануне празднования Дня национального единства, Президенту Республики

Таджикистан Эмомали Рахмону была вручена ещё одна высокая награда – золотая медаль «За укрепление мира и согласия между народами» Международной федерации мира и согласия. Следует отметить, что среди глав государств-членов СНГ Эмомали Рахмон первым удостоился такой награды.

В разные годы Эмомали Рахмону были также вручены алмазный орден «Звезда мецената» –высшая награда Международного благотворительного фонда «Меценаты столетия», орден «Национальный герой Афганистана – Ахмадшах Масуд», премия Международного фонда писателей и журналистов Турецкой Республики, Рубиновая звезда «Миротворец», Золотая медаль Народного собрания (Парламента) Арабской Республики Египет, Знак почёта Содружества Независимых Государств, орден Олимпийского Совета Азии, Золотая медаль почтения Мавлоно Джалолиддина Балхи (Руми) ЮНЕСКО, Золотой орден Возрождение Шелкового Пути, Золотая медаль имени Николая Блохина –высшая награда Академии медицинских наук Российской Федерации, орден 3 Звезды 1-ой степени Республики Латвия, орден Князья Ярослава Мудрого 1-ой степени Украины, Нишони Покистон (Знак Пакистана) – высшая государственная награда Исламской Республики Пакистан и ряд других наград и премий.

На новом этапе построения молодого государства Таджикистан судьба даровала древней таджикской нации в лице уникальной исторической личности – Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона – человека, в котором представлены высшие качества – справедливость, великодушие, смелость, сострадание и неповторимая способность объединять людей. Именно сочетание этих качеств вывело общество на высокий уровень самопознания.

Именно благодаря последовательным усилиям Эмомали Рахмона Таджикистан был в конце XX века спасён от национальной трагедии и укрепил свою государственную независимость, благодаря чему таджикская нация спустя тысячелетие добилась выдающихся достижений на пути национального возрождения и движется уверенной поступью к лучшему, благополучному и самодостаточному будущему.

*EMOMALI RAHMON*

Emomali Rahmon was born to a peasant family on October 5, 1952 in Dangara district of the Republic of Tajikistan.

Emomali Rahmon began his labour activity in 1969, after graduation from Technical Lyceum №40 of Kalininabad city (presently Sarband) electrician at Qurghonteppa oil factory.

From 1971 to 1974 he served in the Pacific Navy Military Force. After the demobilization, he started working at the Lenin collective farm in Dangara.

Emomali Rahmon graduated from the Faculty of Economics at the Tajik National University in 1982.

From 1976 to 1987 he held posts of the secretary of direction and the Chairman of the Union Committee of the Lenin collective farm in Dangara. He later worked in party bodies.

From 1987 to 1992 he was the Chairman of the Lenin collective farm in Dangara.

In 1990, Emomali Rahmon was elected as People's Deputy at the Supreme Council of the Republic of Tajikistan of twelfth convocation. In autumn 1992, he was elected as the Chairman of the Executive Committee of the Council of the People's Deputies of Kulyab province.

On November 19, 1992 at the XVI session Emomali Rahmon was elected as the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan.

On November 6, 1994, Emomali Rahmon was elected to the post of the President of the Republic of Tajikistan by nation-wide voting.

On November 6, 1999, Emomali Rahmon was re-elected on the alternative basis and by nation-wide voting and assumed an office of the President of the Republic of Tajikistan for a seven-year term.

On November 6, 2006, at free, transparent and democratic elections, held on the alternative basis, Emomali Rahmon was elected as the President of the Republic of Tajikistan for a seven-year term by nation-wide voting for the third time.

He is the Hero of Tajikistan (1999).

The President is married and has nine children.

At the time when for the first time the glorious and worthy son of the nation Emomali Rahmon was elected the leader of our country, our homeland – the newly independent Tajikistan was experiencing difficult times. Bloody wars and inter-Tajik conflict, which led to the loss of many lives and property, were a great threat to the country's unity and the existence of the Tajik nation.

Due to his wise decisions, persistence and extraordinary courage, Emomali Rakhmon saved the country from the threat of disaster, brought together the nation and returned thousands of refugees back to their homes.

Thanks to the strong will of the Tajik President, ruins were restored within a short time, grand constructions were erected, a road of Unity was built, providing all the year round communication between all corners of the country and automobile roads were constructed, allowing the country to get direct access to the ocean and develop relations with the countries of far and near abroad.

The most important achievements and successes of the country are the result of selfless labour and bold steps taken by Emomali Rahmon.

The reward for these extensive efforts were love and respect that Emomali Rahmon won from the people of Tajikistan and among the tens of thousands of our compatriots abroad. He also earned huge respect from the world community that every time shows to him as to an authoritative leader of Tajikistan, an

experienced politician and an exponent of universal values and ideals.

The greatest achievement of Emomali Rahmon is, undoubtedly, the establishment of lasting peace and national unity. The bitter experience of internal wars in the world suggests that no single state could overcome its opponents on the battlefield and stand at the head of the state machine, management structures and military agencies, using weapons, equipment and its warriors.

By ensuring peace and national unity, Emomali Rahmon laid a solid foundation for moving towards the economic recovery and the beginning of constructive affairs.

To date, the state independence of the Republic of Tajikistan has been officially recognized by more than 150 countries of the world. Tajikistan has recognized the UN Charter, the Helsinki Final Act, the Paris Declaration and other international agreements and pursues its internal and foreign policy, protecting human rights, regardless of nationality, religion or race.

Emomali Rahmon has made a grand contribution to enhancing the international credibility and prestige of Tajikistan, in addressing global issues. Repeatedly speaking from the UN tribune, he drew the attention of the world community not only to the problems of Tajikistan, but also to Afghan issues, fight against terrorism, extremism and illegal drug trafficking, the uneven progress of countries of the world, providing humanity with safe water. In particular, he has attracted the world community to address the issue of Afghanistan, which was turning into the base of terrorism and extremism.

President Emomali Rahmon displays a far-sighted and serious approach to important issues affecting the future of humanity. At the proposal of

Emomali Rahmon, the United Nations declared 2003 the International Year of Fresh Water and 2005-2015 as the Decade for Action «Water for Life». Currently, most international and regional events are held as part of this Decade. This initiative of the President of the country is the pride of every citizen of Tajikistan.

Over twenty years of independence, under the leadership of Emomali Rahmon our country made confident steps forward on the path of building an independent democratic state. During this time, Tajikistan has had its own flag, emblem and anthem. Principal foundations of statehood – a national army and border troops have emerged and matured. Tajikistan became a member of the authoritative international organizations and established political, economic and cultural ties with most countries in the world. The fundamentals of the constitutional system and public administration were streamlined, national currency was put into circulation and national passport was recognized.

Thus, the historical merits of Emomali Rahmon consist in the fact that he took over management of the state, prevented the threat of its collapse, extinguished the flames of civil war, restored paralyzed power authorities, particularly the law enforcement bodies, created a national army and border troops, provided the conditions for consolidation of power and state, guaranteed the nation's peace, returned the refugees and displaced persons back to homeland. He laid a solid foundation for building a new society of Tajikistan, held constitutional reform in the country, created a new Constitution of Tajikistan, provided political and legal basis for signing General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord on June 27, 1997. Emomali Rahmon brought peace between Tajiks, which was instructive experience for the world community. He created the conditions for national

revival, marked the beginning of creative works, radically improved the socio-economic situation of the people, eliminated the threat of hunger and contributed to the growth of political authority of the state on the international arena.

For his invaluable contribution to peace in Tajikistan and strengthening security in the region, other outstanding achievements in enhancing the friendly relations and cooperation between nations, Emomali Rahmon won high honors and awards of state and various organizations around the world.

Merits of Emomali Rahmon both domestically and abroad are universally recognized. For invaluable contribution to the development of universal human community, he was awarded the Gold Star of Albert Schweitzer and the honorary title of professor of the World Academy of Medicine on Section of Humanities. He was the first of the world's politicians bestowed such a high award.

In 2005, on the eve of the celebrating the National Unity Day, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon was granted high award –a gold medal "For the strengthening of peace and accord between nations" of the International Federation of Peace and Accord. It should be noted that Emomali Rahmon was first to win this award among the heads of CIS member states.

In different years, Emomali Rahmon was awarded the diamond order "Maecenas Star" –the highest award of the International Charity Fund "Maecenases of the Century", the Order "National Hero of Afganistan –Ahmadshoh Masud", the prize of the International Fund of writers and journalists of the Turkish Republic, ruby star "Peacemaker", Gold Medal of the National Assembly (Parliament) of the Arab Republic of Egypt, the Badge of Honor of the Commonwealth of Independent States, the Order of

the Olympic Council of Asia, the Golden Medal of UNESCO by Jaloliddin Balkhi (Rumi), the Golden Order "The revival of Silk Road", the Golden Medal by Nikolay Blokhin – the highest award of the Academy of Medical Sciences of the Russian Federation, the Order "3 Star 1st Degree" with golden ribbon of the Republic of Latvia, the order of Prince Yaroslav Wise 1st degree of Ukraine, Pakistan Badge – the highest state award of the Islamic Republic of Pakistan and a number of other decorations and prizes.

At the new stage of constructing young Tajik state, a fortune bestowed upon the ancient Tajik nation unique historical personality –President Emomali Rahmon – the person, who represents the highest qualities –justice, generosity, courage, compassion and unique ability to unite the people. It is the combination of these qualities that has brought society to a high level of self-knowledge.

Thanks to the consistent efforts of Emomali Rahmon Tajikistan was rescued from the national tragedy in the late twentieth century and strengthened its state independence, so that the Tajik nation after the millennium has made remarkable achievements on the path of national revival and makes confident steps to a better, more prosperous and self-sufficient future.

## *МАҚОМИ СУЛҲУ ВАҲДАТ*

Диёри кӯҳнаи мо навҷавон шуд,
Зи Ваҳдат ҷамъ тарҳи тоҷикон шуд.

Худоро шукр, чуғди наҳси кин мурд,
Гиреҳи ғусса дар лавҳи ҷабин мурд.

Бародарҳо ба дарди ҳам расиданд,
Хатои худ ба чашми сулҳ диданд.

Ба худ омад яке қавми ҳаросон
Зи файзи рӯҳи зинда дар Хуросон.

Пушаймон шуд зи худ куштан, дареғо,
Накард ин корро душман, дареғо.

Ба ҳарфи сарвари худ гӯш додем,
Гиреҳи кина аз дилҳо кушодем.

Ба мо Эмомалӣ Раҳмон сафо дод,
Даре бар самти ободонӣ бикшод.

Дубора парчами моро барафрохт,
Ба зераш тоҷиконро муттаҳид сохт.

Ғарибонро ба кишвар боз овард,
Миёни тоҷикон сулҳу сафо кард...

Нишони зиндае аз Оли Сомон
Бувад Эмомалӣ – фарзанди Раҳмон.

## *ТОҶИКИ ТОҶИКТАРИН ЭМОМАЛӢ*

Дар ҷаҳон моро намудӣ сарбаланд,
Кишварам бо ту намеёбад газанд.
Мекашӣ заҳмат барои халқи хеш,
Қаҳрамони халқ-халқи хештан.
Тоҷики тоҷиктарин Эмомалӣ,
Халқ гӯяд: «Офарин, Эмомалӣ!»

Пуштибонӣ мекунӣ ҳар фардро,
Хок бар сар мекунӣ номардро.
Дар ғаму кулфат шарики мардумон,
Чун кашӣ ин қадр бори дардро?
Тоҷики тоҷиктарин Эмомалӣ,
Халқ гӯяд: «Офарин, Эмомалӣ!»

Кӯҳро фарҳодсон бишкофтӣ,
Нақбро андар дили он кофтӣ.
Роҳ меёбӣ ба дилҳо, во аҷаб,
Меҳрубониҳо зи Яздон ёфтӣ.
Тоҷики тоҷиктарин Эмомалӣ,
Халқ гӯяд: «Офарин, Эмомалӣ!»

Модари тоҷик туро модар бувад,
Хоҳари тоҷик туро хоҳар бувад.
Халқро ёру бародар хондаӣ,
Зиндагии мо кунун дигар бувад.

Тоҷики тоҷиктарин Эмомалӣ,
Халқ гӯяд: «Офарин, Эмомалӣ!»

*ФАРЗАНДИ ВАТАН*

Офарин, фарзона фарзанди Ватан,
Баҳри халқи хеш заҳмат мекашӣ.
Ғуссаи миллат туро кӯҳи ғам аст,
Ин ҳама ғамро ба худ дармекашӣ.

Баҳри ин мардум ба дунё омадӣ,
Ҷони худ бар мардумон бахшидаӣ.
Тухми меҳру ваҳдату сулҳу сафо,
Бар дили мо то абад пошидаӣ.

Ин ҳама қудрат туро дода Худо,
Пас Худо бошад нигаҳбонат, бас аст.
Ҳар ки қадратро надонад, Сарварам,
Дар қатори мардумони нокас аст.

## *БА БАХТИ МО*

Солҳои сахти ҷанги беамон
Кай равад аз хотиру аз дидаам?
Аз қазову қисмати заҳматкашон
Ман яке аз шоҳидони зиндаам.

Ҳарбузарби дохилӣ аз ҷоҳилист,
Гардад аз васвосаи шайтон батар.
Нест равшан душманат кӣ, дӯст кист?
Шубҳа дорад ҳар касе аз ҳамдигар.

Ду гурӯҳи мухталиф дар байни худ
Ҷанг мекард аз барои тахту тоҷ.
Қувваи саввум, ки пушти парда буд,
Ноаён медод иғворо ривоҷ.

Дар миёни ду масофи мухталиф
Ман ба зери тирборон мондаам.
Аз ҳуҷуми хоину теғи ҳариф
Борҳо оёти мурдан хондаам.

Аз низоъ, аз қатлу ғорат, аз азоб
Аҳли меҳнат шуд парешон, дарбадар.
Шаҳру деҳи Тоҷикистон шуд хароб,
Монда буд ҳастии миллат дар хатар...

Даҳшати шабҳо гузашту як пагоҳ
Муждае омад аз Арбоби Хуҷанд.
Аз қарори маҷлису сулҳу салоҳ,
Аз шиори родмарди сарбаланд.

Ин шиор аз минбари олӣ ба гӯш
Мерасиду чеҳраҳоро мекушод.
Парчами ҷумҳуриро ҳар як хамӯш
Бӯса мекарду ба чашмаш мениҳод.

Ин шиоре буд аз номи Ватан,
Аз навиди оштию якдилӣ.
Ронд бо имону қатъият сухан
Сарвари нав – мӯҳтарам Эмомалӣ.

Лутфи Яздон асту бахти тоҷикон,
К-ӯ гирифт аркони давлатро ба даст.
Сулҳу ваҳдатро намуд ӯ ҳукмрон,
Гардани кину адоватро шикаст.

Ҷанг барҳам хӯрду осоишта шуд,
Дур шуд аз умқи дил дарду алам.
Тухми сулҳу ваҳдати мо кишта шуд,
Офарин, эй сарвари собитқадам!

## *ЗИНДА БОШӢ, САРВАРАМ!*

То ки миллат қавми мо бо ҳам шавад,
Раштиву хатлоние ҳамдам шавад.
Суғдиву дарвозиву аҳли Ҳисор,
Зиндагиаш роҳату хуррам шавад,
Сад сафар, сад ҷаҳд кардӣ, зинда бош!
Сад зафар, сад фатҳ кардӣ, зинда бош!

То зи бероҳӣ ба раҳдорӣ расем,
Бар кулаҳдориву доройӣ расем,
То ба кору донишу пайкори хеш,
Даст бо ҳам бар ватандорӣ расем,
Сад сафар, сад ҷаҳд кардӣ, зинда бош!
Сад зафар, сад фатҳ кардӣ, зинда бош!

То ки тоҷик тоҷи худ эҳё кунад,
Парчамашро дар ҷаҳон боло кунад,
Миллати тоҷикро доро кунад,
Тоҷикистон шӯҳраи дунё кунад,
Сад сафар, сад ҷаҳд кардӣ, зинда бош!
Сад зафар, сад фатҳ кардӣ, зинда бош!

## *ИЛҲОМ АЗ РОҒУН!*

Роҳи Абрешим ба Мағриб аз замонҳои қадим,
Риштаҳои дӯстии ҷовидон пайваста буд.
Нораки овозадори мо ба тӯли солиён
Осиёи Марказӣ чун рӯзи равшан карда буд.

Орзуи мо ба тан пироҳоне пӯшида нав,
НОБ-и Сангтӯда ба мардум дод гармӣ, равшанӣ.
Сарзамини камзаминам мешавад шодоб боз,
Марди деҳқон сарбаланду шодияш ногуфтанӣ.

Лек ҳоло гап дигар, овозаҳо шуд дар ҷаҳон,
Асри нав мӯъҷизаҳо орад ба мулки тоҷикон.
Пешвои миллатам Эмомалии нуктадон,
Бо қадамҳои бузургаш сӯи Роғун шуд равон.

То ба ин дам мекашад ӯ миннати ҳамсояро,
Вахш худ ному нишони Мобароннаҳри ман аст.
Лек имрӯз ӯ дигар андар раҳу маҷрои худ
Бо тани тоҷик ӯ монанди як ҷону тан аст.

Тӯҳфаи Яздони пок дар асри нав баҳри Ватан
Рустами Дастон зода модари тоҷики ман.
Подшоҳи давлати ман ҳар куҷо Эмомалӣ
Сарбаланду дастболо ҳаст дар ҳар анҷуман!

## *ЛУТФИ ХУДО*

Ба чашми ақли миллат ӯ зиё шуд,
Ба дарди ақли миллат ӯ даво шуд,
Ба ҷисми ақли миллат муттако шуд,
Ба фарди ақли миллат раҳнамо шуд,
Аз ӯ миллат чу миллат бобақо шуд.

Чу кӯҳе дар раҳи тӯфони шар гашт,
Сипар андар раҳи тири хатар гашт,
Шаби пурбими миллатро саҳар гашт,
Чу хуршеди дигар ӯ шӯълавар гашт,
Ватан аз ӯ чу гулшан дилрабо шуд.

Ҷудоиро зи қавми мо ҷудо кард,
Ба ҳам моро ба мисли қатраҳо кард,
Хирадро бахри мо ӯ раҳнамо кард,
Равон моро ба зери як ливо кард,
Ки фахри мо ба мо аз мо раво шуд.

Кунун моро замон бо ӯ шиносад,
Кунун моро ҷаҳон бо ӯ шиносад,
Замину осмон бо ӯ шиносад,
Чу қавми ҷовидон бо ӯ шиносад,
Ки ин бо амру бо лутфи Худо шуд.

Зиҳӣ ин садри сар то по ҷасорат!
Зиҳӣ ин марди сар то по маҳорат!
Зиҳӣ ин марди сар то по адолат!
Зи фардои дурахшон бобашорат,
Ки аз ӯ то ба гардун тоҷи мо шуд!

## *ТОҶИКАМ, АЗ КИШВАРИ РАҲМОНИЯМ*

Ман на хуҷандию на хатлониям,
Ман на ҳисорӣ, на бадахшониям.

Аз муғулу манғиту шайбонӣ не,
Асл зи Сосонию сомониям.

Тори худу пуди худ ар во кунам,
Ман аҷамам, не арабистониям.

Қиблаи ман хоки дари кӯи дӯст,
З-оташи Зардушт мусулмониям.

Сураи нур аст Авасто маро,
Арзи муқаддас дили инсониям.

Аҷнабиён тахти маро бурдаанд,
Лафзи дарӣ, тахти сулаймониям.

Тоҷ шудам бар сари бесар агар,
Шеър бишуд афсари султониям.

Ҷамъ шудам, мушт бишуд панҷаҳо,
Тарсад аз ин мушт парешониям.

Одами комил шудаву хат задам
Ҷангу набард аз хати пешониям.

Номи маро давлати дунё шинохт,
Тоҷикам, аз кишвари Раҳмониям.

## *П О К М А Р Д*

Покмардо, он чӣ гӯям, камтарин тасвири туст,
Ҳар чӣ мо имрӯз дорем, аз раҳи тадбири туст.

Тоҷикистони парешонгаштаро кардӣ ту ҷамъ,
Мардуми ин сарзаминро бозовардӣ ту ҷамъ.

Дар хатар бигзоштӣ ҷони азизи хештан,
То набинад оташи ҷанги дигар халқу Ватан.

Бо туфайли заҳматат тоҷикро олам шинохт,
Ваҳдати нав, давлати нав, тоза истиқлол сохт.

Боварӣ дорам, ки баҳри рушди фардои Ватан,
Дар раҳи ободиву озодии ҳар марду зан.

Харҷ созӣ нерӯи беинтиҳои хешро,
Бори дигар мекунӣ собит вафои хешро.

Сарвари арзандаи миллат будан кори ту аст,
Баски баҳри халқ дилсузӣ, Худо ёри ту аст!

## *БА САДРИ ОЛИ СОМОН ҶОНИШИНӢ*

Сафири осмонҳо бар заминӣ,
Ба тоҷи бахти Меҳан чун нигинӣ,
Туйӣ арзандаи бахту саодат,
Ба садри Оли Сомон ҷонишинӣ.
Зи дастат кафтари Ваҳдат парафшон,
Саодатро дар Истиқлол бинӣ.
Нигоҳи халқ пойандози меҳрат,
Ба ҳар як хона хуршедофаринӣ.
Азизи халқи дунёӣ чу Юсуф,
Чу Хатлони азизат нозанинӣ.
Ситоракорвони бахт аз ту,
Самои меҳрро исторачинӣ.
Ба тасбеҳи малак номи ту гардон,
Ба некӣ дар хаёли ӯ чунинӣ.
Саногӯи ту гул рӯёнад аз хок,
Дуое дар лабони ёсаминӣ.
Адиба сад чаман гӯяд дуоят,
Сазовори ҳазорон офаринӣ!

*Азиз Авзалзода*

## *ШОҲИ ШОҲОН БОШЕД !*

Хоҳам, ки ҳамеша шоҳи шоҳон бошед!
Донои ҳама чу Оли Сомон бошед!
Хоҳам, ки ҳамеша тоҷ бар сар гардед,
Иқболи баланди тоҷдорон бошед!
Дарду ғами даҳрро набинед абад,
Монанди гуле ҳамеша хандон бошед!
Эй марди накӯ, эй адолатпеша,
Эмоми замону нури Раҳмон бошед!
Бошед ҳама умр Ҳумои сари мо,
Дар ҳифзи Ватан Рустами Дастон бошед!
То умр бувад ҷавону марди оқил,
Садри аъзаму даҳои моён бошед!
«Хуршедсифат басо ҷаҳонгир шавед»,
Ингуна далеру марди майдон бошед!
Дар анҷумани сулҳу салоҳи олам,
Оташсухану оқилу даврон бошед!
Мо пиру ҷавон ҳама саногӯи Шумо,
Фарзанди азизи Тоҷикистон бошед!

## *МАҲБУБИ ТОҶИКОН*

Меҳрат ба дили пиру ҷавон хоҳад монд,
Номат ба ҷаҳони ҷовидон хоҳад монд.
Хубии туву кори накӯят ҷовид,
То ҳаст замину осмон, хоҳад монд.
Дар мартаба баски як ҷаҳоне ҳастӣ,
Васфат ба абад дар ин ҷаҳон хоҳад монд.
Шуд шуҳра зи азмат Оли Сомон аз нав,
В-ин азм ба шеъру достон хоҳад монд.
Ту ҳомии сулҳу ваҳдатӣ дар кишвар,
Номат ба абад ба ҳар забон хоҳад монд!
Баски туӣ бебаҳотарин сарвати халқ,
Меҳри ту ба нури дидагон хоҳад монд.
Азбас ғами тоҷикони дунё ғами туст,
Номат чу ҳабиби тоҷикон хоҳад монд.
То он ки туӣ сарвари ин халқу диёр,
Ин мулк чу боғи гулфишон хоҳад монд!

*Алидоди Чароғабдол*

## *ПЕШКОРИ АҚЛ*

Субҳи Истиқлол нури зиндагӣ,
Бо зиё дар роҳи дури зиндагӣ.
Мекушояд бахти мо, тақдири мо,
Дар ҷаҳону дар ҳузури зиндагӣ.

Номи неки ориёӣ зинда шуд,
Баркамолу дар замин поянда шуд.
Нури фарҳанг аст халқи тоҷдор,
К-аз зуҳури зиндагӣ тобанда шуд.

Тоҷик акнун тоҷи Сомонаш гирифт,
Кишту боғи сабз деҳқонаш гирифт,
Илму фарҳангаш биҷӯяд бахти он,
Дар сиёсат нури Раҳмонаш гирифт.

Чун Алӣ Шоҳу Имому ҳамдам аст,
Пешкори ҷумла ақли олам аст,
Мекунам шукрона з-он к-ин марзу бум,
Ин замон пушту паноҳи одам аст.

*Алиҷони Сарбандӣ*

## *ШОҲИ МО*

Ассалом, эй сарвари воломақом, эй шоҳи мо,
Ассалом, эй он ки равшан менамоӣ роҳи мо,
Мо сари таъзим пеши ту фуруд орем, чун
Ин ту ҳастӣ раҳбари хушбину некӯхоҳи мо.

Қалби мо аз мақдами ту шавқу шӯри нав гирифт,
Пур зи шодӣ гашта дил, бар худ сурури нав гирифт.
Эй Ҷаноби Олӣ, аз файзи қадамҳои Шумо
Шаҳри Сарбанди азизам боз нури нав гирифт.

Тоҷикистонро чу ҷаннат сабзу хуррам кардаӣ,
Миллати худро зи нав машҳури олам кардаӣ.
Баски аз халқи бузурги хеш дорӣ ифтихор,
Эҳтиром аз ҳазрати Имоми Аъзам кардаӣ.

Шукр мегӯям Худоро сарвари мо гаштаӣ,
Бо шарори меҳри худ пайванди дилҳо гаштаӣ.
Тоҷикистонро намуда дар ҷаҳон овозадор,
Обрӯи тоҷикони рӯи дунё гаштаӣ!

## *ПАЁМ БА НАСЛИ НАВИН*

Дар мақоме зиндагӣ омӯхтем,
Дар шаби торе чароғ афрӯхтем.
Бар замона чашми равшан дӯхтем,
Гаҳ чу парвона дар он месӯхтем.
Чун самандар боз эҳё мешудем,
Дар пайи таъмири дунё мешудем.
Бо шикасту басту шасти зиндагӣ.
Рӯ ба рӯ гаштем бо тобандагӣ.
Гармиҳои регзорон хӯрдаем,
Ҷони худ то чашмасорон бурдаем.
Аз биёбоне хиёбон сохтем,
Кӯшкҳову шаҳрҳо андохтем.
Дафтару шеъру китоб эҷод шуд,
Гаҳ хирад дар банду гаҳ озод шуд.
Дар тапидан чун ҳубобе рӯйи мавҷ,
Гаҳ парешону гаҳе дар мавҷи фавҷ.
Дар шитоб астем, то бошем зӯр,
Аз ҳисоби кӯдакон бошем дур.
Бо ҷидду ҷаҳде ҳунар бояд гирифт,
Рӯзгоре бо зафар бояд гирифт.
Кӯшиши мо, то ки доно бар шавем,
Бар замона ҳокиму сарвар шавем.
Кӯшиши мо, то ки пирӣ дур бод,
Мол дар дасту фақирӣ кӯр бод.
Мешитобему пайи армони мо,
Гум шуда дар нафси бад фарҷоми мо.
Чун насиби зиндагонӣ доштем,
Заҳмати нон, боғбонӣ доштем,
Дар паноҳи кӯҳсорон ҷойи мо,
Рӯйи обу чашмаҳо маъвои мо.

Такя бар имону кӯҳистон задем,
Бар умеду хотири инсон задем.
Ғам ҳамеша паҳлуи мо ҷой дошт,
Чун алам, озорҳо ҳампой дошт.
Лек бо озорҳо рӯйидаем,
Бар умеди шодиҳо ҷӯлидаем.
Зери ин афлок тобонем мо.
Бо Ватан озоду хандонем мо.
Бо насими кӯҳсорон ҷон бигир,
Осмони хештан эҳсон бигир.
Нағмаи нав, сози дигар ёд кард,
Киштаи нав, коҳи дигар бод кард.
Ҳар кӣ донад, аз ниёз ояд бурун,
З-ин раҳи дуру дароз ояд бурун.
Сард н-ояд дуди оташдони мо,
Гармӣ мегирад тани мо, ҷони мо.
Шӯъла зад аз оҳи мардум ахгаре,
Тирашабро мешикофад ахтаре.
Чун бувад Эмомалӣ ғамхори мо,
Нур гирад водиву кӯҳсори мо.
Ошён гирад дар ин кунҷу канор,
Сабз мегардад саройи кӯҳсор,
Медамад субҳу Замин хандон шуда,
Бозгардад ҷони саргардоншуда.
Дар Ватан, дар хеш меёбад мақом,
Дар Ватан бо хеш мегирад низом.
Бори ғамро бо Ватан хоҳад кашид,
Лаззати ҷон бо Ватан хоҳад чашид.

## *БУНЁДИ ВАҲДАТ*

Аё, эй мардуми покизабунёд,
Туӣ ваҳдатсаро ҳам ваҳдатэҷод.
Дилат поку ду дастат поку номат,
Бинои ҳастии ту покбунёд.

Ҳазорон шукри Ҳақ, ки дар амонем,
Зи Мавлонои Румӣ мо бихонем:
«Биё то қадри якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ зи якдигар намонем».

Ҳама бунёди мо бунёди Ваҳдат,
Мароми мо ҳама сулҳу саодат.
Ниҳоди мо чунон оби зулолест,
Ки саҳни осмон бидҳад шаҳодат.

Зиҳӣ, меъмори сулҳи Тоҷикистон,
Бинои давлати нав карда бунён.
Аз ин ақлу амал, з-ин роҳу тадбир,
Шуда фархунда рӯҳи Оли Сомон!

*Амирсултони Наботзод*

## *САРВАРУ ҲАМРОЗИ МО*

Сояи Ҳақро бубин, имрӯз дар Дарвози мо,
Сарвари моро, бубин, шуд ҳамдаму ҳамрози мо.
Сулҳу ободӣ намуду тоҷиконро гирд кард,
Офарин бар азму ҷаҳди раҳбари мумтози мо.
Васфи роҳҳоро бигӯям, ё ки аз пулсозиҳо,
Барқ ҳам бошад фурӯзон дар ҳама Дарвози мо.
Ин Ҷаноби Олиро, ё Раб, нигаҳбонаш бишав,
Ҳеҷ кас набвад аз ӯ беҳ мӯнису дамсози мо!

*Амиршоҳи Хатлонӣ*

## *САВГАНДИ ПРЕЗИДЕНТ*

Барои қисмати шӯрам бигирям,
Барои бахти ноҷӯрам бигирям.
Чи гӯям қисмат охир ончунон кард,
Ки тоҷикро Худованд имтиҳон кард.
Диҳам қавле ман аз рӯи вафояш,
Агарчанде гарон бошад адояш.
Намонад то ғарибе фарди тоҷик,
Шавад ёрони дурафтода наздик,
Ҳама андар сари як хон нишонам,
Ки шояд баъди он осуда монам.
Маро ваҳдат шиори ифтихор аст,
Саропои вуҷудам нангу ор аст.
Заминам маскани файз асту эҳсон,
Зи ҳар доне диҳад ҳосил фаровон.
Пайи сарсабзии ин хок бошам,
Пайи шодии халқам дар талошам.
Намонад то ғарибе дар ғарибӣ,
Кунам дармонталабҳоро табибӣ.
Ба ҷуз ваҳдат намедонам давоям,
Суруди дӯстиро месароям.
Биё, эй ҳамватан, бар мулки худ о,
Кунам меҳри туро дар ҷону дил ҷо.

Бувад ин зиндагӣ бо ту накӯтар,
Ту бо ман, ман туро бошам бародар.
Замоне дар замини серсангам,
Спитамену Муслими банангам.
Адӯҳои Ватанро танг карданд,
Ки бар тан ҷавшане аз нанг карданд.
Ман он авлоди мардони кабирам,
Ба ному шӯҳрати худ беназирам.
Манам охир нишони Оли Сомон,
Дилам сӯзад ба бахту ҳоли Сомон.
Намонад то ба торӣ, нур орам,
Ба ҷои кина тухми меҳр корам,
Ба ҳар бемордил созам табибӣ,
Ватандоре намонам дар ғарибӣ.

## *ҲАФТ САВГАНД*

Ба номи Покяздони ҷаҳонсоз,
Ки олам аз ду ҳарфе кард оғоз.

Сафобахшандаи ин хоку кайҳон,
Равонбахшандае бар ҷисми инсон.

Шабу рӯз офариду моҳу хуршед,
Басо шоми гуворо, субҳи испед.

Ба амраш гул шукуфт андар биёбон
Шуд оғози баҳори умри инсон.

Зи файзи чор аркони ҷаҳондор,
Ҳама сарсабзии ин дашту гулзор.

Хирад густурд андар дори дунё,
Хирад бар мағзи сарҳо кард бас ҷо.

Хирад, к-он мояи ишқи илоҳист,
Ба кас зебанда ҳамчун тоҷи шоҳист.

Чу савганди худ иҷро кард одам,
Намонад дар дили огаҳдилон ғам.

Кунун ин «Ҳафт савганд»-и муосир,
Ки хосу омро созад муассир.

Набошад ҳеҷ қавмеро назираш,
На дар хоки Каён, не дар Сағираш.[1]

Ба гетӣ «Ҳафт савганд»-и навин аст.
Хирад аз ганҷи он меҳрофарин аст.

Калом аз лаҳни сарвар чун давопанд,
Падид омад ба номи «Ҳафт савганд».

1 *Сағираш – Осиёи Сағир дар назар аст*

## *САВГАНД БА НОМИ ПОКИ ХУДО*

Ба рӯи минбар омад он накӯхӯ,
Ҷаҳонмарди худогоҳу накӯрӯ.

Ба пеши бар нишони ориёнӣ,
Парафшон он «Дирафши ковиёнӣ».

Ба номи поки Яздон хӯрд савганд,
Ҳама ҳарфаш накӯ ҳамчун давопанд.

Ҳаме гуфто: накардам ман фаромӯш,
Ҳамон соле гаронӣ буд бар дӯш.

Ҳама бори Ватан бар дӯши ман шуд,
Гаронӣ бори ақлу ҳуши ман шуд.

Ба нерӯву тавону ғайрати хеш,
Ба ҳам овардаам дорову дарвеш.

Ба ҳам пайвастаам халқам саросар.
Ба нерӯву тавон, ақли музаффар.

Ба ваҳдат омада ёрони ҳамхун,
Шуд аз нав қомати хамгашта мавзун.

Бикардам хидмате аз хоксорӣ.
Ба халқу меҳану бар мулкдорӣ.

Ба хони халқ неъматҳо фузун шуд,
Гули рухсори зардаш лолагун шуд.

Ҷаҳон огаҳ зи қавму миллати мо,
Зи халқу меҳани бе иллати мо.

Тамаддунпарвару волонажодем,
Давоми рафтагони зиндаёдем.

Хирад моро раҳонид аз хиёнат,
Дари кинро бубаст он то қиёмат.

Зи нав баргашта он иқболи рафта,
Ба маскан омад истиқлоли рафта.

Мароми зиндагӣ бо роҳи мақсуд,
Агар гардад равона, медиҳад суд.

Ба номи он Худои пок савганд,
Ки пои миллатам во кард аз банд.

Ватан бо дасти ҳам обод созем,
Ҳазорон коргаҳ бунёд созем.

Бубахшам ҳастию қалбу тавонам,
Ба халқу кишвари пайванди ҷонам.

Зиҳӣ, эй халқи бо фарҳангу бедор,
Ки доноиву бономусу боор.

Зи ҷону дил ба номи Покяздон,
Ҳаме савганд хӯрд он марди майдон.

## *САВГАНД БА ШИРИ САФЕДИ МОДАРАМ*

Ду чашмамро ба олам во намудӣ,
Ба қалбам ишқи меҳан ҷо намудӣ.

Зи меҳрат ман ҷаҳон дидам чӣ бисёр,
Ва шоҳони замон дидам чӣ бисёр.

Ба ёдам меҳану меҳри ту доим,
Сафои тозаи чеҳри ту доим.

Вале аз баҳри халқу меҳани хеш
Сафарҳои фузун меоядам пеш.

Ба бахти ин Ватан ҳам халқи тоҷик,
Ба мо пайваст он ёрони наздик.

Паи таҳкими истиқлоли кишвар,
Либоси нанг халқам кард дар бар.

Ба сарсабзии меҳан дар такопӯ,
Зану марду ҷавонони парирӯ.

Ватанро эътимодобод карданд,
Хаёли пучи душман бод карданд.

Ба шири поку испеди ту савганд,
Ба ҳар армону умеди ту савганд.

Ба халқ аз қалбу ҷон хизмат намоям,
Ба ранҷурон дари шафқат кушоям.

Ба шири поку испеди ту савганд,
Ки хоҳам кард халқи хеш хурсанд.

Кунам савганд ёд, эй модари ҷон,
Ки созам меҳанамро чун гулистон.

Ҳазорон ҷашну хурсандӣ биёрам,
Ба ин сарчашмаи авҷу барорам.

Бароям ҳар дуоят раҳнамо аст,
Чу теғи Бӯалӣ мушкилкушо аст.

Ба ҳар як қатраи шири ту савганд,
Ба ҳар як панду тадбири ту савганд.

Маро шири сафедат болу пар дод,
Асои Хизр дар роҳи сафар дод.

Хирад андар вуҷудам кард бас ҷо,
Ҳама ҳарфат ба қалбам кард маъво.

Ба роҳи ростӣ кардӣ ҳидоят,
Зи каҷроҳӣ маро кардӣ ҳимоят.

Зи баҳри донишу ирфону матлаб,
Ту гаштӣ раҳнамоям то ба мактаб.

Ба қалбам ишқи Меҳан ҷо намудӣ,
Ду чашмамро ба олам во намудӣ.

Каломи нарму пурандарзи модар,
Маро дар зиндагонӣ ҳаст раҳбар.

## *САВГАНД БА ДУОИ НЕКИ ПАДАРОНУ МОДАРОН*

Дуои пирмардони барӯманд,
Кушояд банди роҳи некфарзанд.

Падар-Модар ризо бошад зи корат,
Фузун гардад ҳама ҷо эътиборат.

Намо хизмат, ки модар меҳрубон аст,
Падар дар марзи нангат посбон аст.

Азизони бааҳду кордида,
Гулистон дидаву гаҳ хор чида.

Зи торихи диёри хеш огаҳ,
Зи нуқсону барори хеш огаҳ.

Ҳама огаҳ зи ранҷурии даврон,
Зи захми ханҷару аз тиру пайкон.

Намуда зиндагонӣ баҳри фардо,
Барои Меҳану ҳам ҳастии мо.

Ба мо мероси аҳди Ориёнӣ,
Бувад ганҷи маони ҷовидонӣ.

Дуои он ниёкони хирадманд,
Ниёишҳои эшон беҳтарин панд.

Ба гӯшам чун азони ҷовидон аст,
Маро он раҳнамое дар ҷаҳон аст.

Ҳама аз сулҳ буд фарёди эшон,
Ки Ҳақ шояд расад бар доди эшон.

Санои он бузургони хуҷаста
Миёни кӯҳнаву нав меҳр баста.

Каломи хайри пирон ҳамчу ҷавшан,
Сипар гардад ба тан аз тири душман.

Азизону бузургони барӯманд,
Ба номи некатон сад бор савганд.

Ба бахти миллати озодпарвоз,
Ҳаёти тозае гардид оғоз.

Набигзорам, ки халқам хор гардад,
Ба пеши нокасу кас зор гардад.

Ватанро ман бидонам ҳамчу модар,
Бузургу кӯчакаш бар ман баробар.

## *САВГАНД БА НОНУ НАМАКИ ДАСТАРХОНИ ПИРУ ҶАВОН*

Дигар савганди ман бар хони неъмат,
Ба нони суфраи мардони ҳиммат.

Ҳамеша суфраи халқам кушода,
Дар он нон баҳри ҳар фарде ниҳода.

Нишастам гирди дастархони мардум,
Чашидам аз намак, аз нони гандум.

Бувад ҳар панд чун борони раҳмат,
Ба кишти сабзгуни бахту қисмат.

Набояд, ки хато бошад ба корам,
Ватанро чокару хизматгузорам.

Набигзорам замони мулкдорӣ,
Ки халқам рӯ ба рӯ ояд ба хорӣ.

Қасам бар хони пур аз нони мардум,
Қасам бар хӯшаи пурбори гандум

Ки обу нони мо доди илоҳист,
Дили мо доимо шоди илоҳист.

Зиёда мардуме аз мо намак хӯрд,
Хиёнат кардаву аз мо намак бурд.

Валекин ганҷи яздонӣ фузун аст,
Ғурури носипосон сарнагун аст.

Муяссар шуд чу бар хоне нишастан,
Намешояд намакдонро шикастан.

Касе қадри намакро гар надонад,
Яқин дон, дар ҷаҳон ҷоҳил бимонад!

Намак - он ҳадяи ганҷи Худованд,
Тавон бахшад ба тан, бар ком чун қанд.

Замоне[1] бо намак савганд кардам,
Ватанро ман раҳо аз банд кардам.

Шикаст он сеҳри деву банду ҷоду,
Шуда раҳ во ба зӯри дасту бозу.

Надорад ғам Ватан дар қалбу ҷонаш,
Худоё, кун биҳишти ҷовидонаш!

Дар ин Меҳан фузун аст оби дарё,
Ба мислаш нест андар рӯйи дунё.

Шавад равшан аз ин обу аз ин барқ,
Ҳама шабҳои тори олами Шарқ.

Замини ин Ватан бас босаховат,
Пур аз ганҷ асту нарму бо ҳарорат.

Ҳама сайъу талошам баҳри кишвар,
Шавад то зиндагии халқ беҳтар.

Баҳамоӣ зи ғам моро раҳо кард,
Ба ҳам пайвасту бо ҳам ошно кард.

Набигзорам, ки тоҷике ба олам,
Зи ғам озурда бошад бо сари хам.

Шиори халқ сулҳу парчамаш нанг,
Чу пайвандаш зи илм асту зи фарҳанг.

Ба савгандам басо ман устуворам,
Ҳамеша зери бори нангу орам.

1 *Нахустин савганд дар назар аст.*

*САВГАНД БА ОБУ ХОКИ МУҚАДДАСИ ВАТАН, КИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҚДИРИ ИМРӮЗАВУ ОЯНДАИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ ТОҶИКРО БА ДӮШ МЕГИРАМ*

Ба обу хоки поки Тоҷикистон,
Ки бар ман гарди роҳаш беҳтар аз ҷон.

Муқаддас аз бароям сангу хокаш,
Ҷаҳон огаҳ зи файзи оби покаш.

Бубахшам ман тавону ғайрату ҷон,
Ба имрӯзу ба фардои дурахшон.

Ватан бар оби ҷонбахши ту савганд!
Ба Панҷу Сиру бар Вахши ту савганд!

Ватан бо дашти гулрези ту савганд!
Ба ҳар каф хоки зархези ту савганд!

Қасам бар қуллаҳои сарбаландат,
Ҳамефахрам зи ганҷи дилписандат!

Кунун бар дӯши ман тақдири халқ аст,
Вуҷудам сарфи ҳар тадбири халқ аст.

Зи торих огаҳам, халқам ба фарҳанг,
Нагардад мушкиле ҳал аз раҳи ҷанг.

Ҳамеша парчами Ваҳдат баланд аст,
Ки сулҳи мо ба олам бас писанд аст.

Ватан осудаву дур аз ғаму дард,
Хирадмандона бояд зиндагӣ кард.

Раҳи созандагӣ пайванди мақсуд,
Ба зудӣ оварад аз баҳри мо суд.

Чу мо бунёдкорӣ пеша дорем,
Ба фардои Ватан андеша дорем.

Бимонад ваҳдат аз мо ёдгорӣ,
Набинад халқи мо оянда хорӣ.

Ба рӯи оламиён дар кушода,
Қудуми дӯстон болои дида.

Ҷаҳон огаҳ зи ҳар авроқи тorих,
Кӣ истора, кӣ моҳ асту кӣ Миррих?

Ватан, эй ҳастиям, эй сарнавиштам,
Шукуфон дар замин боғи биҳиштам.

Миён бастам ба ҳифзу хидмати ту,
Сарафрозам зи файзу ҳиммати ту.

Ба номи чор аркони Худованд,
Кунам хизмат ба халқам ҳамчу фарзанд!

Ба ҷуз ин раҳ маро роҳи дигар нест,
Ба ҷуз аз роҳи ҳақ роҳи сафар нест.

Ватан сад шукри иқболи баландат,
Ватан сад шукри ҳар андарзу пандат.

## *САВГАНД БА ҶОНИ ҲАФТ МИЛЛИОН ФАРЗАНДОНИ ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ, КИ ТАМОМИ ҲАСТӢ, НЕРӮВУ ҒАЙРАТ ВА ТАҶРИБАВУ ИРОДААМРО БАРОИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ МЕБАХШАМ*

Тамоми ҳастиву нерӯву ғайрат,
Бубахшам баҳри ин халқи баҳиммат.

Натарсам, мушкилоте оядам пеш,
Фузун ман огаҳам аз ҳастии хеш.

Маро дар зиндагонӣ ҳаст мақсуд,
Ки халқамро барам бар ҷодаи суд.

Ливои миллатам дар Кохи дунё,
Нишона аз фараҳмандии дилҳо.

Ба аҳли ин ҷаҳон пайванд гаштем,
Раҳо аз ранҷу дарду банд гаштем.

Замони рушди илм асту маориф,
Бибояд парварем инсони воқиф.

Басуръат бас равон илми замона,
Ки андар осмон кард ошёна.

Набояд мо бурун гардем аз ин раҳ,
Аз он роҳе, ки олам ҳаст огаҳ.

Қасам бар ҷони поки кулли миллат,
Ба халқи солиму бе дарду иллат!

Ватан озоду халқи мо бафарҳанг,
Шиори зиндагиаш парчами нанг.

Ба ин бозуву ин ақлу заковат,
Ба ин тадбиру ин фазлу сиёсат,

Ватан аз хишти нанг обод созем,
Ба тарҳи тозае бунёд созем.

Басо сарват фузун дар Меҳани мо,
Нумӯ дорад баҳори гулшани мо.

Дурахшон офтоби пурзиёяш,
Биболад рӯҳ аз боду ҳавояш.

Ватан сарчашмаи бахти баландам,
Китоби ҳикмату андарзу пандам.

Ба ҷони ҳар як инсони ту савганд,
Ба хону неъмати хони ту савганд.

Ба ҳифзат – даргаҳи умеду армон,
Агар лозим биёяд медиҳам ҷон.

Зиҳӣ, эй кишвари бофайзи олам,
Набинад мардумонат то абад ғам!

## *САВГАНДИ САДОҚАТИ ФАРЗАНДОНИ ВАТАН БА ПРЕЗИДЕНТ*

Муборак бод ин пайванди Меҳан,
Ҳумоюнбахт, эй фарзанди Меҳан!

Зи файзи гоми ту осоиши мо,
Дари дилҳо ба рӯи дӯстон во.

Замоне ин Ватан зери хатар буд,
Писар бегона аз меҳри падар буд.

Ватан месӯхт андар оташи кин,
Набуд андеша касро аз дилу дин.

Гурӯҳе тарки ин хоку Ватан кард,
Гурӯҳе аз матои ғам кафан кард.

Паси сангар нишаста ду бародар,
Ба рағми якдигар бо теғу ханҷар.

Намонда эътибори ҳукму савлат,
Хамӯшӣ пешаи қонуну давлат.

Фаромӯши ҷаҳон ин Меҳани мо,
Матои ғам шуда пероҳани мо.

Ватан озурда аз тиру камон буд,
Камонвар ҳокими давру замон буд.

Сиёсатпешаҳои ҳизби сарвар,
Чу тарсу дар фирор аз хоки кишвар.

Ватан чун модарон маҳзуну ғамдор,
Пур аз ғам чашм сӯи субҳи дидор...

Ба амри қисмати ин халқи мазлум,
Сурӯш аз субҳ омад, бар шаби шум.

Ҳама бар хони ободӣ нишастем,
Барои рафъи бедодӣ нишастем.

Замоне даъватат бар тахт карданд,
Ватанро рӯ ба рӯ бо бахт карданд.

Нахустин ҳарфи некӯ аз забонат,
Бурун омад зи мағзи қалбу ҷонат.

Ба ишкели сияҳ печида ваҳдат,
Басо душвор буд он роҳи қисмат.

Худованди ҳама олам ҳабибат,
Намуда бахту рӯзиро насибат.

Ба сӯи сулҳу ваҳдат раҳ кушодӣ,
Ниқоб аз рӯи шеду маҳ кушодӣ.

Ҷасорат бо хирад пайванд кардӣ,
Забони кинаварзон банд кардӣ.

Кушодӣ бар вафову меҳр оғӯш,
Ки то гардад ғами дерин фаромӯш.

Ҷаҳон огаҳ аз иқболи баландат,
Зи халқу сарзамини дилписандат.

Кунун савганди мо аз қалбу аз ҷон,
Пазир, эй Раҳбари боаҳду паймон:

Ба нанги ин Ватан якҷону яктан,
Ба ҳифзаш ҷавшанем ӯву туву ман.

Ба ҳар фармону амрат, эй Ватандор,
Саф ороем сарбозони боор.

Наметобад зи фармонат касе сар,
На мардони қаториву на афсар.

Ҳумоюнбахт, эй фарзанди Меҳан,
Ба ҳар иқдоми ту сад бор аҳсан!

Кушодӣ чорсӯи бахти кишвар,
Бубахшидӣ шукӯҳи тахти кишвар.

## *ХОТИМА*

Бад - ин сурат ба номи Покяздон,
Дурахшон дар нигоҳаш нури имон.

Ба шири поки модар хӯрд савганд,
Ба панди он азизони барӯманд.

Ба дастархони ҳар як пиру барно,
Ба нону неъмати халқи тавоно.

Ба обу хоки аҷдодию кишвар,
Ба ҷони кулли халқи худ саросар.

Ҳама савганд қисмат шуд ба шаш бахш,
Ва савганди дигар шуд инчунин пахш.

Пазираш, эй ҳумоюнбахт фарзанд,
Аз ин миллат, ки бо ту ҳаст пайванд.

Фузун некӣ ба халқи хеш кардӣ,
Сахо аз баҳри мардум беш кардӣ.

Китоби сарнавишт аз сулҳ рангин,
Намонд андар вуҷуди мардумон кин.

Ба ҳар як амру фармонат, Ватандор,
Ҳама омодаем аз баҳри пайкор.

Ба дасти ҳам Ватан обод созем,
Ҳазорон коргаҳ бунёд созем.

Санову ҳамд бар Яздони оқил,
Бар он донандаи асрори ҳар дил.

Атои ҳақ ба бахти халқу кишвар,
Ҷаҳоногаҳ, сиёсатдону Сарвар!

Бимонаш ҷовидон бар бахти тоҷик,
Биафзояд шукӯҳи тахти тоҷик!

## *САНО*

Забон ба ком кашад душмани данӣ[1] имрӯз,
Ки ҳақ ҳақ асту нагардад дурӯғзан пирӯз.

Набошадам зи Худо илтиҷои дигар ҳеҷ,
Ки аз дасисаву тӯҳмат даҳони душман дӯз.

Худой дода ба ту чашму ақли равшанбин,
Ки мешиносӣ аз ашрор марди хайрандӯз.

Саодати ватани хору халқи мискин буд,
Ки омадию шуд он шоми тори пурғам рӯз.

Надошт собиқа он корҳо, ки кардӣ ту,
Абад кунун ба сари мо чароғи шон афрӯз.

Туро, ки маъдалату[2] шӯҳрати ҷаҳонгир аст,
Ба ҷост низ чунин шоири ҷаҳонафрӯз.

Ба бандагӣ натавон гуфт шеъри оламгир,
Ки аз ғулом наояд сухан баланд бурӯз[3].

Насиби мо зи ту озодагию озодист,
Ки сарафроз ба дунё шудему хуррамрӯз.

Ба даҳр ҳар чӣ бигӯям, санои давлати туст,
Манам, ки шоири аҳди Эмоми ҳақомӯз.

---

1 . *Данӣ – нокас, паст.*
2 . *Маъдалат – адлу инсоф.*
3 . *Бурӯз – ба зоҳир омадан.*

## *ТАМАННИЁТИ СОЛИНАВӢ*

Офаринат,
Офарино,
Кӯшиш аз ҷон мекунӣ,
Сарварии тоҷикону Тоҷикистон мекунӣ!
Аз саронаш буд парешонии тоҷик пештар,
Ту кунун ҷамъоварии ин парешон мекунӣ.
Мешикофӣ синаи Варзобу Дарвози куҳан,
Пойи моро вораҳон аз банди зиндон мекунӣ.
Муттакои ту камону ханҷару сарнайза нест,
Иттико бар қудрату иршоду ирфон мекунӣ.
Рӯҳи Турсунзодаву Айниву Бобоҷон Ғафур,
Шод аз ту, чунки таҷлили бузургон мекунӣ.
«Шашмақом» аз ҳиммати ту боз гардад зинданом,
«Гулшан»–у «Гулрез»–ҳоро ғулғулафшон мекунӣ.
Ҳам Худоят меҳрбону ҳам расулат пуштибон,
Эҳтиёту эҳтироми дину имон мекунӣ.
Поку софу беғубор омоли мардум то бувад,
Нашри Овастову тафсироти Фурқон мекунӣ.
Санъати алломагонро рушду вусъат медиҳӣ.
Бозгӯйи саргузашти ҳамтаборон мекунӣ.
Ояти бунёдкорӣ раҳнамоят гаштааст,
Ҳар куҷо дашт асту ёвоне, гулистон мекунӣ.
Соате фориғ зи Роғуну зи Шоҳон нестӣ,
Тоҷикистонро биҳиштосо чароғон мекунӣ.
Ориёнро қимату арҷи камоҳӣ медиҳӣ,
Шамъи фахру шаъни эшонро фурӯзон мекунӣ.
Дӯш куштан буд насиби шоҳу султону вазир,
Иззату икромҳо дӯшина шоҳон мекунӣ.
Дӯш зан буду мақомаш бартар аз арзан набуд,
Бар сари мардонашон имрӯз султон мекунӣ.
Ту намебандӣ дари моро бар рӯйи ҳамбарон,
Сарфарозӣ аз вуруди хоксорон мекунӣ.

Як замон афтода буд аз тори тоҷик тори зар,
Тоҷи заррин зеби тори тоҷдорон мекунӣ.
Бо талошу заҳмату пиндору рафтори накӯ
Тоҷиконро миллати хушрӯзи даврон мекунӣ.
Баски диҳқонзодайӣ, бо обу гил дил додайӣ,
Донапошонро фару фарҳат фаровон мекунӣ.
Деги тоҷик то бувад ҷӯшону нонаш равғанӣ,
Синаро дар тобаи номус бирён мекунӣ.
То нагардонад ғуборолуда чашми тоҷике.
Гарди роҳу ҷодаҳоро бори мижгон мекунӣ.
Бас каёнизодайӣ, масти каёнибодайӣ,
Раҳнамунат суннати Дорову Сомон мекунӣ.
Шераку Аҳмадшаҳу Бӯмуслим аз ту шодмон,
Ҳифзи меҳан дар сафи мардони майдон мекунӣ.
Пос медорӣ забони модариро чун ҳаёт,
Во ба рӯйи мардумон ин маъдану кон мекунӣ.
Душманат нодида мегирад зафарҳои туро,
Корвон аммо равон бар мулки эҳсон мекунӣ.
Гар кунад чанде бадӣ, бархе намоёнад дадӣ,
Панди пиронро ба гӯшаш хонда инсон мекунӣ.
Дар ҳама корӣ музаффар,
Дар ҳама ҷо мӯътабар,
Чунки такя бар вафову сидқу виҷдон мекунӣ!
Ту назаркарди Худойӣ, ёри ту бодо Худо,
Ман аминам, Тоҷикистонро дурахшон мекунӣ!
Дарди мо бисёру саъби мо зиёд аст оқибат
Дардамон дармону мушкилҳо ту осон мекунӣ!
Тоҷикистон Каъбаи уммеди ҳар тоҷик шуда,
Чун Бухоро ту Душанбе шаҳри хосон мекунӣ!
Парчами Сомониёнро бори дигар парфишон,
Интибоҳе дар Вароруду Хуросон мекунӣ!
Офаринат, офарино, Сарвари мо, шод зӣ,
Баски халқу кишварат шодобу шодон мекунӣ!

## *МАҲБУБИ ҶАҲОН*

Шаҳриёро, марди чун кӯҳи диёр
Бо матонат, босалобат, бовиқор.
Чун сарафрозӣ ту то чархи барин,
Бод маҳкам мақдамат андар замин.
Решаат маҳкам бувад мисли чанор,
Шоху баргат сабзу хуррам чун баҳор.
Чеҳра нуронӣ чу хуршеди само,
Қалби ту рӯшан зи анвори вафо.
Бо Ватан чун ҷону тан пайванд ту,
Халқи моро беҳтарин фарзанд ту.
Қалби ту оинаи поки Ватан,
Беғубору тоза чун боғу чаман.
Меҳри миллат дар дили ту ҷо гирифт,
Меҳри ҳар пиру ҷавон маъво гирифт.
Раҳкушоӣ сӯи истиқлол ту,
Бо бузургони ҷаҳон ҳамбол ту.
Бо ту Чину Ҳинду Эрон ёр шуд,
Русу Ҷопон ҳамдаму ҳамкор шуд.
Амрико хонад туро марди кабир,
Ҳам Фаронса баршуморад камназир.
Дар сиёсат оқилу фарзонаӣ,
Мисли хуршеди само якдонаӣ.
Ту абармарди замину ин замон,
Сарвари тоҷику ёри ду ҷаҳон.
Ихтилоф аз байни ноҷӯрон барӣ,
Машриқу Мағриб ба паймон оварӣ.
Рӯ ба ҳам оранд ин ду қисми даҳр,
Аз миён берун намуда кину қаҳр.
Аз дили торики ағёру палид.

Бо ҷасорат ҳифзи Афғон кардаӣ,
Ҳифзи аҳду ҳифзи паймон кардаӣ.
То ки ин ҳамсояи беҳтар зи ҷон,
Соҳибистиқлол бошад ҷовидон.
Шаҳриёро, чун мусалмони асил,
Сарвари шоиставу марди ҷалил.
Ҳамчу ёр оғӯш кард аҳли Араб,
Бо муҳаббат, бо садоқат, бо тараб.
Андаруни хонаи Яздон шудӣ,
То ба авҷи даргаҳи Раҳмон шудӣ.
Лутфи Ҳақ он ҷо туро оғӯш кард,
Дурҷи ҳарфи тозаатро гӯш кард.
Ту таманно кардӣ иқболи баланд,
Тоҷиконро рӯзгори дилписанд.
Тоҷикистон машъали олам шавад,
Саҷдагоҳи поки ҳар одам шавад.
Ҳоҷӣ гардидиву ҳаҷҷат шуд қабул,
Дар дилат Қуръону ҳарфи он Расул.
Каъба гардида зиёратгоҳи ту.
Роҳи ҳақҷӯӣ, муборак, роҳи ту!
Маккаро кардӣ зиёрат, эй ҳабиб!
Ин шараф бар ту муқаррар шуд насиб!
Макка – шаҳри ифтихори муслимин,
Макка – шаҳри эътибори аҳли дин.
Макка – ёри ҳар мусалмони ҷаҳон,
Макка ҳамчун дини мо шуд ҷовидон.
Макка чун байти Худо машҳур шуд,
Макка сабзу Макка ғарқи нур шуд.
Макка – маъвои мулоқоти Худо,
Макка – шаҳри сидқу ихлосу вафо.
Шаҳри маҳбубу муқаддас, шаҳри пок,

Нест шаҳре мисли он дар рӯи хок.
Маккаву Каъба нигаҳдори ту бод,
Қудраташ ҳар ҷо мададгори ту бод!
Шаҳриёро, дӯстӣ худ рои ту
Боғи сулҳу якдилӣ маъвои ту.
Халқи мо гирди ту ваҳдат офарид,
Бо ту пайвасту ғами дунё надид.
Тоҷиконро ту падар гардидаӣ,
Меҳри ҳар тоҷик ба ҷон варзидаӣ.
Миллатат доим саодатёр бод!
Хоб агар буд солҳо, бедор бод!
То ки бишносад худу боло равад,
Бо раҳи ту, сарвари доно, равад.
То бисозад манзили ободи худ,
То навозад дилбари озоди худ.
Бахту иқболи баландаш ёр бод,
Аҳли дил бо ҳамдигар ғамхор бод.
Шаҳриёро, садри кулли тоҷикон,
Мисли дунёиву бахти ту ҷавон.
Тоҷикони рӯи олам шуд ба ҳам,
Бо талошу ҷаҳди ту, эй мӯҳтарам!
Бо ҳама ҳаммилату ҳамкеши худ,
Анҷуманоро шудӣ чун хеши худ.
Тоҷики олам бихонад сарварат,
Дар Ватан ё хориҷ аз он, раҳбарат.
Бо ту биншаста, бигӯяд рози дил,
Чунки ӯ бо туст аз як обу гил.
Аз Ватан бо сӯзи дил гап сар кунад,
Синаашро оташи миҷмар кунад.
Дар масофат гарчи дур аст аз Ватан,
Бо Ватан бошад ба мисли ҷону тан,

Тӯтиёи чашми ӯ хоки Ватан.
«Тоҷикистон, – гӯяд ӯ, - Фирдавси ман».
Меҳри кишвар дар дили ӯ аз ту аст,
Накҳате дар манзили ӯ аз ту аст.
Тоҷикистон дар рухи поки ту дид,
Бо ту ҳар як сӯҳбаташ - рӯзи саид,
Тоҷикони рӯи дунё муттафиқ,
Чун бародар меҳрубон, ёру рафиқ.
Ин ҳама аз хизмати шоёни туст,
Аз муҳаббат, шӯълаи имони туст.
Шаҳриёро, дар ғами олам туӣ,
Дар ғами хушбахтии одам туӣ.
Дар сиёсат роҳи ту ибратпазир,
Роҳи ҳақ, роҳи сафову беназир.
Роҳи ваҳдат, сулҳи кулли устувор,
Роҳи нусрат, ҳамдилии бобарор.
Аҳли илм, аҳли сиёсат дар ҷаҳон,
Гуфта барҳақ: роҳи ту, пайванди ҷон.
Роҳи инсонпарварӣ, созандагӣ,
Роҳи озодӣ зи қайди бандагӣ.
Мӯҷиби омӯзиш асту пайравӣ,
Дилбадасторӣ бувад, роҳи навӣ.
Дар сиёсат офтобосо туӣ,
Ҳамчу Сомон ифтихори мо туӣ.
Дар сиёсат марди ботадбир ту,
Бо назокат марди оламгир ту.
Шаҳриёро, бо ту обод ин диёр,
Шаҳру водӣ, сарзамини кӯҳсор.
Раҳ кушоӣ то ба ақсои ҷаҳон,
Аз дили тоҷик то баҳри дамон.
Роҳи қисмат Шоҳроҳи Ваҳдат аст,

Дастоварди ту баҳри миллат аст.
Файласуфу шоири волоназар,
Кони маънӣ – Бедили вологуҳар.
Гуфта: роҳи кӯҳ бас мушкилгузар,
Роҳи нобобеву пурхавфу хатар.
Байти олии варо бинвиштаанд,
Дар дили ин кӯҳсори сарбаланд:
«Як қадам роҳ аст Бедил, аз ту то домони хок,
Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош»!
Аз ту шуд роҳи хатар роҳи зафар,
Нест биме раҳнавардонро дигар.
Роҳ роҳи мақдами хуршед шуд.
Роҳи бахту толеъи испед шуд,
Мерасад, оре, аз ин раҳ бахти мо,
Нест дигар ранҷи рӯзи сахти мо.
Роҳ – роҳи корвони Ваҳдат аст,
Ҳамнажоди барф, равшанқисмат аст.
Роҳкушо Фарҳоди афкорат матин,
Дар дили хорову дар кӯҳу камин,
Роҳи Ваҳдат – роҳи фардои Ватан,
Роҳи бахту роҳи абнои Ватан.
Шуғли ту, эй дӯст, инсонпарварист,
Ҳамчу хуршеди фалак равшангарист,
Барқи тоҷик то ки боз афзун шавад.
Офтобе дар замин Роғун шавад.
Сангтӯда ҳарду чун шамсу қамар,
Мазҳару милоди анвори зафар.
Тоҷикистон нурборон мекунӣ,
Мушкили Машриқ ту осон мекунӣ.
Шаҳриёро, ориёизебуфар,
Парчами бахт аст хуршеди саҳар.

Шаҳриёро, роҳи ту поянда бод,
Ин раҳи эҳёгарӣ, созанда бод!
Эй дилат хуршед дар роҳи наҷот,
Душманони миллатат мағлубу мот.
Бо ту Меҳан ёфт иқболи баланд,
Дур бод аз хонадони ту газанд!
Эй ҷаҳони нур, эй шамси зафар,
Эй азизи халқи тоҷик, эй писар!
В – эй ғурури ту нишони Ориё,
Сурати марғуби ту ёди ниё.
Эй муборакрӯй марди мӯътабар,
Ифтихори тоҷиконро тоҷи сар!
Зинда бодо ҷашни истиқлоли мо!
Ҷашни бахти оливу иқболи мо!
Ҷашни озодӣ, адолат, ифтихор,
Худшиносӣ, сарбаландии диёр!
Ҷашни Ваҳдат, ҷашни эҳёи Ватан,
Ҷашни илму ҷашни фарҳангу сухан.
Ҷашни пирӯзии соҳибдавлатӣ.
Ҷашни тоҷик ориёи миллате.
Пас муборак бод ҷашни кишварам,
Бар Шумову миллатам – зебу фарам!

## *ИСТИҚБОЛИ БАХТ*

Анҷуманро, ҳамчу шамси шӯълавар,
Сарваре соҳибхирад Эмомалӣ.
Роҳи миллат рӯшан аз анвори ӯ,
Ҳамчу фарзанди шарифе чун валӣ

Ифтихор аз тоҷикон мекард ӯ,
Машъали фазли ҷаҳон эшон буданд.
Дар самои илму шеъру шоирӣ,
Ҳар яке чун ахтари тобон буданд.

Ҳар каломаш гарм аз меҳри Ватан,
Чун кабӯтар қосиди сулҳу сафо.
Бо муҳаббат тоҷикон сарҷамъ кард
Дар Душанбе - маснади меҳру вафо.

Иттиҳоду ваҳдати мо , -гуфт ӯ, -
Шарти иқболу камоли тоҷикон.
Хислати ҳар фарди бонанги Ватан,
Ҳамдилӣ бо мардуми рӯи ҷаҳон.

Дар ҳамин асно ба рӯи саҳна шуд,
Кӯза бар даст ошное меҳрубон.
Ҳамчу пешоҳанги фавҷи мардуме,
Шаҳраҳи Ваҳдат ба ҷон паймудагон.

Ӯ бигуфто: Эй раиси мӯҳтарам,
Шаҳраҳи Ваҳдат зи эҷоди Шумост.
Роҳпаймоён ҳама донистаанд,
Халқи моро хоса имдоди Шумост.

Кӯзаи мо кӯзаи Ваҳдат бувад,
Аз тамоми Тоҷикистон хоки он
Лек он эҷоди аҳли Исфараст,
Заҳмати гулдухтарони поки он.

Ҳамчу барги сабз аз мо тӯҳфае
Бар Шумо бодо, раиси тоҷикон!
Бодаи Ваҳдат бинӯшемаш аз ин,
Бо тамоми тоҷики рӯи ҷаҳон.

Кӯза чун хуршед дар дасти раис,
Сар ба сӯи чархи гардун мекашид.
Гӯиё тоҷик ба истиқболи бахт,
Ҳамраҳи сардори миллат мерасид.

*Ато Мирхоҷаи Нерӯ*

*ЭЪҶОЗИ РАҲМОН*

*Илҳом аз талошҳои хастанопазиронаи бистсолаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи давлату миллатсозӣ.*

Ҳавое, ки мепарварад ҷон, ҳамин аст,
Ҳиҷозе зи эъҷози Раҳмон ҳамин аст.
Чу Одам фитодан ба дунёи ваҳшӣ,
Дар он зистан ҳамчу Инсон ҳамин аст.
Чу Нӯҳи набӣ сохтан киштӣ аз хеш,
Гузаштан зи дарёи тӯфон ҳамин аст.
Чу Мӯсо асо ёфтан аз садоқат,
Буридан бад-он оби Уммон ҳамин аст.
Чу Исо барои гуноҳи ҳама халқ
Намудан сари хеш қурбон, ҳамин аст.
Бироҳим гаштан, шудан андар оташ,
Зи гулхан кашидан гулистон, ҳамин аст.
Ба кунҳи Муҳаммад расидан ба таҳқиқ,
Расидан ба маънии имон ҳамин аст.
Тараҳҳум ба махлуқи Яздон, тараҳҳум –
Ки Инҷилу Тавроту Қуръон ҳамин аст!
Алорағми Тоғут чун Бӯҳанифа
Нишастан дар ишкели зиндон ҳамин аст.
Ҷаҳон сер кардан зи номуси мардӣ,
Ба андарзи мӯри Сулаймон, ҳамин аст.
Ба мардум чу Хизри паямбар ҳама умр
Намудан раҳи оби ҳайвон ҳамин аст.
Наолудани номи поки Алиро
Ба рағми бади номусалмон ҳамин аст.

Қасам бар забардастии Рӯдакиам,
Ки қудсияти Оли Сомон ҳамин аст!
Қасам бар дили поки Мавлои Румӣ,
Ки мақсуди таълими ирфон ҳамин аст.
Қасам бар фари Носири Хусрави пок,
Ки ҷонро супурдан ба ҷонон ҳамин аст.
Қасам бар муноҷоти Саъдии Шероз,
Ки бӯйи «Гулистон»-у «Бустон» ҳамин аст.
Қасам бар каромоти девони Ҳофиз,
Ҳама рози шабзинадорон ҳамин аст.
Қасам бар дилафрӯзии ақли Айнӣ,
Таманнои марди сухандон ҳамин аст.
Набигрифтани миннати душману дӯст,
Ба худ такя кардан чун риндон, ҳамин аст.
Чу Асҳоби Каҳф андаруни мағоке,
Нахуфтан аз ошӯби даврон ҳамин аст.
Пушаймон шудан аз накардан ҳама умр,
Нагаштан зи кардан пушаймон, ҳамин аст.
Ба монанди Данко дил аз сина кандан,
Раҳи халқ кардан фурӯзон, ҳамин аст.
Фурӯ рафтан андар хати «Шоҳнома»,
Аз он сохтан Тоҷикистон ҳамин аст!

*Ашӯр Сафар*

## *ҶОМА*
*(Илҳом аз оши оштии Хуҷанд)*

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ.

Ин қадар ҷома туро зеб диҳад,
Ба рухат акси рухи себ диҳад.
Ба нигоҳам қадамат гулбез аст,
Дар бағал боғу чаман омадаӣ.

Ҷомаи тоза муборак бошад,
Ҳусни шероза муборак бошад.
Раҳи пурнур дар он метобад,
Зи раҳи нурфикан омадаӣ.

Ба ҳамин ҷома дигар банд миён,
Ҷомаро дор нигоҳу мадарон.
Сари ҳар риштаву кӯкаш бахт аст,
Бахт дар бар ба Ватан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ панаҳҷо бар мо,
Қимат аз сарвати дунё бар мо.
Шарафат бод, ки ҳиммат карда,
Зӯр бар ҳилаву фан омадаӣ.

Тирамаҳ ранги баҳорон бигрифт,
Зиндагӣ аз сари нав ҷон бигрифт.
Оби ҷӯ соф шуд аз хуноба,
Марҳами реши бадан омадаӣ.

Ҷомаи Сулҳ ба тан омадаӣ,
Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.
Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?
Сар-сари дидаи ман омадаӣ.

*Аҳмадалӣ Набиев*

## *РОДМАРД*

Эй Ҷаноби Олии олимақом,
Фахри миллат, пешвои тоҷикон.

Сарвари арзандаи халқу Ватан,
Сарвари дар анҷуманҳо хушсухан.

Тоҷики бооору нангу бовиқор,
Тоҷики бо тоҷиконаш комёр.

Чун ба чашмон нур меҳмон омадед,
Шоду хуррам, чеҳрахандон омадед.

Ташнаи дидоратон ҳастем мо,
Пайрави ҳар коратон ҳастем мо.

Сулҳу Ваҳдат бо Шумо шуд пойдор,
Кишварам обод гашту нурбор.

Дӯстии байни халқон шуд қарин,
Зиндагӣ бо дӯст бошад нозанин.

Шоҳи одил, шоҳи давронед, ҳон
Халқи худро ҳамдилу ҷонед ҳон!

Сарбаландӣ сарфарозӣ мекунед,
Хастадилро дилнавозӣ мекунед.

Шеъри Аҳмад баҳратон гулдаста бод,
Ин ҷаҳон бар номатон пайваста бод!

*Барот Сайид*

## *НАЗАРИ ХУДО*

Ҳар киро сӯяш назар созад Худо,
Гашт бар халқи Ватан мушкилкушо.
Ваҳму тарс андар дилаш бегона аст,
Ҳиммату рафтори ӯ мардона аст,
Меравад шӯҳрат варо дар баҳру бар,
Мешавад бар халқу Меҳан болу пар.
Раҳбари моро Худо карда назар,
Ҳосили умраш бувад файзу самар.

*РАҲБАРИ МО*

Дар сол агар ҷавон бувад раҳбари мо,
Сомонии ин замон бувад раҳбари мо.
Бо меҳри зиёди худ ба халқу кишвар,
Бар ҷисми Ватан чу ҷон бувад раҳбари мо.

Биншаста чӣ хуш мурғи Ҳумо бар сари ӯ,
Чун мурғи Ҳумо кушода болу пари ӯ.
Чун қосиди сулҳ менамояд парвоз,
Зебандаи достон бувад раҳбари мо.

Тоҷик парешон буду сарҷамъаш кард,
Бо азму талош дур кард аз ғаму дард.
Тоҷик зи нав биёфт бахту давлат,
Номовару қаҳрамон бувад раҳбари мо.

Чун рӯҳи гузаштагон мададгор бишуд,
Бар сардари мо фатҳу зафар ёр бишуд.
Ӯ аз пайи ободии кишвар кӯшид,
Парвардаи деҳқон бувад раҳбари мо.

Тоҷик зи нав ба даҳр машҳур бишуд,
Чун миллати тоҷдор манзур бишуд.
Тоҷик агар тоҷи сари Раҳбар шуд,
Тоҷи сари тоҷикон бувад раҳбари мо.

*Бегиҷон Умаров*

## *ТОҶИКИСТОН*

Тоҷикистони азизам, кишвари зебои ман,
Бахти ман, иқболи ман, умеди ман, яктои ман.
Бо тамоми қалби огаҳ дӯст медорам туро,
Модари имрӯзу фардо, ҷаннатулмаъвои ман.

Тоҷикистони азизам, бо Бадахшон зиндаам,
Бо Ҳисори Шодмону Рашту Хатлон зиндаам,
Ҳамчунон Эмомалӣ Раҳмон – он марди наҷиб,
Покдомон, покимон, поквиҷдон зиндаам.

*Биноиддин Маҳкамзода*

## *РОҲБАРИ РОҲИ ДУРАХШОН*

Кӯҳпайкар марди майдон, зинда бош!
Як тан аз авлоди Сомон зинда бош!
Аз қудумат шуд мунаввар кишварам,
Ҳамчунон хуршеди тобон зинда бош!
Кору номи неки ту хоҳад бимонд
Дар суруду шеъру дастон, зинда бош!
Кӯрдил ҳаргиз набинад кори хайр,
Раҳбари роҳи дурахшон зинда бош!
Хору санг аз роҳи мо бардоштӣ,
Кӯи тоҷик шуд гулафшон, зинда бош!
Сулҳро чун туҳфа овардӣ ба мо,
Эй азизи Тоҷикистон, зинда бош!
Дар паноҳат мо ҳам осудаем,
Дар паноҳи меҳри Яздон зинда бош!

*Бобоашӯр Амонзода*

*БА ПРЕЗИДЕНТ*

Эмомалӣ сарбони мо,
Шоистаи даврони мо.
Аз заҳмати покаш бишуд
Пурганҷ дастархони мо.

Эмомалӣ Раҳмони мо,
Шоистаи даврони мо.

Меҳан зи нав обод шуд,
Хурду бузургаш шод шуд,
Қасди ҳама душман бубин,
Дар мулки мо барбод шуд.

Эмомалӣ Раҳмони мо,
Шоистаи даврони мо.

Ӯ қаҳрамони миллат аст,
Ин сулҳи мо беиллат аст.
Ин дӯстии ҳар ду самт
Аз ақлу фаҳму фитрат аст.

Эмомалӣ Раҳмони мо,
Шоистаи даврони мо!

*Бобо Ҳоҷӣ*

## *ШУКРИ ЗИНДАГОНӢ*

Баъди Айнӣ дар Бухоро зуфунун пайдо нашуд,
Ё агар пайдо бишуд он, дар забони мо нашуд.

Дар Душанбе шамъи илму маърифат шуд ҷилвагар,
Офтоби бахти мо аз нав бишуд тобон ба сар.

Аз ҷибол оварда берун маъдану ганҷинаҳо,
Соҳиби обу гилу давлат шуданд одинаҳо.

Ҳар ваҷаб хоки варо чун дида бонӣ мекунем,
Шукри озодию шукри зиндагонӣ мекунем.

Боғу роғи орзуҳо дар шукуфонӣ шуданд,
Тоҷикон сарҷамъ дар атрофи Раҳмонӣ шуданд.

Ҷилвагар бошад ҳамеша байрақи мо бехалал,
Дар равоқи коххои созмонҳои милал.

Ҷомаи миллӣ ба худ дӯзем дархурди миҷоз,
Бар либосу гози бегона надорем эҳтиёҷ.

Санъати аҷдодро боло чу парчам мекунем,
Наварӯси мулки худро рашки олам мекунем.

Қисмати мо баъд аз ин дар панҷаю дастони мост,
Хидмати Модар-Ватан кардан зи ҷон паймони мост.

## *МЕШАВАД БУНЁД РОҒУН*

Раҳм омад сӯи мо аз Кирдигор,
Ҷаҳди Раҳмон омад ин ҷо созгор.
Гардад аз Роғун кунун, эй ҳамдиёр,
Хонадони миллати мо нурбод.

Қавли Раҳбар бар ҳадаф шуд он замон,
Ҳамчу тире, ки раҳо гашт аз камон.
Сабт шуд «Бунёди Роғун» дар забон,
Дар забон биншасту ҷо шуд дар равон.

Сарвари мо илтиҷо бар Кирдигор
Кард, то миллат нагардад хору зор.
Саҳм бар бунёди Роғун ту гузор!
Гар баномус ҳастиву бо нангу ор!

«Мешавад бунёд Роғун»-ин хабар
Мерасад аз тоҷикон бар баҳру бар.
Рӯзи фардо барқи Роғун ҷовидон
Монад аз Эмомалӣ Раҳмон асар!

*Булбули Валӣ*

## *ШАРИФИ НОМДОР*

Комёбиҳои бепоёни даврон омадаст,
Дар диёри тоҷикони мо ба ҷавлон омадаст.
Гарчи буд бисёр ғамхории бе мисле ба мо,
Бори дигар ин ҳақиқат баҳри деҳқон омадаст.
Мешавад обод ҳар як манзили вайронае,
Аз замини киштгардон беш рӯяд донае.
Аз дами дандонаи тези трактор аз замин,
Решакан гардад қамишу аҷриқи бегонае.
Паҳлавон омад, бубин, ҷанги Шарифи номдор,
Бар сари ҳар бешазору ҳам замини пахтакор.
Кӯҳро талқон намояд, ҳам заминро синачок,
Баҳри ободии ин мулк ӯ ба майдон омадаст.
Ғалларо барвақт корида ба ҳангоми баҳор,
Гандуму ҷав ҳам зағеру маккаҳои хӯшадор.
Мешавад модар–замин аз меҳнати мо файзбор,
Бин чи сон аз комбайн ғалла фаровон омадаст.

*Воҷиди Аштӣ*

## *ЭҲЁГАРИ ТАЪРИХ*

Бар дори ҷаҳон чун ту ҷаҳондор кам ояд,
Бар рӯйи замин чун ту замондор кам ояд!
К-имрӯз дар андешаи ояндаи миллат,
Монанди ту ҷонбозу фидокор кам ояд!
Сомони дигар ёфт зи нав зодаи Сомон,
Бе саъйи ту аз ғайр чунин кор кам ояд!
Эҳёгари таърихи куҳан ном гирифтӣ,
Аҳсант! Бад-ин ном сазовор кам ояд!
Дирӯзи Ватанро ба ҷаҳон боз намудӣ,
К-ин бори ҳақиқат бари ҳақдор кам ояд!
Бо тоҷи бузургиву ба тоҷикпарастӣ,
Монанди ту сардори сазовор кам ояд!

*Гулназар Келдӣ*

## НОЗИШ

Хорро гулзор кардӣ, зинда бош!
Муштро хирвор кардӣ, зинда бош!
Хобро бедор кардӣ, зинда бош!
Бо ту менозад Ватан, ту бо Ватан.

Ту хазонро навбаҳор омӯхтӣ,
Мустамандиро виқор омӯхтӣ.
Нобарориро барор омӯхтӣ,
Бо ту менозад Ватан, ту бо Ватан.

Чун гираҳ раҳро кушодӣ сӯ ба сӯ,
Об гаштиву бирафтӣ ҷӯ ба ҷӯ.
Муждаи сабзиш расондӣ кӯ ба кӯ,
Бо ту менозад Ватан, ту бо Ватан.

Буда эъҷози ту эъҷози Ватан,
Авҷи парвози ту - парвози Ватан.
Мавҷи овози ту - овози Ватан.
Бо ту менозад Ватан, ту бо Ватан.

Тоҷикистон сарбаланд асту ту низ,
Кишвари оламписанд асту ту низ.
Зери гардун бегазанд асту ту низ,
Бо ту менозад Ватан, ту бо Ватан.

*ЗИНДА БОШ!*

Зиндагиро пурнаво кардӣ, ташаккур!
Синаҳоро пурсафо кардӣ, ташаккур!
Аз дигар моро ту мо кардӣ, ташаккур!
Дар раҳи меҳру вафо кардӣ, ташаккур.!

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро!

Хандаи тифлон бубину гулфишон бош!
Бо ҷавонон ошиқӣ кун, навҷавон бош!
Зери чархи давргардон бехазон бош!
Бо ҷаҳон бошу азизи сад ҷаҳон бош!

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро!

Миллати моро сари боло сазовор,
Ақли равшан, дидаи бино сазовор,
Эътибору иззати дунё сазовор,
Ифтихору шӯҳрати фардо сазовор.

Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро!

*Гулнораи Дастамбуй*

## *ХУДО ЁРАТ БОД!*

Эмомалӣ Раҳмон, Худо ёрат бод!
Эй сарвари тоҷикон, худо ёрат бод!
Ман аз дилу ҷон чунин сухан мегӯям,
Дар зоҳиру дар ниҳон Худо ёрат бод!
Бар халқу Ватан ҳамеша хизматгорӣ,
Бар мо туӣ пуштибон, Худо ёрат бод!
Ту марди ҷасури миллату меҳани мо,
Сулҳовари тоҷикон, Худо ёрат бод!
Мо ҳамватанон ҳама зи ту миннатдор,
Эй сарвари қаҳрамон, Худо ёрат бод!

*Гулнора Усмонова*

## *НУРИ ВАҲДАТ*

Дар самои Тоҷикистон
Байраҷи Ваҳдат парафшон.
Мерасад нури саодат
Аз Зарафшон то Бадахшон.

Пуштибони Сулҳу Ваҳдат,
Сулҳовар Сарвари мо.
Дар бари ӯ дӯстонаш,
Ҳамраҳи ӯ пиру барно.

Тоҷикистон, Меҳани ман
Субҳу шомат пурсафояст,
Баҳри миллат аз ҳама ганҷ
Сулҳу Ваҳдат бебаҳояст!

Шукри сулҳу шукри ваҳдат,
Шукри Истиқлоли кишвар.
То абад бодо дурахшон
Ахтари иқболи кишвар!

*Ғаффор Мирзо*

## *Ӯ ТАВОНИСТ...*

Дили аз сад сару савдои ҷаҳон огоҳам,
Дили аз таҷрибаҳои сабақӣ бохабарам.
Маслиҳат медиҳадам, домани ӯро гирам,
Маслиҳат медиҳадам, байраҳи ӯро бубарам.

Гашта – баргашта гувоҳии аён медиҳадам,
Гашта – баргашта шаҳодат ба миён меорад.
К – ин ҷавонмард ҳама ҳусни даҳоро дорост,
К – ин ҷавонмард ҳама зеби ваҳиро дорад.

Ки варо қисмати коҳидаи мо пайдо кард,
Баъди сарсонии бисёру такопӯи зиёд.
Аз таги косаи холишудаи миллати мо,
З – он чи тақдири фурӯмояи мо боқӣ ниҳод.

Хираду ӯст на сунъию на макролуда,
Адаби ӯ набувад мадрасавӣ, дарборӣ.
Одамият бувад одоби мусулмонии ӯ,
Одамият бувадаш сабки ҳукуматдорӣ.

Ин ҷавонмард чу деҳқони замони Зардушт,
Ҳайкали фазлу фаросат, самару таҷрибаҳост.
Содаву софу умумист чу нони гандум,
Марди ҳомиҷигару фарди ҳидоят чу даҳост.

Ӯ батартибу тамиз аст ба ҷону тани худ,
Ӯ саранҷому рашидест тариқатпаймо.

Мо ба ӯ пиру ҷавон иззати комил дорем,
Ончуноне ки варо ҳурмати том аст ба мо.

Ӯ тавонист, ки бо неку бади бисёре
Рӯбарӯ хуни ҷигар гардаду ҷон коҳонад.
Ҷилави нӯхтаканҳои басо ҷоҳилро,
Аз лаби ғору ҷари марг қафо гардонад.

Ӯ тавонист басо ҷангараи сарғиро,
Моили сулҳ кунад бо асари ибрати хеш.
Гӯиё Коваву Исмоили сонӣ бошад,
Парчами фатҳ барафрохт вай аз ваҳдати хеш.

Ӯ тавонист паланги зи қафас вошударо
Пас бигардонаду даъво – ш фурӯ биншонад.
Ӯ тавонист басо мардуми саргардонро
Ба низом ораду аз хирасарӣ гардонад.

Ӯ тавонист, ки сарриштаи моро ёбад,
Рӯзи гумроҳию девонагию шумии мо.
Ӯ тавонист, ки коме ба тавалло орад,
Ба тасаллои ғаму ғурбату маҳрумии мо.

Ӯ тавонист, ки ислоҳ кунад, бардорад,
Доғи бадномию саҳви мағалии моро.
Бар қарор овараду боз таҷассум бахшад,
Иззату ҳурмату қадри азалии моро.

Ӯ нишон дод, ки ободии кӯҳистон ҳам
Айб не, ҷоизи фарз аст ба давлатдорон.
Чанд сол аст дар ин нақша идомат дорад
Ҳайкалу манзараборону иморатборон.

Ӯ нишон дод, ки бо хотири як дӯсти нав,
Аз ҳабибони куҳан даст кашидан ор аст.
Ӯ нишон дод, ки дил танг ба як бадхоҳ аст,
Лек аз боиси сад дӯст биҳиштангор аст.

Ӯ таманнову ҳавои ҳукмфармоиро,
Ҳаваси роҳбариро ба тафаккур кам кард.
Фикру андешаи ҳар кор ва ҳар одамро
Воҷиби некии он кор ва он одам кард.

Ба ҳама раҳбари имрӯзаву минбаъдаи мо,
Ӯ нишон дод, ки сардор ҷавонӣ накунад.
Ки ҳама пеши ҳама ёру бародар бошанд,
Ки касе пеши касе нози калонӣ накунад.

Ӯ ба Чин рафту ба Мочин, ба Урупову Араб,
Бурд бо дидадарой дилу ҷони ҳамаро.
Дар дусадлафза иёлоти башар бо рухи гарм,
Бо забони хуши худ ёфт забони ҳамаро.

Ҳар куҷое, ки сафар кард, ватан савғо бурд,
Ба ҳама сангифалахмоншудагони тоҷик.
Ҳар забунгашта муҳоҷир сари шавкат бардошт,
Аз чунин диду шуниди ҳаявони тоҷик.

Ӯ тавонист, ки ид ораду тавфиқ орад,
То азоҳои ҷигарсӯз фаромӯш шаванд.
То азопираҳанони сияҳу сабзу кабуд,
Хотири умр бубинанд ва гулпӯш шаванд.

Ин ҷавонмарди худодода муборакқадам аст,
Некбахт аст, ба ҳар гӯша, ки по бигзорад.
Ҳам ба андешаи мафҳумию ҳам мавҳумӣ,
Сулҳу осоишу файзу баракат меорад.

Андаке боз муросову мадоро лозим,
К – ин ҷавонмарди назарпеч кушоиш ёбад.
Ва ба ҳар фотиҳаву шукри дуъои мардум
Чун раҳонандаву бахшанда намоиш ёбад.

Исми ӯ, исми ҳама аҳли аёли ин мард,
Номи фардо ба ҷаҳон омадагон хоҳад шуд.
Бо муроду ба умеду ба ҳазор ояти нек
Исми ин ворисi мо вирди забон хоҳад шуд.

Таги дасту назари ворисi инсон ҷонбоз,
Тоҷикистон ҳама ободу ҷавон хоҳад шуд.
Тоҷикистон зи ғаму ғуссаи худ хоҳад раст,
Гулшани нозу нишоти ҳамагон хоҳад шуд!

## *ДУОИ ДӮСТ*

Ҳар гаҳ ба ҷое меравӣ, хеле хавотир мешавам,
То аз сафар баргаштанат хотирмусофир мешавам.
То аз сафар баргаштанат пири дуогӯ мешавам,
Хеле мусулмон мешавам, бисёр дилҷӯ мешавам.
То ҳазрати Парвардигор аз роҳ боз орад туро,
Тавре ки некӯ рафтаӣ, он тавр соз орад туро,
То чӯяну сурбе дигар шарм оварад аз пои ту,
Як пар наафтад аз пару боли ҳавопаймои ту,
То боз оӣ бар сари гавҳораи ҷунбони халқ,
Гавҳораҷунбони муроди мақсаду армони ту.

*Ғаффоралӣ Сафар*

## *ОФТОБИ ОЛИ РАҲМОН*

Нест бе пушту панаҳ Роғун,
Ҳаст ӯро пуштибон.
Дар фазои беғубораш
Яккатозӣ мекунад чун офтобе
Оли Раҳмон!

*Давлат Сафар*

## *ҶОНИ МИЛЛАТ*

Ӯ ифтихору нусрати армони миллат аст,
Фархундабахту ҳамду санохони миллат аст.

Эй, ҳамватан, биёву муродиф ба ҳам шавем,
Миллат вуҷуди Меҳану ӯ ҷони миллат аст.

Чашми фиреби кас нарасад то ба иттиҳод,
Аз чашми каҷнигоҳ нигаҳбони миллат аст.

Зулмат шикасту дасти мурувват дароз кард,
Шукри Худо кунем, ки Раҳмони миллат аст.

Ҳимматбаландияш, ки нишони садоқат аст,
Пурфайз аз кароматӣ ӯ хони миллат аст.

Андарзи ӯст ояти волои сарнавишт,
Ҷаҳдаш ҳидоятест, зи Қуръони миллат аст.

Лаъли садоқат аст ба кӯҳи муроди ӯ,
Ин марди сарбаланд Бадахшони миллат аст.

Эй, ҳамватан, биё, ба дилу дида ҷо шавем,
Фазлаш, ки аз фазилати Нӯъмони миллат аст.

Дар кишваре, ки зарраи хокаш мукаррам аст,
Дунёи бебаҳои Хуросони миллат аст.

*Давлат Сироҷӣ*

## *ЗЕБИ ИН КИШВАРУ ИН БАХТИ БАЛАНД*

Мо ҳама шоҳиди барҳақ шудаем,
Кишвар аз доми аҷал кардӣ раҳо.
Пиру барнои Ватан рӯзи раъй,
Бикушоянд туро дасти дуо,

Бишканад даст, ки хат зад номат,
Ки ба мо додаӣ ин бахти баланд.
Ин туӣ бо ҳама бунёди накӯ,
Зеби ин кишвару ин тахти баланд!

Рӯи нуронии ту нусрати мост,
Чеҳраи рӯшани ту пайки Худост.
Охируламр Худояш бизанад,
Ҳар кӣ дар зиндагӣ бадгӯй турост!

Аз ту оянда басо пурнур аст,
Эй ту сарчашмаи некиву сафо!
Эй умеди ҳама тоҷик ба ҷаҳон,
Баҳри мої ту мукофоти Худо!

*Дастагули Файзулло*

## *ШУКРИ САРВАР*

Шукри Истиқлоли кишвар мекунам,
Шукри мулку шукри Сарвар мекунам.
Шукри он дорам, ки ман дорам Ватан,
Шукри фардои мунаввар мекунам.
Шукри он дорам, ки чун аҷдоди хеш,
Тоҷи истиқлол бар сар мекунам.
Шукри озодию ин боғу чаман,
Ман дуои нек яксар мекунам.

*Доро Наҷот*

*БОЗТОБИ ВАҲДАТ*

Дуруд
мар туро,
эй раҳбар,
ки тулӯи табассумат
худшукуфоиро
гулбез мекунад
дар боғҳои шабнаму дурахш.

Барқи шуҷоати чашмонат
Роғун, Роғун –
нерӯгоҳи тамаддунофарӣ месозад
дар Вахши эҳсосу Зарафшони идрок.

Тоҷиконатарин тоҷ
бар сарат
ҷило мебезад,
чунон ки хуршед
дар ситеғи бадахшонии Меҳан!

Ваҳдати мо
ғунчаест,
ки якпарчагии гулбаргҳои миллатро
ба ҷилва меорад
дар шукуфтатарин гулбоғи рӯйишу афрӯзиш.

Навозишат мевазад
насими отифаро
ба сари ятимон,
чунон ки мехазад зулоли об
рӯ-рӯи махмалаки гулсанг.

Туӣ
беҳин корсоз,
ки эъмор мекунӣ
девори Исмоили Сомонии дилҳоро.
Ва Бӯаливоре
бо даҳ ангушти ҳунар
дар шикастабандии устухони миллат!

Мо
дар партави рӯшантарин боварҳо
Ватанро мебинем
чу равзае
пур аз шукуфаи ғунчаҳои Ваҳдат.
Он ҷо
атласиёни суғдисуруду
чаманзебони хатлонии чаканпӯш
гули арғушт мекоранд
ба даври шаҳсутуни кайгоҳи шукӯҳи миллат!

Тӯӣ,
ки Тоҷикистонро
медурахшӣ
чу як сайёраи тобон
аз баландии уфуқи Созмони Милал
ба саросари ҷаҳон!

Ва сад дуруд
мар туро,
эй абар!
Ва эй ҳумоюнфар!

*Дурахши Ахтар*

## *МЕҲРИ ТУ*

Эй Ватан, ҷонам туӣ, ҷонам туӣ,
Дӯст медорам туро чун модарам.
Ифтихор аз хоку оби ту кунам,
Ин туӣ дар осмон худ ахтарам.

Шукри он модар, ки Сарвар зод ӯ,
Гашт обод аз қудумаш Меҳанам.
Пораи хокаш ба дастам зар шавад,
Қатраи обаш дилу ҷону танам.

Пеши чашмам, гаштӣ обод ин қадар
Ин ҳама зебоӣ аз меҳри Вай аст.
Гашт обод аз қудумаш ҳар макон,
Роҳҳою боғҳо чеҳри Вай аст.

Шуд варақгардон зи нав таърихи ман,
Пас чаро имон наёрам ман ба Ӯ.
Пас чаро бо ту набошам, эй Ватан,
Ҷон ба ҷон, дастобадасту рӯбарӯ!

*Зайниддини Ҷомӣ*

## *БА МЕЪМОРИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ*

Ваҳдат суруди аллаи Модар-Ватан бувад,
Ваҳдат суруди рӯд ба боғу чаман бувад.

Ваҳдат суруди миллии аҳли башар бувад,
Ваҳдатпазир касест, ки аҳли назар бувад.

Эй ҳамватан биё, ки чу аҳли назар шавем,
Аз ҳоли хешу аҳли башар бохабар шавем.

Модар-Замин, ки модари аҳли башар бувад,
Ваҳдат саодати ҳамаи баҳру бар бувад.

Эй ҳамватан, биё, ки Ватан сабзтар кунем,
Наврӯзу нақши он абадан ҷилвагар кунем.

Ваҳдат ягонагии тамоми башар бувад,
Аз он баҳори кишвари мо тозатар бувад.

Ваҳдат суруди миллии аҳли башар бувад,
Ваҳдат шиори мардуми соҳибназар бувад.

*Зарифи Ибод*

## *МАРДИ БЕЗАВОЛ*

Вақти мушкилии кор,
Ёфт нагашт сардор.
Эмомалии далер,
Ба ӯҳда гирифт ин кор.

То Эрон, Афғонистон,
То Амрико, Покистон
Кард сафар бехатар,
Аз бахри Тоҷикистон.

Андар тамоми ҷаҳон,
Шуда машҳур тоҷикон.
Карда басе баромад,
Ӯ аз минбари ООН.

Надорад ӯ қилу қол,
Дорад забони ҳалол.
Андар раҳи ростӣ,
Бошад марди безавол.

*Зафар Аҳмад*

## *ОЯД ҲАМЕ*

Шоҳини мо парфишонояд ҳаме,
Аз фалак то остонояд ҳаме.
Баъди Сомонӣ ба бахти миллатам
Шоҳи одил аз Каён ояд ҳаме.
Ҷони худ рӯйи кафаш бинҳод, лек
Бар тани миллат равон ояд ҳаме.
Сулҳи тоҷик одаму олам гирифт,
Бо нишони ориён ояд ҳаме
Меҳри фарзандӣ, нигар, аз Хутталон,
То ба Суғди бостон ояд ҳаме.
Қасри Арбоб остони Ваҳдат аст,
Ваҳдати мо дар ҷаҳон ояд ҳаме.
Ҷумла тоҷики ҷаҳон бо ифтихор
Бар замини бӯстон ояд ҳаме.
Об агар баҳри ҳаёт ояд мудом,
Номи тоҷик бар забон ояд ҳаме.
Баъд аз ин бо номи Раҳмон гӯядам,
Сарнавишти «Тоҷикон» ояд ҳаме,
Қасри Арбобам, ба ҳамеша пой дор,
«Шоҳ сӯят меҳмон ояд ҳаме»!

*Зевар Шарифова*

Худо бошад нигаҳбон,
Эмомалии Раҳмон!
Бар миллати тоҷикон
Эмомалии Раҳмон.
Ҳамеша бош дар амон,
Ҳасти ту кӯмакрасон
Барои мо наврасон,
Тӯҳфаи некӯ кардӣ
Ба мо «Баҳористон».

*Иброҳим Калонзода*

## *БИСТ СОЛИ ИСТИҚЛОЛ*

Дар Хуҷанди бостони дилҷавон,
Дар миёни Қасри Арбоби замон.
Баъди он ки Сарвари миллат бишуд,
Чорасози ин ҳама иллат бишуд.
Гуфт тифлони Ватанро инчунин:
Сулҳу ваҳдат оварам бар ин замин!
Гуфт он Марди накӯкору ҳузарб:
Аз ҳама ақсои олам Шарқу Ғарб,
Ҳам зи Афғон, ҳам зи Эрону Фаранг,
Ҳам зи Чину ҳам зи Покистону Ганг
Суи кишвар оварам халқи париш,
Мекунам эҳёи суннатҳои хеш.
Сулҳ бошад мақсади волои ман,
Сулҳ ҳам бахту сари болои ман!
Гуфт он марди накӯ: Иллат чӣ буд?
Аз чӣ рӯ тоҷику тоҷик хасм шуд?
Ҳаст иллат ҷаҳлу нодонии мо,
Ҳам маҳалхоҳию худдонии мо.
Тоҷикистонро миён бишкастааст,
Ҳар касе, к-ӯ бар маҳал дил бастааст.
Хештанро бояд аз нав боз кард,
Бо пару бо боли нав парвоз кард.
Халқро, гар худшиносӣ пеша гашт,
Аз пайи эҳё агар андеша гашт,
Боварӣ дорам, музаффар мешавем,

Молики ҳам тоҷу ҳам фар мешавем.
Сарвари донои халқ, Эмомалӣ,
Дидаи бинои халқ, Эмомалӣ.
Яъне он марди накӯору далер,
Баҳри ёрон дар ҷасорат мисли шер.
Бо ҷасорат рафт сӯи Хостдеҳ,
Бӯи сулҳ омад зи бӯи Хостдеҳ.
Кишвари Афғон, ки ғарқи хун будӣ,
Бар насими сулҳи мо мафтун будӣ.
Хостдеҳ ин деҳаи Афғонзамин,
Тоҷиконро дод дастур инчунин:
Кинаро аз синаҳо берун баред,
Дар дили худ Сулҳу Ваҳдат офаред!
Рӯй оварданд бар Эронзамин,
Ҳарду ақвоми мухолиф инчунин.
Марзи Эрон маҳди фазл асту ҳунар,
Ҳаст Теҳрон бар тамаддун чун сувар.
Тоҷикистонро дар оғӯшаш гирифт,
Чун миёнрав сулҳ бар дӯшаш гирифт.
Баъди паймонҳо зи Машҳад тоҷикон,
Рӯй оварданд аз нав бар ҷаҳон.
Марзи Покистон ба онҳо гӯша дод,
Оштиву сулҳро нав тӯша дод.
Ҳам Қазоқистон ба сулҳи тоҷикон,
Ҳодӣ гашту дод аз Ваҳдат нишон.
Шаҳри Ашқободу Бишкек инчунин,
Сулҳу ваҳдатро шуда зебо нигин.
Раҳ ба сӯи Маскав оварданд боз,
Тоҷиконро Маскави меҳмоннавоз
Чун кабӯтар болу ҳам парвоз дод,
Гуфтугӯи сулҳро пардоз дод.
Тоҷикистон интихоби Садр кард,

Садри худро эҳтирому қадр кард.
Шуд Раиси ҷумҳурӣ соҳибкамол,
Садри он Эмомалии Хушҷамол.
Гуфт бар ёрон ба ҳангоми қасам:
Ваҳдати халқу Ватанро доварам!
Тоҷикистон кишвари озода аст,
Дӯстӣ бунёди онро додаст.
Баҳри Сулҳу Ваҳдати мо мустаҳақ,
Ҷаҳд созам, то бувад ҷон дар рамақ.
Аз забони Сарвари донои мо,
Тоҷикон оинаи таърихро,
Бо ҷилову бо дурахши беғубор,
Бар ҷаҳон карданд бо фахр ошкор.
Гашт маълуми ҷаҳон ин нуқта низ,
Сулҳ бошад Тоҷикистонро азиз.
Матни Созишномаеро тоҷикон,
Карда имзо, аҳд бастанд он замон.
Оштии миллӣ мебошад дуруст,
Гар Комиссиюн шавад ташкил чуст.
Баъди ин маншур халқи сулҳҷӯй,
Сӯи сулҳу ваҳдат оварданд рӯй.
Шаҳри Маскав чун умеди халқҳо,
Шомро рӯзи сафеди халқҳо,
Тоҷиконро гарм дар оғӯш кард,
Ҳарфи сулҳу оштиро гӯш кард.
Рӯзи бисту ҳафтуми июн чу шамъ,
Нурпошӣ кард бар ёрони ҷамъ.
Ду гурӯҳи мухталиф воҳид шуданд,
Оштиву сулҳро қосид шуданд.
Модели тоҷикии сулҳ он замон,
Барқосо паҳн шуд андар ҷаҳон.
Бо ташаббусҳои нав Эмомалӣ,

Минбари аҳли башарро чун валӣ
Истифода бурд вақти Анҷуман,
То ҷаҳон шодоб созад з-ин сухан.
Ҳам сухан бо чаҳдҳо равнақ диҳад,
Қавлро бо аҳдҳо равнақ диҳад.
З-ин сабаб ҳам халқу ақвоми ҷаҳон
Ин ташаббусҳо пазируфта ба ҷон,
Баҳри оби тоза ҷаҳде мекунанд,
Бар амал татбиқ аҳде мекунанд.
«Бе газу бе нафт осон зистан,
Лек бе обе набитвон зистан?»
Инчунин андешаи Эмомалӣ,
Кард маҳбуби ҷаҳонаш чун валӣ.
З-ин сабаб ҳам «Об аз баҳри ҳаёт»,
Гашт мақсад, гашт меъёри наҷот.
Шуд дар ин як қиссаи кӯтоҳи мо
Сабт таърихи ҷулуси шоҳи мо.
Саргузашти бист соли беназир,
Сарнавишти сарзамини дилпазир.
Ҳам ҳикоят аз камоли тахти мо,
Аз тулӯъи офтоби бахти мо.
Аз ташаббусҳои Садри Олишон,
Раҳнамои бахту тахти тоҷикон.
Аз камолоту ҳунармандии ӯ,
Баҳри халқи хеш дилбандии ӯ.
Ёфт бо Эмомалӣ халқи Ватан,
Пешвои сарнавишти хештан:
Бист соле, ки шудӣ ӯ раҳнамо,
Тоҷикистон кард бас нашъунамо.

*ВАҲДАТВАЛӢ*

Ҳаме то замин асту ҳаст офтоб,
Ба кишвар сару сарпаноҳӣ, ҷаноб!.
Ба фарёди халқат чу фарзанди нур,
Расидӣ ба сарвақти мо мисли нур.
Ҳамин нур равшан чу кишвар намуд,
Ғаму кинаҳоро зи дилҳо зудуд.
Туро бахт омад зи Арши барин,
Ватанро бикардӣ биҳишти замин.
Зи асрори ваҳдат кушудӣ даре,
Ба мурғи саодат ту додӣ паре.
Задӣ фоли халқат, ки худро шинос,
Бувад худшиносӣ Худоро асос.
Ниёе ту дорӣ зи Сомониён,
Ҳамин гавҳари пок донад ҷаҳон.
Ки як мушт гардем бар хоки хеш,
Наҷӯем дигар ҳама кини пеш.
Туро дод бар мо Худои абад,
Паямбар ба сулҳӣ, бигӯям, сазад.
Ту гуфтӣ, ки аз марз берун кунун,
Касе ҳам намонад аз ин пас бурун.
Дигар ҷамъ кардӣ ту халқи париш,
Ғами ҳар фирорӣ дилат кард реш.
Ба миллат даҳоӣ, ба иллат табиб,
Ба пирон анису ба хурдон ҳабиб.
Кунун дар нидояст ҳар бому дар,
Зи ту ёфт кишвар шукӯҳи дигар!
Шаби ғам наояд дигар то шаҳӣ,
Ба рӯз офтобӣ, ба шаб чун маҳӣ!
Замона ба Раҳмони Эмомалӣ
Бубахшид унвони Ваҳдатвалӣ!

*Исҳоқ Ёқубӣ*

## *ҲАДЯ*

Ба ту ман ҳадя месозам фазои Тоҷикистонро,
Замини файзбори пурсахои Тоҷикистонро.
Ба ту ман ҳадя месозам фарози кӯҳсоронро,
Табассумҳои субҳи босафои Тоҷикистонро.
Тамоми тоҷу тахти Тоҷикистонро ба ту додам,
Шафоатҳои дастони дуои Тоҷикистонро.
На кори мардуми номардум аст, он чӣ ба дӯши туст,
Ба ҳам овардани шоҳу гадои Тоҷикистонро.
Гаҳе бо хештан дорӣ калиди минбари олам,
Гаҳе бо хештан нозу адои Тоҷикистонро!
Ба дӯши хештан дорӣ, ҳалолат бод чун Сарвар,
Ба худ ранҷу ба худ дарду балои Тоҷикистонро.
Чу Сомони замони хештан бо ранҷу заҳматҳо
Пур аз созу наво кардӣ фазои Тоҷикистонро.

## *ДИЛЕ, КИ ОФТОБ АЗ ХОНАИ ӮСТ*

Диле, ки бо забон якҳарф бошад,
Забони хома қасри дил тарошад.
Диле, ки ҳосилаш тухми адаб рехт,
Ҷаҳони базмро нури тараб рехт.
Диле чун ахтари шабҳо бисӯзад,
Чароғи дониш аз табҳо фурӯзад.
Диле, ки рози мардумро шиносад,
Лаби хандони гандумро шиносад.
Диле, ки чун дили шоир сухандон,
Диле, ки Мавлавӣ з-он ҷост дар ҷон.
Диле, ки дардро Синои вақт аст,
Диле, ки аз «Шифо» донои вақт аст.
Диле, ки ҳар нафас сад нақш резад,
Зи шоми синаҳо чун субҳ хезад.
Диле, ки сангҳоро чашмазо кард,
Зи санги сард оташро раҳо кард.
Диле, ки гуфтугӯ бо санг созад,
Шарори сангро оҳанг созад.
Диле, ки роҳ ёбад дар дили кӯҳ,
Чу Истиқлол созад маҳфили кӯҳ.
Диле, ки санги хоро об карда,
Раҳе дар синаи Анзоб карда.
Диле, ки кӯҳҳоро кард талқон,
Диле, ки чашмаҳоро кард марҷон.
Диле, ки даштҳои синабирён,
Зи доғаш гашт боғу роғу бӯстон.
Дили дарёии вай нурсоз аст,
Ҳамоно Вахшро ғаввоси ноз аст.
Дилаш чун мавҷи дарё барқ созад,
Ҷаҳони нурро дар Шарқ созад!

Диле, ки дар ҷабини кӯҳсорон,
Ба дида роҳҳоро кард мижгон.
Раҳи мо бо ҷаҳони Каҳкашон аст,
Дар ин раҳ корвони тоҷикон аст.
Диле, ки сад Бухоро карда шаҳраш,
“Зиҳӣ, эй марди доно”, -гуфт даҳраш.
Ба ваҳдат тоҷиконро аз ҷаҳон хонд,
“Авасто”-и Душанбе дар ҷаҳон монд.
Диле, ки Борбадро зинда карда,
Навоҳо дод бар сад сози мурда.
Мақоме доштӣ ар “Шашмақом”-аш
Фалакрас кард кохи савти номаш.
Диле, ки офтоб аз хонаи ӯст,
Ҳамин вазни замин дар шонаи ӯст.
Диле, ки зодаи табъи закӣ хест.
Диле з-он Мавлавию Рӯдакӣ хест.
Диле, ки Тоҷикистон аст ҷонаш,
Диле, ки меҳри ӯ хуршедхонаш.
Диле, ки халқ медонад навояш,
Дутори синаҳо гӯяд саноящ.
Диле, ки ӯ “Фалак”-ро то фалак бурд,
Дутори ҳар наворо бар малак бурд.
Диле, ки роҳ ёбад дар дили санг,
Шарораш гард созад санг аз нанг.
Бигӯям ин дили Эмомалӣ аст,
Забони халқро Ваҳдатвалӣ аст.
Гули Ваҳдат зи боғи хандаи ӯст,
Ҳақиқат аз чароғи хандаи ӯст.
Ҳамин Ваҳдат дилашро зинда дорад,
Ҳазорон маънии поянда дорад.
Ба маънӣ Тоҷикистон аст якто,
Чу Ваҳдат дар кафи ҷон аст якто.

## *ТАБРИКОТ ДАР РӮЗИ МУБОРАКАШОН*

Эй ки ҳусни рӯзгорӣ, зинда бош!
Файзу эҳсони баҳорӣ, зинда бош!

Зодрӯзат зодрӯзи бахти мост,
Эй ки моро зинда дорӣ, зинда бош!

Зодрӯзат зодрӯзи миллат аст,
Эй ки эҳёи диёрӣ, зинда бош!

То шаби моро мунавввартар кунӣ,
Шаб ҳама шабзиндадорӣ, зинда бош!

Ҳамчунон оби зулоли меҳанат
Ташнаро миннат гузорӣ, зинда бош!

Ҳамчу оби обшорони баланд
Поку бегарду ғуборӣ, зинда бош!

Дӯстат доранд мардум, чунки ту
Халқи худро дӯст дорӣ, зинда бош!

Эй фидоят ҳастии мо, бахри мо
Ҳастиятро месупорӣ, зинда бош!

Ҳамчу рамзи ишқи волои Ватан
Ҳамчу рамзи дӯстдорӣ, зинда бош!

Эй ки андар саҳнаи саҳни ҷаҳон
Бо фару бо эътиборӣ, зинда бош!

Аз ҳама фархундаву фарзонагон
Як нишони ёдгорӣ, зинда бош!

То ки ҷони тоҷиконро аз фано
Боз ҳам эмин бидорӣ, зинда бош!

## *МИЛЛАТИ ФАРОФАРИН*

Тоҷикистон, эй замири мардуми рӯшанзамир!
Тоҷикистон, эй мунири чеҳраи марди мунир!

Тоҷикистон, эй умеди мардумони пурумед,
Сарзамини мардумони рӯсафеду дилсафед!

Тоҷикистон, сарзамини мардумони гармдил,
Мардумони сахтҷону мардумони нармдил!

Эй шуда аз рӯшноии дили халқат мунир!
Рӯшаниро аз дили рӯшанзамиронат бигир!

Гармии дилҳои фарзандон набигзорад туро,
Гармии дилҳои мардум гарм медорад туро.

Пешвоёни хирадмандат зи аҳди бостон,
Нур меҷустанду мебурданд нур андар ниҳон.

Ин куҳанмеҳан ҳанӯз аз рӯзгори Зардуҳишт,
Рӯшноӣ месуруду рӯшноӣ менавишт.

Кишвари нури наво, нури суруду нури соз,
Кишвари нурофарину нурбахшу нурсоз.

Кишваре, ки панду андарзаш ба тан чун ҷавшан аст,
Кишваре, к-аз нури ҳикмат, нури маънӣ равшан аст.

Бо матонат боз ҳам мондӣ ба сахтиҳо матин!
Офарин, эй фарсиришта, миллати фарофарин!

Аз ҳамин ҷо бар ҷаҳони тор хуршеди хирад,
Рӯшноӣ бурда буду рӯшноӣ мебарад.

Яъне, ин мардум ҳама худ аз табори рӯшанист,
Рӯшанисозанд ин халқ, ин диёри рӯшанист.

Бо чароғи дил бихезад бар алайҳи шоми тор,
Шоми худро мекунад рӯшан ба ҳарфи нурбор.

Дар раҳи эҳё сарашро боз боло мекунад,
Рӯшаниро аз замири хеш пайдо мекунад.

Сарвари мо дасти нуронӣ чу боло кард боз,
Рӯшаниро аз дили Меҳан ҳувайдо кард боз.

Нури нав бодо муборак дар кафи рахшони ӯ!
Ин дурахши бахти миллат, бахти нурафшони ӯ!

Нури нав бодо муборак дар раҳи эҳёи нав!
Сар фарозад бар само ин халқ бо симои нав!

Бар диёри мо ҳам акнун файзи раббонӣ расид,
Нури Иличӣ чу кам шуд, нури Раҳмонӣ расид.

Ин расолат бо ту буду бо ту хоҳад монд боз,
Нур бурдан, нур додан, эй ту халқи нурсоз!

## *СУРУДИ ВАҲДАТ*

Ин сафои бахт, ин фирӯзии имони мост
Ҷашни Ваҳдат, ҷашни нузҳат, ҷашни шаъну шони мост.

Ҷашни фарзандони қурбонгашта дар роҳи мурод,
Зинда монда дар шукӯҳи мардуми олинажод.

Ҷашни он оби парешоне, ки бо ҳам ошност,
Ҷашни ин марзе, ки хоки ӯ назаргоҳи Худост.

Ҷашни рӯзи рӯзии мо, рӯзгори васли мост,
Ҷашни эҳёи асолат, бозтоби асли мост.

Ҷашни файзи субҳи сулҳу бозгашти офтоб,
Ҷашни фатҳи ҳикмату ин чеҳраҳои бениқоб.

Ҷашни пирӯзии ному тоҷу тахти тоҷикон
Ҷашни нурафшонии хуршеди бахти тоҷикон.

Ваҳдат ин осоиши ҳар хонадони тоҷик аст,
Рӯшании эзадӣ дар ҷисму ҷони тоҷик аст.

Аз Бадахшону Зарафшон, Суғду Хатлону Ҳисор,
Бораи нанги ватан шуд шонаи мардони ор.

Аз дили таърих бо набзи бузургони диёр
Мерасад пайки саодат, шодбоши ифтихор.

Бар замини Тоҷикистон нури Раҳмон мерасад,
Дил ба армон, сар ба сомон, ҷон ба ҷонон мерасад.

*ЗОДРӮЗИ ОФТОБ*

Муборак зодрӯзи офтобе,
Ки аз рӯи дурахшонат баромад.
Аз ӯ шуд гарм ҷони сарди Меҳан,
Аз ӯ нури сафо бар дил даромад.

Муборак зодрӯзи он баҳоре,
Ки бо рӯи шукуфони ту бишкуфт.
Замини Тоҷикистон сабз шуд боз,
Гули умед аз ҷони ту бишкуфт.

Муборак зодрӯзи ишқи воло,
Ки чун хуршед аз ҷони ту хезад.
Муборак зодрӯзат, эй хуҷиста,
Ҷавонмардии дунё бо ту зебад.

Муборак зодрӯзи бахти тоҷик,
Ки дар симои некат гашт хандон.
Муборак бод тоҷу тахти тоҷик,
Ки аз ту гашт аз нав партавафшон.

*Кароматуллоҳ Олимов*

*Ба ёдбуди модари бузургвор Майрам–апа, ки ба миллати тоҷик фарзанди наҷибу сарвари арзанда Эмомалӣ Раҳмонро тақдим кард ва дуои неки ҳамеша ҳамсафари фарзанди барӯманд буд ва дар синни муборaки 94 – солагӣ аз дунё гузашт.*

Алвидоъ, эй раҳнамои рӯзгорам, модарам,
Боиси хушнудию авҷу барорам, модарам.

Роҳи ман равшан шуд аз шири сафеду поки ту,
Эй чароғи нурбахши нурборам, модарам.

Дар сафар ҳар гоҳ мерафтам ба амри халқи худ,
Мешуд афзун аз дуоят эътиборам, модарам.

Аз насиҳатҳою аз лутфу табассумҳои ту
Зиндагонӣ дошт файзе чун баҳорам, модарам.

Ҳар гаҳе кардам зи пушти минбари олӣ сухан,
Бо Ватан тавъам ту будӣ ифтихорам, модарам.

Чашми ту дар роҳ буду ман ҳамеша дар сафар,
Будӣ дар ёди писар шабзиндадорам, модарам.

То шавад рӯҳи ту шод аз ман, ба халқи хештан
Хидмати мардона кардан шуд шиорам, модарам.

Алвидоъ, эй чашмаи сидқу сафову алвидоъ
Эй анису маҳраму эй ғамгусорам, модарам.

*Кенҷаҷони Ғаффор*

## *ИФТИХОР*

Миллати тоҷики ман худ соҳиби ваҳдат шуда,
Баҳри ҳифзи хоки пояш ӯ абарқудрат шуда.
Бо маҳалбозону бадхоҳон кунад бегонагӣ,
Бо муҳаббат, бо садоқат, соҳиби шӯҳрат шуда.
Тоҷ бар сар карда аз нав миллати машҳури ман,
Ҳамчун Исмоили Сомон соҳиби давлат шуда.
Зинда кард ӯ Оли Сомон, ҷамъ кард ӯ тоҷикон,
Оре, оре, Оли Раҳмон соҳиби миллат шуда!

## *САРВАРИ ХИРАДМАНД*

Эмомалӣ Раҳмони мо,
Дар асри нав сомони мо.

Ҷангу ҷадалро ӯ рабуд.
Мардум ҳама як ҷо намуд,

Мардум бувад осудаҳол.
Кас аз касе набвад малол,

Номи силаҳ дар гӯр бод,
Аз байни мардум дур бод!

## *МЕҲМОН ОМАДА*

Имрӯз хандонему хуш, он марди майдон омада,
Бори дигар бар назди мо он садр меҳмон омада.
Мо сархушем аз рӯи ӯ, аз гому гуфтугӯи ӯ,
Аз баҳри ободии мулк бо амри Яздон омада.
Сулҳу асту Ваҳдат кори ӯ, ҳам пешаю рафтори ӯ,
Бо лафзу бо гуфтори хуш марди сухандон омада.
Чорагари бечорагон, он пешвои тоҷикон,
Аз кишвари озодагон бо амри виҷдон омада.
Боз омада он садри мо, он ҳамдаму ҳамрози мо,
Бо меҳри бепоёни дил сӯи Бадахшон омада.
Эй дил биёву соз гӯ, сад қиссаю сад роз гӯ,
Бар мулки кӯҳистони ман гӯӣ, ки сад ҷон омада.
Пурнур гашта осмон, сарзабз гашта бӯстон,
Бо мақдами худ садри мо сӯи кӯҳистон омада.
Бар халқи тоҷик раҳбар аст, ӯ шоҳи мардумпарвар аст,
Машҳур дар баҳру бар аст, он нури Раҳмон омада.

## *ХУШ ОМАДӢ!*

Эй нури дида, марҳабо, аз олами ҷон омадӣ,
Эй такягоҳи ому хос, аз роҳи паймон омадӣ.
Эй ноумедонро умед, амну амонӣ пойдор,
Меъмори Ваҳдат, марҳабо, бар мулки Хатлон омадӣ.
Дарди ҷудоӣ шуд даво, аз ҳиммату аз ғайратат,
Эй марҳами ҳар дарди мо, аз баҳри дармон омадӣ.
Рӯҳи ниёгон шод шуд, меҳан зи нав обод шуд,
Эй ворисӣ Сомониён, шоду ғазалхон омадӣ.
Ҳақпешаву ҳақпарварӣ, дарёдилу сомонфарӣ,
Эй ҳомии лафзи дарӣ, маҳбуби Раҳмон омадӣ.
Мо аз азал андар замир дорем нанги беназир,
Султони дил, шоҳи асил, эй нури чашмон омадӣ.
Шукронаи Ваҳдат ба лаб орам зи шӯру тобу таб,
Чу нур дар зулмоти шаб бо амри Яздон омадӣ.

## *АҲДИ МАРДОНА*

Имоми ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!

Тазод ин ҷо, тазоди вақт ҳам ин ҷост,
Ки бо тоҷик тоҷик мешавад наздик.

Имоми ду тарафро мефишорам даст,
Ки пай бурданд бар ин нуктаи борик,

Ки андар оштӣ оши ҳалоли халқ,
Ки андар оштӣ дарҷ аст рӯзи нек.

Чу донистанд, к-андар паҳнаи гетӣ
Кӣ будасту кӣ дод ин ҷангро таҳрик,

Бародарвор роҳи нурро ҷустанд,
Ки фардоро раҳонанд аз шаби торик.

Кунун оғози сулҳ асту рафоҳи халқ,
Бувадояндаи пурнурамон наздик!

Ба ин азми қавию аҳди мардона
Имоми ду тарафро мекунам табрик.

Имоми ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!

*Лутфи Хомӯш*

## *ТУ ҲАСТӢ РАҲНАМОИ МО*

Атои сарвари дунё, ту ҳастӣ раҳнамои мо,
Дар ин зеботарин маъво ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Ба сурат зеби маҳфилҳо, ба сират сайқали дилҳо,
Чу инсон бо чунин маъно ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Зи макри хешу бегона шуда халқи ту девона,
Табиби аҳли нобино, ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Чи рӯзи растахез омад, халоиқ даргурез омад,
Ҳамоишовари дилҳо, ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Зи бори кулфати қисмат хамида қомати миллат,
Ҳамоне сохташ боло, ту ҳастӣ, раҳнамои мо.
Раҳи Ваҳдат чу танг омад, зи рӯи ору нанг омад,
Кафили сулҳи побарҷо, ту ҳастӣ раҳнамои мо!
Шаҳи Сомониён акнун, зи аҳли Ориён акнун,
Тамаддунофари доно, ту ҳастӣ, раҳнамоӣ мо.
Раҳи дилҳо ба ҳам омад, фараҳ бар ҷои ғам омад,
Аё раҳсозу раҳпаймо, ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Ба як оин ба як маъно, чароғон мешавад дунё,
Ба ин нурофарин симо ту ҳастӣ раҳнамои мо.
Ҳадиси оби пок омад, каломи иттифоқ омад,
Суханпардози маъниҳо, ту ҳастӣ раҳнамои мо.

*Махфират Юсуфӣ*

## *ФАХРИ МИЛЛАТ*

Ишқу Ватану диёр дорӣ дар дил,
Меҳри Ватанат ҳазор дорӣ дар дил.
Осори талошу кӯшишат-ободист,
Мо-гуфтаву ифтихор дорӣ дар дил.
Аз шавқу тулӯъи Ваҳдату ободӣ,
Лутфу карами баҳор дорӣ дар дил.
Имону муҳаббатат фузун бод Шаҳо!
Раҳбаро, ҳастият чӣ бахт, баҳри миллати мо,
Аз ин фузун шуда меҳри дилу муҳаббати мо.
Ҳаст андар сари мо парчами сулҳу шодӣ,
Мақоми олият афзояд аз муҳаббати мо!
Оби кавсар бифишондӣ ту дар гили тоҷик,
Нест хуршеди сабоҳе чу ту, бар миллати мо!

*Мадхони Шариф*

## *МОҲИ БАШАР*

Туро моҳи башар гӯям,
Кабӯтар дар сафар гӯям.
Барои Ваҳдати миллӣ
Ба дилҳо тоҷи сар гӯям
Ту кардӣ сулҳ бунёдам,
Ту кардӣ хона ободам.
Сафар кардӣ ба ҳар кишвар,
Барои хотири шодам.
Зи ту, шоҳи Ватан, Эмом,
Фитода бар дилам илҳом.
Кунун бо фахр мегӯям,
Ки дорам шоҳи хушиқдом.
Сафар кардӣ, раҳат равшан,
Қадам монӣ ба ҳар гулшан.
Наафтад чашми бад бар ту,
Худо бошад туро ҷавшан.

## *ИМДОД КУН!*

Эй Худо, имдод бинмо Тоҷикистони маро,
Кишвари овозадору қавми Сомони маро.
Сарварамро, Ҳақтаоло, доимо созӣ назар,
Обрӯ бахшой ҳар дам Ибни Раҳмони маро.
Сулҳу ваҳдат мебарад андар сафар савго ба худ,
Ҳам паёму ҳам саломи ҳамдиёрони маро.
Сарвари мо зинда кард аслу насаб аз тоҷикон,
Урфу одат, расму оини ниёгони маро.
Роҳи ваҳдатро кушод ӯ аз Бадахшон то ба Чин,
Кард пайванди ҷаҳон ӯ мулки Хатлони маро.
Қудрати дастони ӯ чун нақби Анзобам кушод,
Кард осон зиндагонии Зарафшони маро.
Нақби Шар-Шар шуд кушода аз қудуми шоҳи мо,
Мекунад осонгузар он роҳи ёрони маро.
Сангтӯда мешавад оянда бо ному нишон,
Муштарӣ гардад ҷаҳоне барқи Роғуни маро.
Ин ҳама ободиву хурсандиву сулҳу салоҳ,
Карда машҳури ҷаҳон ин шоҳи даврони маро.
Сояи Яздон бувад чун дар замин ҳар шоҳи мулк,
Соябон шав, эй Худо, Эмоми Раҳмони маро.

*ХУШХАБАР*

Хушхабар омад ба моён аз Хуҷанд,
Парчами озодӣ он ҷо шуд баланд.
Саҷда оварданд наздаш ду гурӯҳ,
Нанги ҳарду халқро омад писанд.

Сессия дар ин макон барпо шуда,
Созгори тоҷикон пайдо шуда.
Шуд раиси мулк инҷо интихоб,
Дасти Эмомалӣ боло шуда.

Аз ҳамон рӯзе, ки раҳбар гаштааст,
Дар макони халқ ахтар гаштааст.
Посбонӣ мекунад сулҳу салоҳ,
Баҳри халқи хеш афсар гаштааст.

Зинда бош, Эмоми даврон, зинда бош!
Давлати имрӯзаро поянда бош!
Раҳнамои менамоӣ бист сол,
Ҳамчу раҳбар раҳбари оянда бош !

## *ТОҶИКИ БОНАНГ*

Аз қудуми сарвари мо мулк тобон гаштааст,
Мардуми аз ғам ҷудо чун ғунча хандон гаштааст.
Ҳар замон аз чеҳраи бекинаи ҳар марду зан
Осмони рӯи мулкам боз рахшон гаштааст.
Шуд муяссар ҳар касеро ворисӣ дар мулки худ,
Тоҷики бонанг акнун раҳбари он гаштааст.
Меҳрафзо шуд садои якдилӣ дар байни мо,
Ин наво кафшери ҳар як аҳду паймон гаштааст.
Босахо будан шиори сарвари донои мо,
Хайрхоҳиҳо насиби қавми Сомон гаштааст.
Мекунад тасвир Мадхон васфи шоҳаш то абад,
Аз садоқат то абад баҳраш ғазалхон гаштааст.

## *МАРДИ ОҚИЛ*

Чун ту ҳастӣ оқилу одил барои мардумон,
Кори некат то бимонад то абад аз ту нишон.
Зинда кардӣ расму оини ниёгонро аҷаб,
Офаринҳо мерасад аз ҳар куҷо бар номатон.
Қадри одамро шуморӣ беҳ аз дурру гуҳар,
Ҳозирину ғоибу дармондаю пиру ҷавон.
Худ, ки шахси бохирад, бо илму бо фарҳангӣ ту,
Гаштаӣ имрӯз насли тоҷиконро пуштибон.
Шермардӣ карда, таърихи Ватан бингоштӣ,
Қаҳрамониҳои ту бо мардум бимонад ҷовидон.
Пешаи корат ба халқат некӯӣ кардан бувад,
Эҳтиромат мекунад дар ин Ватан пиру ҷавон.
Зодаи Хатлонзамини ҳамчу насли Қаҳрамон,
Ҳамчу ахтар нурбахшӣ мекунад бар тоҷикон.
Тӯҳфаи ночизи моро кун қабул, ай сарварам,
Ин ғазал аз номи Мадхон то абад монад нишон.

*АЗ АХТАРОН БОЛО !*

Ту ба чашми хеш, ҷоно, ин ҷаҳони мо бубин,
Бар ҳарими аҳли дил ин гулшани зебо бубин.
Рози дил имрӯз бо ҳам мекунад тоҷики ман,
Нури оламгирро дар чеҳраҳо пайдо бубин.
Сарвари мо ибни Раҳмон сулҳпарвар дар ҷаҳон,
Тору пуди ҷангро барканд аз дилҳо, бубин!
Мебарад бо худ паёми сулҳро бар ҳар куҷо,
Парчами озодиро андар ҷаҳон боло бубин.
Руи олам шоҳи мо имрӯз мемонад кадам,
Аз қудумаш оламеро ошнои мо бубин.
Менамояд фахр кас аз тоҷику аз раҳбараш,
Раҳбари имрӯзаро аз ахтарон боло бубин.

## *СУЛТОНИ МО*

Хуш омадӣ, ай шони мо,
Шоҳаншаҳи даврони мо!
Эҳёгари сулҳи Ватан,
Эмомалӣ Раҳмони мо!

Пиру ҷавон аз ту ризо,
Дасти халоиқ бар дуо.
Номат бишуд дар сина ҷо,
Эй шаҳсутуни қалбҳо!

Бар тоҷикон армон шудӣ,
Исмоили Сомон шудӣ.
Дар ҷисму ҷони миллатам,
Малҳам шудӣ, дармон шудӣ.

Хуш омадӣ, Султони мо,
Бар водии Вахшони мо,
Эй шоҳи кулли тоҷикон,
Эмомалӣ Раҳмони мо!

*ВАҲДАТ*

Чеҳраҳои гарму нарми модарон,
Хуш табассум дар лабони дилбарон.
Шавқу шӯри ошиқони хушбаён,
Чаҳи – чаҳи мурғони масти нағмахон.

Ин ҳама аз файзи Сулҳу Ваҳдат аст,
Тоҷикистон мулки саҳибқудрат аст!

Болафшон кафтарон дар осмон,
Хандаи марғуладори кӯдакон,
Мисли гул хандидани пиру ҷавон,
Хуш бувад ҳангомаи оби равон.

Ин ҳама аз файзи Сулҳу Ваҳдат аст,
Тоҷикистон мулки саҳибдавлат аст!

Савту созу ҳам навои мутрибон,
Хуш суруди ҳофизи ширинбаён,
Нони гарми гандумӣ болои хон,
Лаззати ҷонбахши байти шоирон.

Ин ҳама аз файзи Сулҳу Ваҳдат аст,
Тоҷикистон мулки саҳибдавлат аст.

Дона бар хокафкании деҳқон,
Осмони софу поки бекарон,
Меҳмонон, мизбонон шодмон,
Хонаи ободу бахти тоҷикон!

Ин ҳама аз файзи Сулҳу Ваҳдат аст,
Тоҷикистон мулки саҳибдавлат аст!

*Маҳмуд Зиёӣ*

*ОФАРИД*

Модари тоҷик боз як Оли Сомон офарид,
Баҳри миллат ӯ Эмомалии Раҳмон офарид.
Саҷда меорам ба пеши инчунин зан дар ҳаёт,
К–аз барои дарди тоҷик малҳами ҷон офарид,
Халқро имрӯз дар кӯи муродаш ӯ расонд,
Шоҳ гуфтан ин кам аст, ӯ Шоҳи Шоҳон офарид!
Пора–пора Тоҷикистони маро карданд, лек
Аз сари нав ибни Раҳмон Тоҷикистон офарид!

*Мафтуна Назирова*

## *ТОҶИКИСТОН*

Мекунам шукрона ман,
Шукри ҳар як косаи оби зулол,
Шукри ҳар як резасангу ҳар гиёҳ
Шукри бахти бемисол,
Шукри ҳусни дилрабо.
Шукри ваҳдат, шукри тинҷӣ,
Шукри ин оромию осудагӣ.
Шукри ин обу ҳаво.

Шукри роҳе ки барояд аз дили кӯҳи азим,
Вай кунад пайваст қалби ҳамнавою ҳамсадо.
Шукри оне ки чароғи хирасӯзи бахти ту
Боз аз нав гашт рахшон.
Шукри он ки медурахшад дар самоят
Офтоби ҳамдилию меҳри инсон.

Шукри оне ки туро гашта насиб,
Сарвари ғамхору дилсӯзу наҷиб.
Дорад ӯ ҷаҳду ҷадал, азму талош,
Бо хаёли гулшукуфтат мебарорад ҳар нафас.
Ҷонфидо сарбози миллат бошад ӯ,
Ҷонфидоиро чу ӯ асло надида ҳеч кас.

Шукрҳо аз сарвари пурдони ту,
Шукри ин Эмомалӣ Раҳмони ту.

Тоҷикистон,
Ман муборак гӯямат бо рӯзи идат.
Беҳтар аз порина бод имсоли ту,
Ҷашни истиқлоли ту.
Гӯямат табрик аз ҷон ҳамчу дилбанди азиз,
Ин ҳама авҷу камол,
Гулшукуфти гулшани иқболи ту.
Эй диёри нозанинам,
Кишвари нурофаринам,
Ҷовидонӣ нур пошу нур пош,
Зинда бошу кишвари пурнур бош!

*Меҳмон Бахтӣ*

## *ҲАРФИ ШУКРОНА*

Аё, эй аҳли дил, эй аҳли кишвар,
Аё, эй мардуми озодаминбар,
Сурудам ҳарфи шукру бениёзист,
Дурудам шеваест аз ориёнфар.

Аё, қавми ҳунарманду пурармон,
Нишон аз бостон то Оли Сомон.
Дар ин Хоarзамин хуршеди нав бош,
Дар ин асри навин бошавкату шон.

Аё, эй тоҷики ҳушёру бедор,
Биёяд шӯҳрати пешин ба такрор.
Туро рӯҳи бузургонат мададгор,
Ватандор, эй ватандор, эй ватандор!

Навиде омада аз Оли Сомон,
Тавон ёбад, сафо ин Тоҷикистон.
Муборак, шаҳриёр, ин ҳусни шоҳӣ,
Муборак субҳи ободӣ ба даврон!

## *МЕҲРОНА*

Эй азизи пиру барно, муждавар,
Тоҷиконро ифтихору тоҷи сар.

Эй чароғи равшани шоми Ватан,
Ахтари болидарӯҳи анҷуман.

Бардамидӣ чун тулӯи ростин
Аз дили шоми сиёҳ, субҳи яқин.

Омадӣ, то халқро ёвар шавӣ,
Мулку миллатро ҳидоятгар шавӣ.

Ориёнро фар бубахшию зиё,
Ворисi шоиста бар тахти ниё.

Он замон ҳангомаи хунрез буд,
Нохуни ҷаҳлу адоват тез буд.

Хоку хокистар ба ҳам омехтанд,
Хуни ноҳақро баробар рехтанд.

Ҷодаҳо холиву тороҷи самум,
Бар сари гулбутта калзоғеву бум.

Бӯи яъсу ноумедӣ бар димоғ,
Шоми миллатро набудӣ як чароғ.

Ҷуз садои ғам намеомад ба гӯш
Аз нидову аз ғиреви ақлу ҳуш.

Хуррамиҳо рафта аз тарфи чаман,
Рангу бӯ гум карда атри ёсуман.

Ҳар қадам доми кавиреву фано,
Баҳсу наҳсу манманиву раббано.

Пой дар завлонаву банду гиреҳ,
Пардаи зулмат ба рӯи шаҳру деҳ.

Кӯч-кӯчи турнаҳои беватан,
Рӯз-рӯзи каргасу зоғу заған.

Эй аҷаб, бар моҳиёни зери об
Хӯрдани авлоди мо ҳам шуд «савоб».

Қадру қурби одамӣ беранг шуд,
Гуфтани ҳарфи муқаддас нанг шуд.

Қисса кӯтаҳ, он замони барбарӣ
Ҷуръати гурде набуд бар сарварӣ.

Он ки ҷон бар каф биёмад бармало,
Пури Раҳмон будӣ, эҳдои Худо.

Асли Одам ибтидо обу гил аст,
Адлу некӯӣ тақозои дил аст.

Файзу нусрат дода кӯҳу пуштаро,
Ҷамъ овардӣ парешонгаштаро.

Ҳамраҳи фарзандҳои бахтёр,
Ҳам ту халқатро гирифта дар канор.

Инчунин сомон, ки Сомонӣ надошт,
Ин шуҷоатро Сулаймоне надошт.

Дар талошу нангу исрори матин
Кас надида мислат аз аҳли яқин.

Гуфтӣ: То ҳастам, парасторӣ кунам,
Ҷонатон бо ҷон харидорӣ кунам.

То наёбам роҳи сулҳи устувор,
Ман намегирам ба ҷои худ қарор.

Гуфтӣ: Рӯзе рӯзи мо беҳтар шавад,
Хокро гирем, мушти зар шавад.

Масҷиду минбар саногӯят шуданд,
Тоҷикон ҳар ҷо дуогӯят шуданд.

Наҳс шуд доманкашон сӯи фано,
Файз омад, Тоҷикистон шуд ғано.

Сулҳи нотакрори мо инъоми ту,
Ваҳдати миллат бувад пайғоми ту.

Ҳар куҷое, ки қадам бигзоштӣ,
Байрақи сулҳу карам афроштӣ.

Зиннати боғу чаман эъҷози ту,
Қимати ҳар лаҳза андар сози ту.

Офтобӣ дар самои сарварӣ,
Додаӣ доди адолатгустарӣ.

Ин туӣ подоши шукри марду зан,
Сояи нури Худоӣ дар Ватан.

Бо паёми ту, азизи мардумон,
Эътибори мо бишуд то осмон.

Роҳҳои парниёну атласӣ
Бурдаанд аз ёд ёди бекасӣ.

Қасрҳо, фавворaҳо, гулгаштҳо
Мекушояд баҳри дилро чун сабо.

Хоксориву сахо оини ту,
Фарри шоҳаншоҳӣ дар таҳсини ту.

Орифон дар ҳайрат аз гуфтори ту,
Фозилон дар ҳайрат аз пиндори ту.

Эй ятимонро сару пушту паноҳ,
Эй нигаҳбони ҳақиқат аз гуноҳ.

Бо ту менозанд қавми Ориё
Ҳам ба Ҳинду Чину Балхи Осиё.

Дӯстиро месарої ҷовидон,
Душманонро низ мебахшӣ амон.

Оштиро ҳомии ҳушёр ту,
Аз тамаллуқ, аз тамаъ безор ту.

Эй саропо қадру қурбу боварӣ,
Бо ту зебо ин сарои сарварӣ.

Дарди оламро мудово гаштаӣ,
Мӯътабар, машҳури дунё гаштаӣ.

Эй фурӯғи ростину растагор,
То ту ҳастӣ, нест тоҷик хору зор.

Эй Аҳуроро нишони беҳтарин,
Офарин бодат, ҳазорон офарин!

Офарин бар ҳиммати волои ту,
Бар бузургиву сари болои ту.

Фарри шоҳаншоҳият бодо ҳалол,
Бо чунин бахту бузургию ҷалол!

Чархи таърих ар бигардад сад мақом,
Огаҳе чун ту наёбад. Вассалом!

*Мирзо Кенҷа*

## *НӮШБОДИ ВАҲДАТ*

Озода мунодии рашиди Ваҳдат
Овард, хушо, пайки умеди Ваҳдат:
Шоми сияҳи нифоқ доман барчид,
Омад зи паяш субҳи сафеди Ваҳдат.

Ёрон, ба ният шикаста нони Ваҳдат,
Шукрона кунем аз замони Ваҳдат.

Бар ин санаи хирад ато фармуда
Роҳ аз бари оҷанги ҷабинҳо буда.
Аз мӯи сафеди волидон аст нишон
Ин рӯзи сафеди ҷашни ашколуда.

Бурдем фуруд сар ба рози Ваҳдат,
То ҷумла шудем сарфарози Ваҳдат.

Раҳмон, ки кушод сӯи Ваҳдат раҳмон,
Шуд Ваҳдати тоҷик сабақи оламиён.
Гӯем ба ифтихор таҳсину сипос
Бар раҳбари соҳибхираду огаҳмон;

Аҳсант ба меъмори кабири Ваҳдат,
К-афрохт бинои беназири Ваҳдат!

Хуш бош, дило, мулк баҳористон шуд,
Шоҳаншаҳи Миср вориди Канъон шуд.
Чун ахтари наҳс тира шуд дидаи ғайр,
То ахтари саъди тоҷикон тобон шуд.

Соқӣ, ба қадаҳ рез набиди Ваҳдат,
К-имрӯз бувад Рӯзи саиди Ваҳдат.

То миллати мо бишуд ба Ваҳдат ноил,
Шуд бар хиради ӯ ҳама дунё қоил.
Имрӯз ба ворисони Оли Сомон
Олам ҳама гӯяд офарин аз таҳи дил.

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Бодо ба шумо хуҷаста Иди Ваҳдат!

Сад шукр, ки даври Сулҳу Ваҳдат омад,
Айёми таҷаддуду марамммат омад.
Аз каф надиҳем домани Сулҳ, ки он
Бо қимати ҷону хуни миллат омад.

Лабрез қадаҳро зи набиди Ваҳдат
Созед дар ин Рӯзи саиди Ваҳдат.

Шукронаи хоки Тоҷикистон дорем,
Ҳиммат ба раҳи саодати он дорем.
Дар ҷодаи эҳёи диёри падарон
Мо такя ба нирӯи ҷавонон дорем.

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Пирӯз ба ҷумла бод Иди Ваҳдат!

Дилҳо шуда лабрези сурури Ваҳдат,
Равшан шуда дидаҳо зи нури Ваҳдат.
Ёрон, бисароему бирақсем ҳама
Дар таҳти навои тори ҷӯри Ваҳдат.

Резед ба ҷомҳо набиди Ваҳдат,
Бодо ба ҳама хуҷаста Иди Ваҳдат!

*Мирзо Мавлон*

## *ДАСТИ ЗАР*

Эй хок аз инояти дасти ту зар шавад,
Ҳар фатҳи тоза аз раҳи хайри ту сар шавад.
Хуш гуфтааст шоири соҳибқирони шеър:
«Фарзанди нек ҷойнишини падар шавад».
Эй бандаи зи раҳмати парвардигор сер,
Пур аз шиори адли ту девору дар шавад.
Дар ин диёри камзамин бар кина ҷой нест,
Пиндору фанди Аҳриман зеру забар шавад.
Бӯи кулоҳу ҷомаи Сомонӣ мекунӣ,
Сомонӣ дар тасаввури мо зиндатар шавад.
Чун пайки нақби Уштуру Роғуну Вахшу Панҷ,
Ҳар рӯзи умри халқ бо шодӣ ба сар шавад.
Ҳар болу пар шикастаро бахшӣ ту болу пар,
Ҳар монда дур аз назар, аҳли назар шавад.
Бо кори хеш зиндаӣ дар ҷисму ҷони халқ,
Ҷони ту зинда дар тани ҳар як нафар шавад.
Эй Ориёзодаи хушному хушназар,
Ин миллат аз ту соҳиби фатҳу зафар шавад.
Ҳар қатра оби ин Ватан ширин шавад чу шаҳд,
Ҳар пора санги ин Ватан лаълу гуҳар шавад.

## *МАРДИ ХУДО*

Чун Худованд хории тоҷик бидид аз лутфаш,
Бози давлат бипариду сари дӯши ту нишаст.
Лаҳзае, ки ҳама дасту дили худ шуста буданд,
Мардум уммед ба Яздону ба ройи ту бубаст.
Ҳамчун Исмоили Сомонӣ камар барбастӣ,
Пешво гаштаву давлат бигирифтӣ ту ба даст.
Лашкари абри сияҳрӯй парешон кардӣ,
Маҳу Хуршед аз он пардаи зулмот бираст.
Чун Алӣ-шери Худо дар дили ту тарс набуд,
Пеш рафтӣ ту ба шамшери сухан тунду башаст.
Шераке гаштаву аз мулк бурун кардӣ адӯ,
Киштии азми туро ҳеҷ фишоре нашикаст.
Ҳамчу Шаҳболу Абӯмуслиму Темурмаликат,
Ба аду зарба задӣ ҷони азизат кафи даст.
Эраҷе гашта тилисме зи миён бардоштӣ,
Роҳи хунрезӣ амалҳои бузурги ту бубаст.
Кишвари гашта парешон ба ҳам овардӣ,
Тоҷики гашта ҷудо гашт зи нав даст ба даст.
Халқи дар вартаи нобудӣ ба ҳам овардӣ,
Олам имрӯз саногӯву сабақгири ту ҳаст.
Борҳо гарчӣ ту афтодаву бархостаӣ,
Гарчӣ бар ҷони ту бисёр намудандӣ қасд.
Тоҷикистон зи қадамҳои бафайзи ту шукуфт,
Ҳамчунин лолаву садбаргу гули наргиси маст,
Тоҷиконро ту бар ақсои ҷаҳон бардоштӣ,
Мардуми рӯйи ҷаҳон омаду бо мо пайваст.
Мардум имрӯз нафас гирад аз озодии мулк,
Баҳри инсон магар бахте аз ин боло ҳаст?

Чун Ғафурову чу Айниву чу Турсунзода
Қаҳрамонии шумо лоиқи дастоне ҳаст.
Бо дилу чеҳраи пурнури Анӯшервонӣ
Ҳотами Той ба китфи ту ниҳода кафи даст.
«Сулҳ орам ба шумо!» - гуфтаву сулҳ овардӣ,
Қувваи аҳриманӣ хӯрд зи Ҳурмузд шикаст.
Лоиқи ному насаб пеш рав, эй Марди Худо,
Андар ин роҳ Худованд нигаҳбони ту ҳаст.

*Мирзо Файзалӣ*

## *ШАШУМИ НОЯБР*

Имрӯз, ки ид аст,
Ин рӯзи саид аст.
Дар кишвари тоҷик,
Ҳамчун шарафи халқ,
Қонуни асосии Ватан
Аз тарфи халқ
Имрӯз қабул шуд,
Лабҳо пури ханда,
Ҳар чеҳра чу гул шуд.

Ин рӯзи муқаддас ба ҳама бод муборак,
Бар халқи Ватан давлати озод муборак!

Имрӯз, ки ид аст,
Ин рӯзи саид аст.
Бо раъйи умумӣ,
Бо меҳри фаровон,
Фарзонаи миллат
Эмомалӣ Раҳмон
Бо қалби пур аз меҳру вафо
Аз тарфи халқ
Ҳамчун шарафи халқ,
Бар тахт баромад,
Бо бахт баромад!

Ин рӯзи муқаддас ба ҳама бод муборак,
Бар халқи Ватан давлати озод муборак!

Имрӯз, ки ид аст,
Ин рӯзи саид аст.
Ду гавҳари ноёб
Моро ба каф омад,
Бар миллати тоҷик,
Бахту шараф омад.

Ин рӯзи муқаддас ба ҳама бод муборак,
Бар халқи Ватан давлати озод муборак!

*Мирзомурод Ҳошимзода*

*САРОБОНИ МИЛЛАТ*

Аё марди шуҷоатпеша, эй фарзанди Сомонӣ,
Туӣ Исмоили сонӣ, азизи халқу Яздонӣ.
Ҳумоӣ бахт болои сари ту мекунад парвоз,
Ту бошӣ шаҳсутуни миллату андар танаш ҷонӣ.
Насибат гашта имрӯз эътибору шӯҳрати дунё,
Ба лафзи Рӯдакӣ аз минбари Ваҳдат сухан ронӣ.
Дили саршори ту пур аз каломи меҳр мебошад,
Чу Хизре мекунӣ мушкилкушоиву саробонӣ.
Ту бар мулки куҳан аз нав тавони тоза бахшидӣ,
Ба пирон муттакои ту, ҷавононро нигаҳбонӣ.
Ба савганди вафодорӣ чу кӯҳе устувор астӣ,
Ту бо азму талоши худ гирифтӣ пеши қурбонӣ.
Сано бодо ба он модар, туро шири сафеде дод,
Ба ҳар тоҷик падар бошӣ, аё эй нури Раҳмонӣ!
Ҷавонмардӣ ҷаҳонгашта, аё эй кошифи асрор,
Ба ҳар як анҷуман тобандаӣ, моҳи шабистонӣ.
Ватан дорад зи номат ифтихори беш дар олам,
Ватанро тоҷи сар бинмудаӣ, қадри Ватан донӣ.
Як умре дар такопуӣ, надорӣ лаҳзае ором,
Ту меъмори навини сарзамини Тоҷикистонӣ!

## *СОҲИБДАВЛАТЕМ*

Тоҷикистон, модари ҷон, шукри модар мекунем,
Зарраи хоки туро ҳамвазни гавҳар мекунем.
Сад қасам аз номи фарзандони бо ору шуҷоъ,
Шӯҳрататро то Сурайё зеби кишвар мекунем.

Дар дили мо сулҳу Истиқлол, ёрон, ҷо бувад,
Ваҳдати мо шоҳроҳи зиндагии мо бувад.
Ҳамчу хуршеди саҳар бошад ливои дӯстӣ,
Дар фазои Тоҷикистон ҷилвагар, боло бувад.

Давлати тоҷик дорад Айнӣ, Бобоҷон Ғафур,
Шеъри Турсунзода бахшад рӯзу шаб мавҷи сурур.
Ворисони Оли Сомонем дар мулки куҳан,
Мерасад аз саҳфаи таърих Исмоил чу нур.

Ҷаннати рӯи замин бошад макони тоҷикон,
Шукр гӯям пури Раҳмон кард машҳури ҷаҳон.
Ибни Сино дарди мардумро даво бахшидааст,
Дарси мардӣ медиҳад моро китоби «Тоҷикон».

Андалебосо сароям васфи халқи олишон,
Марзу бумашро намояд меҳнати мо гулфишон.
Сабз гардад навниҳоли орзу дар боғи дил,
Тоҷи тоҷик медурахшад чун ситора дар ҷаҳон.

Абри ҷанг асло напӯшад чеҳраи моро дигар,
Модари тоҷик насӯзад дар ғами ҷону ҷигар.
Сарвари мо гаштааст имрӯз марди боҳунар,
Мебарад моро ҳамеша аз зафар сӯи зафар.

## *НУРОФАРИН*

Нури Роғун зиндагии моро мунаввар мекунад,
Хонаи уммеди моро пур зи ахтар мекунад.
Шӯълаи хуршед резад бар сари ҳар тоҷике,
Шоми тори зиндагиро дур аз сар мекунад.

Зинда бош, эй халқи тоҷик, вориси Сомониён,
Гаштаӣ машҳури дунё кишвари ваҳдатқарин.
Бо дуои неки пирон кори мо гирад ривоҷ,
Ғайрату азму талоши пури Раҳмонро бубин!

Мавҷ андар мавҷ меояд садои рӯди Вахш,
Нури Роғун шамси Истиқлол мебахшад ба мо.
Барқ ин ободию осудагии кишвар аст,
Мекунад зӯру тавоно то абад тоҷикро.

Барғи Роғун хонаи ободи ҳар як тоҷик аст,
Эътибори тоҷиконро он дучандон мекунад.
Сарвари моро нигаҳбонӣ кунад ҳар ҷо Худо,
Тоҷикистонро саросар ӯ чароғон мекунад.

*ПАРЧАМИ МИЛЛАТ*

Гули сурху сафеду сабзу барно,
Гули амну гули армони дилҳо.
Ба истиқлоли дерина расидӣ,
Шабеҳи ту касе нахле надидӣ.
Зи рангат чеҳраҳо чун ахтарон аст,
Зи бӯят синаҳо анбарфишон аст.
Ҳама гулро буда фасли хазоне,
Вале ту меҳргул ҷовид монӣ.
Аз он ки ту гули боғи муродӣ,
Зи меҳри тоҷики оринажодӣ.
Туӣ пайванди дастони адолат,
Туӣ рамзи нишоту бахти миллат.
Туӣ зебандаи бӯстони тоҷик,
Туӣ пайки шукӯҳи хони тоҷик.
Туро Эмомалӣ – фарди накӯкор,
Фурӯзанда раҳи мо дар шаби тор.
Биёварду шинонд аз боғи Сомон,
Пайи ободии марзи пурармон.
Сафои ранги ту аз дидаи ӯст,
Муаттар барги ту аз синаи ӯст.
Туро бодо Ҳумоюн, миллати ман,
Чунин гулро бисабзондӣ ба гулшан!

*НИГАҲ ДОР!*

Худоё, фазли инсонро нигаҳ дор,
Дили орӣ зи бӯҳтонро нигаҳ дор.
Ба гирди боғи бебарги ҳасудон,
Ниҳоли сабзи мардонро нигаҳ дор.
Барои ишқи хубони ҷаҳонтоб,
Дили зебопарастонро нигаҳ дор.
Ба коми мори афъӣ то науфтем,
Ҷаҳони сидқу имонро нигаҳ дор.
Чаман гашта хазон аз ҳаҷри булбул,
Ба завқи гул ҳазоронро нигаҳ дор.
Зи бахри куштани Заҳҳоки сархӯр,
Ту гурзи Ковадоронро нигаҳ дор.
Бимонад то ҷаҳон манзилгаҳи ишқ,
Баҳори боғу бӯстонро нигаҳ дор.
Пайи сайди адӯи бахти инсон,
Уқоби Тоҷикистонро нигаҳ дор!
Бимонад ҷовидон то  Тоҷикистон,
Эмомалии Раҳмонро нигаҳ дор!

## *ТОҶИК АСТ*

Он, ки дорад ҳиммату номусу нанг,
Ҳам диле покиза аз дарёи Ганг,
Он, ки доим аз раҳи меҳру вафо,
Ҳар касе ояд, бигӯяд: –Марҳабо,
Тоҷик аст ӯ, тоҷик аст ӯ, тоҷик аст!

Он, ки дар дил парварад сидқу сафо,
Душмани худро кунад хайру сахо,
Он, ки ҳарфи ӯ бувад оҳанги ишқ,
Дар дилаш ғунҷида сад фарҳанги ишқ,
Тоҷик аст ӯ, тоҷик аст ӯ, тоҷик аст!

Он, ки дорад дар бараш ёри қашанг,
Ҳамчу гулҳои чаман рангобаранг.
Он, ки баҳри ишқи Ширини ҷаҳон,
Ҷӯи об аз хуни дил карда равон,
Тоҷик аст ӯ, тоҷик аст ӯ, тоҷик аст!

Он, ки мехоҳад ҳама халқи ҷаҳон,
Дар фазои сулҳ бошад комрон,
Он, ки доим дӯстро дар ҷустуҷӯст,
Ҷон диҳад, гар лозим ояд баҳри дӯст,
Тоҷик аст ӯ, тоҷик аст ӯ, тоҷик аст!

Он, ки дорад фарри Сомонӣ ба сар,
К-аз шукӯҳаш душманон хунинҷигар,
Он, ки дорад вориси тахти Каён,
Қаҳрамон - Эмомалии олишон,
Тоҷик аст ӯ, тоҷик аст ӯ, тоҷик аст!

*ТОҶИКАМ*

Гарди хоки зери поят сурмаи чашмони ман,
Қалби софи беғуборат қиблаи имони ман.
Фарру тоҷи нурборат орзу, армони ман,
Тоҷикам, эй тоҷикам, эй ворисн Сомони ман!

Чингизу Искандару Темури хунхори ҷаҳон,
Омада бар хоки ту оташ зада бар ҷисму ҷон.
Ҳам бисӯхта, ҳам бикушта, ҳам бибурда хону нон,
Тоҷикам, эй тоҷикам, эй собири Раҳмони ман!

Шукр, сад гуна балоро пушти сар бигзоштӣ,
Парчами Сомониро то бар фалак афроштӣ.
Нангу номуси ватандорӣ зи каф нагзоштӣ,
Тоҷикам, эй тоҷикам, эй ғолиби даврони ман!

Хубтару беҳтар зи ту халқе наояд бар ҷаҳон,
Тозаву озодаву шерафгану фархундаҷон.
Шераку Испитамену Ҳотами ҳарду ҷаҳон,
Тоҷикам, эй Рустамам, эй насли Нӯшервони ман!

Иди эҳёят муборак, тоҷики зебои ман,
Бахту иқболат муборак, зебиши дунёи ман.
Эй самои бахти манро моҳи беҳамтои ман,
Тоҷикам, эй ҷисму ҷону гулшани армони ман!

Ҳиммату сабри ҷамилат қалби душманро шикаст,
Сарбаланду шод бошӣ, то ки дунё буду ҳаст.
Оқибат ояд Самарқанду Бухороят ба даст,
Тоҷикам, эй тоҷикам, эй қалби пурармони ман!

Ҳеҷ гаҳ гарде набинад ғунчаи армони ту,
Чини ғам ҳаргиз набинад чеҳраи хандони ту.
Сарварат бошад ба сар Эмомалӣ Раҳмони ту,
Тоҷикам, эй ҷони ман, эй умри ҷовидони ман!

## *НӮШЕРВОНИ АЙЁМ*

Вақте ки мечакид ашк аз чашми Тоҷикистон,
Буданд қавми тоҷик ба ҳам чу душмани ҷон,
Омад ба тахти шоҳӣ ин қаҳрамони даврон,
Нӯшервони айём - Эмомалии Раҳмон.

Тиру туфанг бигирифт аз дасти ҷангҷӯён,
Овард ҷангиёнро биншонд гирди як хон.
Хушконд ашки тифлон, ҳам модарони гирён,
Нӯшервони айём - Эмомалии Раҳмон.

Ронд аз дили халоиқ озору кин, ғазабро,
Бахшид бар дили халқ иду фараҳ, тарабро.
Аз ин диёри чун рӯз нобуд кард шабро.
Нӯшервони айём - Эмомалии Раҳмон.

Бар Чин кушод шаҳраҳ, бикшод нақби Анзоб,
Роҳи қатора овард аз дуриҳо ба Кӯлоб.
Аз минбари ҷаҳонӣ гуфто сухан зи ҳар боб,
Нӯшервони айём - Эмомалии Раҳмон.

Сабзонд нахли ваҳдат дар хоки Тоҷикистон,
Гардид азизи дилҳо фарзонашоҳи даврон.
Дар осмони кишвар шуд офтоби рахшон,
Нӯшервони айём -  Эмомалии Раҳмон.

*Муқим Шарифзода*

## *ҲАСРАТИ МИЛЛАТ БА ПОЁН МЕРАСАД*

Аз қудумат ҳасрати миллат ба поён мерасад,
Дасти халқат боз бар домони армон мерасад.
Дар самои бахти мо монанди хуршед омадӣ,
Боз субҳи файзбори покмардон мерасад.
Пос медорӣ ҳамеша рӯҳи аҷдодони худ,
Решаҳои асли ту то Оли Сомон мерасад.
Ин замон бар аҳди дунё дарси Ваҳдат медиҳӣ,
З-он насими ояту андарзи Қуръон мерасад.
Кинадоронро ба ҳам ёру бародар кардаӣ,
Файзборон аз насими меҳрборон мерасад.
Ин замон бо ҳимматат ҳомии миллат гаштаӣ,
Чун зи ҳар иқдоми ту як файзи Раҳмон мерасад.
Ғӯраи нахлат кунун ҳалвои ширин медиҳад,
Тоҷик аз нав рӯи тахти шӯҳрату шон мерасад.
Тоҷикистон аз сахову ҳимматат фирдавс шуд,
Шӯҳрати ин мулки мо рӯзе ба кайҳон мерасад.
Дар санои ту Муқимӣ дурри маънӣ мекашад,
Риштаи ҳар мисраъаш то решаи ҷон мерасад.

*Муҳаммад Ғоиб*

## *КИСТ РАҲМОНОВ?*

Кист Раҳмонов? Умеди зиндагихоҳи ҳама,
Воқиф аз маънии ҳастӣ, як дилогоҳи ҳама.
Қаҳрамони достони шодиву оҳи ҳама,
Даргаҳи тақдир баҳри ӯст даргоҳи ҳама.

Кист Раҳмонов? Дар вақташ худоовардае,
Шуд ливояш рағми бозиҳои пушти пардае.
Обу хоку офтобе баҳри ҳар парвардае,
Бозпайдогаштае бар хештангумкардае.

Кист Раҳмонов? Амонӣ аз аминӣ ёфта,
Тахти ғайрат аз ҳисоби бекаминӣ ёфта.
Ҷавҳари андешаро аз ҳамнишинӣ ёфта,
Шӯҳрати афлокӣ аз хулқи заминӣ ёфта.

Кист Раҳмонов? Он неке, ки бад дар ҷо шинонд,
Мулки худ аз вартаи нобуд гардидан раҳонд.
Зиндагиро дар диёри ғайр сахт аз марг хонд,
Кард халқаш ҷамъ, осори парешонӣ намонд.

Кист Раҳмонов? Он ки мақсадаш осудагист,
Раҳнамои ҷодаи неки худофармудагист.
Посбони покию барҳамзани олудагист,
Рангбахши тоза бар бому дари фарсудагист.

Кист Раҳмонов? Он ки нешҳоро нӯш кард,
Бори вазинин замони нангро бар дӯш кард.
Бо муҳаббат кинадори хешро оғӯш кард,
Оташи ҷанги ватансӯзандаро хомӯш кард.

Кист Раҳмонов? Он ки ҷуст аз заҳраш шакар,
Кард ҷонаш бар дами шамшери бадхоҳаш сипар.
Сайди бахташро раҳонд аз чанги сайёди хатар,
Рӯйсурхиаш нишоне бошад аз хуни ҷигар.

Кист Раҳмонов? Он ки раҳмаш аз андоза беш,
Ошонои мардуму бегона ҳаст аз баҳри хеш.
Пеш гирад роҳи фардоро ба ёди даври пеш,
То набинад бори дигар халқи худро синареш.

Кист Раҳмонов? Як фархундапай, имдодгар,
Халқи худ аз маҳбаси дилмондагӣ озодгар.
Ҷойи ноободи мулки хешро ободгар,
Ҳаст дар бахшу тариқаш беҳтарин эҷодгар.

Кист Раҳмонов? Он ки монд нақши умрбод,
Дар сари мӯ бозии ҷон дид дар роҳи мурод.
Бар сараш гарди сафед аз он сияҳрӯзон фитод,
Ганҷи роҳатро ба даст овард бо ранҷи зиёд.

Кист Раҳмонов? Аҷдоди бузургашро давом,
Номро аз нанг ҷӯяд, нангро ҷӯяд зи ном.
Бозгӯи қудраташ бошад баҳои хосу ом,
Эҳтиром аз эътироф аст, эътироф аз эҳтиром.

Кист Раҳмонов? Марде оламаш бишнохта,
Бо давову бо даводав давлати худ сохта.
Пуркунӣ осон набуд бо бурд ҷои бохта,
Аз зафар созад ҳикоят парчами афрохта.

Кист Раҳмонов? Як пайвандгар, як дурбин,
Бар ҷаҳон пайванд мулкаш кард ин марди матин.
Тоҷикистонро шиносад Амрикову Ҳинду Чин…
Ин ба гуфтан ҳаст осон, бахти андак нест ин.

Кист Раҳмонов? Боди шурта дар баҳри дамон,
Дод бар рангинкамон ҷойи ҳама тиру камон.
Дар забони бенамакҳо ҳаст як фарди замон,
Дар забони бонамакҳо ҳаст номаш Қаҳрамон.

Кист Раҳмонов? Имоми мазҳаби хушҳолӣ аст,
Ҳомии сулҳу адолат, пайки некиқболӣ аст.
Аз вафодорӣ пуру аз бевафоӣ холӣ аст,
Сарвари арзанда бо ному мақоми Олӣ аст…

## *ҚАСАМ*

Сарвар, ки ба шири модараш хӯрд қасам,
Бо номи баоламовараш хӯрд қасам.
Бо ҳастии нангпарвараш хӯрд қасам,
Бо ҳар сари ҷони кишвараш хӯрд қасам.
Бедор шудем,
Бедор шудем.

Бедор шудему дар хаёл афтодем,
Дар фикри ҷавоби сад савол афтодем.
Дар ҷустани луқмаи ҳалол афтодем,
Дар мулки ҳаёти безавол афтодем.
Осуда шудем,
Осуда шудем.

Осуда шудем аз ин қасам бори нахуст,
Гуфтем ҳама доғи куҳан бояд шуст,
Бояд, ки қадам ниҳод бар роҳи дуруст,
Худро зи чаҳони покҳо бояд ҷуст,
Ин роҳи бақост,
Ин роҳи бақост.

Ин роҳи бақои мардуми пок шавад,
Нопок дар ин роҳ ҷигарчок шавад,
Бояд сари бовафо ба афлок шавад,
Бояд сари бевафо таги хок шавад,
Сахт ин қасам аст,
Сахт ин қасам аст.

Сахт ин қасам аст, бар дари нанг барад,
Гармист, ки сардӣ аз дили санг барад,
Сулҳ аст, ки доғи мондаи ҷанг барад,
Аз оҳани қисмати ҳама занг барад.
Ин аст маром,
Ин аст маром.

Ин аст мароми қасами Сарвари мо,
Сахт аст сиёсати ватанпарвари мо,
Бояд ҳама ҷо баланд бошад сари мо,
Як давлати машҳур шавад кишвари мо.
Панд ин қасам аст,
Панд ин қасам аст.

Панд ин қасам аст, ҷамъи мағзи сухан аст,
Дар ҳар ду ҷаҳон ҷавоби соҳибватан аст,
Таъкиди нави панди бузурги куҳан аст,
Мондан ҳама чизу бурдани як кафан аст.
Тақдир як аст,
Тақдир як аст.

Тақдир як аст, ин қасами ҳар яки мост,
Бар халқу Ватан нишонаи меҳру вафост,
Баҳри ҳама дарди зиндагӣ ҳамчу давост,
Зеро ки ба шири Модару номи Худост.
Дар ин қасамем,
Дар ин қасамем.

Бишкастани ин қасам шикасти ҳама аст,
Кӯтаҳ шудани забону дасти ҳама аст,
Бегонанишин ҷои нишасти ҳама аст,
Марге ба дили ватанпарасти ҳама аст.
Андеша кунем,
Андеша кунем.

Андеша кунем, аз ҳама вазнин қасам аст,
Бар аҳди ҳама ҷаҳди нахустин қасам аст,
Бар фарқи қасамшикан табарзин қасам аст,
Савганди ватансозии мо ин қасам аст.
Нанг ин қасам аст,
Нанг ин қасам аст.

## *МАҚСАДИ ОЛӢ*

Хуфтаро бедор кардӣ бо сухан,
Шуд ҳамовозат ҳама халқи Ватан.
Баъд аз ин аз боби Роғун гап равад
Дар раҳу дар раставу дар анҷуман.

Навҷавон гӯяд: «Ба Роғун меравам,
Дав-давон гӯяд ба Роғун меравам».
Пири аз по монда ҳам дар ин хаёл,
Нотавон гӯяд «Ба Роғун меравам».

Ояд овоз: «Он чӣ рафт аз каф, бас аст,
Пои худ мондан бурун аз саф, бас аст.
Савти худ ҷӯед бар сози дигар,
Ҷӯр гаштан, ҷӯр ҳамчун даф, бас аст.

Хешро ёбед, агар ҷӯед суд,
Мерасад аз оташи бегона дуд.
Хоҳиши дидан надорад ҳеҷ гоҳ
Кохи бахти ғайрро чашми ҳасуд...»

Дарди худро худ фақат дармон кунем,
Ҷон фидо дар ҷодаи армон кунем.
Бар ватандор аст фармон як сухан,
Зуд иҷро бояд он фармон кунем.

Як сухан раҳдор раҳгумро кунад,
Бештар меҳру тараҳҳумро кунад.
Гар парешонанду дур аз ҳамдигар,
Як сухан сарҷамъ мардумро кунад.

Ҳарфи дилрас мум созад сангро,
Бар сари нанг оварад бенангро.
Даъватат шуд вожаи ваҳдат ба халқ,
Сулҳи ту биншонд дар ҷо ҷангро.

Аз ватандорӣ сухан гӯӣ фақат,
Нафъу бурди халқро ҷӯӣ фақат.
Некро охир шиносанд одамон,
Пеш гирӣ роҳи некӯӣ фақат.

Ҳарфи ту бар мағзи ҷон таъсир кард,
Марди гапногирро гапгир кард.
Фарқҳоро як сухан барбод дод,
Ҷумларо ҳамфикру ҳамтақдир кард.

Ҳизбҳову сарварон бо ҳам шаванд,
Ҷамъи меҳанпарварон бо ҳам шаванд.
Рӯзи мо бебарқ мегардад гарон,
Бандаҳо рӯзи гарон бо ҳам шаванд.

Модари хурду калон бошад Ватан,
Ҷамъсози ворисон бошад Ватан.
Бе Ватан ҳастии мо ҳам нестист,
Дар дили ҳар ҷисм ҷон бошад Ватан.

Ҳурмати модар кунад девона ҳам,
Шукри кишвар мекунад бехона ҳам.
Қаср зиндон аст бар соҳибватан,
Бе ватан дар кишвари бегона ҳам.

Даъватат уммеди дигар парварад,
Камбағал ҳам коғази қимат харад.
Баҳри Роғун пири дар фикри кафан
Даст бар сӯи пасандозаш барад.

Лол ҳам аз даъватат гӯё шавад,
Тирадил ҳам равшанӣ ҷӯё шавад.
Муттаҳидгардӣ агар бошад чунин,
Саҷдагар бе саркашӣ дарё шавад.

Ҳарфи меҳр аз дил ба дилҳо меравад,
Дар раги номусҳо хун мешавад.
Мақсади олӣ ватандорӣ, ки ҳаст,
Мешавад бунёд Роғун, мешавад!

## *ИҶЛОСИЯИ XVI*

Нигаҳҳо дар камони дидаҳо чун тирҳо хуфта,
Ҳама дар лавҳи маҷлисгоҳ чун тасвирҳо хуфта.
Намеҷунбад касе дар ҷой, ҳайкалгаштаро монад,
Зи хоби ин ҳама тақдирҳо тадбирҳо хуфта.
Нафасҳо дар гулӯҳо баставу овозҳо бандӣ,
Ғам озод асту мемонад ба зиндони фараҳмандӣ.
Зи тарҳи рӯйҳои рангканда метавон бишнохт
Базӯр аз ҳамдигар раштиву кӯлобию хуҷандӣ.
Нахоҳад дидани дидори гармиро ягон сардӣ,
Бидӯзад сӯи сабза чашми рашколудааш зардӣ.
Намемонад бадӣ, некӣ ниҳад по дар қадамҷояш,
Камонмардӣ намехоҳад, ки ҷо ёбад ҷавонмардӣ.
Дар ин ҷо марг гӯё зиндагониро нигаҳбон аст,
Ҳама шодӣ ғамолуду ҳама дидор ҳиҷрон аст.
Касе дар шишаи чашме нахоҳад акси худ дидан,
Дар ин дидан фиребу ростию дарду дармон аст.
Фишор аз ҳар тараф, аз ҳар тараф таҳдиди марговар,
Надорад одаме бар одаме дар рӯзи бад бовар.
Сиёсат бозии бисёр душвор аст, осон нест,
Ҷавоби пурсиши бозингаронро додани довар.
Ҷавоби он ҳама додӣ, зи бедорӣ сухан гуфтӣ,
Зи ҳифзи ҳастии миллат, зи тақдири Ватан гуфтӣ.
Раҳи ҳастии бе ҳалқу диёрам ҷодаи марг аст,
Фидо созам дар ин раҳ, лозим ояд, ҷони ман, гуфтӣ.
Шавад то мушкил осон, рӯ ба даргоҳи Худо кардӣ,
Ливои мулки худро гиря карда, бӯсаҳо кардӣ.
На танҳо хешро, бегонаро ҳам ошно кардӣ,
Ҳалолат бод, бар аҳдат вафо, қарзат адо кардӣ…

## *ТАҚДИМ БА РОҲНАМОИ МИЛЛАТ*

Мо ҳам хати роҳи худ нависем,
Шаҳномаи шоҳи худ нависем.
Он хатти раҳе, ки ҷовидон аст,
Пайки раҳи дури ормон аст.
Пайғом диҳад зи васл моро,
Пайванд кунад ба асл моро.
Роҳе, ки зи бераҳӣ раҳонад,
Мӯҳтоҷи дигар шудан намонад.
Дилро тиҳӣ аз гудоз созад,
Наздик раҳи дароз созад.
Аз хастараҳӣ асар намонад,
Аз бастараҳӣ асар намонад.
Ин ҷода раҳи гузаштагон буд,
Пур аз пайи даҳргаштагон буд.
Шаҳроҳи ҳазор корвон буд,
Аз мову ҳама ба он равон буд.
Ҳарфи пайи рафтагон нахондем,
Байту ғазали равон нахондем.
Хуфтему зи ёд хуфтагон рафт,
Ёди ҳама қиссагуфтагон рафт.
Танҳо ғами бардавомашон монд,
Овозаи нангу номашон монд.
Ин раҳ алами нагуфта дорад,
Дар сина ғубори хуфта дорад.
Марди ба ҷарӣ фитода дорад,
Бар хунҷигарӣ фитода дорад.
Вайронии раҳ шаҳидашон кард,
Маҳруми дари умедашон кард.

Рафтанду дубора барнагаштанд,
Дур аз Ватан аз ҷаҳон гузаштанд.
Гум карда калиди орзуҳо,
Гаштанд шаҳиди орзуҳо.
Мурданд ҳазорҳо дар ин раҳ,
Ҳастанд мазорҳо дар ин раҳ.
Ҳар санг нишонаи саре ҳаст,
Ҳар чашма сиришки модаре ҳаст.
Ин санги алам надида рафтем,
Ин чашмаи ғам надида рафтем.
Бар маскани беғамӣ расидем,
Аз баҳр ба шабнамӣ расидем.
Қавме, ки надоштанд номе,
Мӯҳтоҷ буданд бар каломе,
Дар фикри давою дард буданд,
Саҳроию пуштагард буданд.
Бигзашта зи мо бузург гаштанд,
Бар мешбимонда гург гаштанд.
Аввал раҳи бахти мо бубастанд,
Он ҷодаи ошно бубастанд.
Бурданд ба роҳи хеш моро,
Бо нӯш заданд неш моро.
Сабзонда, зи мо амал гирифтанд,
Гул дода, зи мо асал гирифтанд.
Ин гуна ба домашон фитодем,
Як қатра гирифта, баҳр додем.
Маҳруми ҷаҳони ханда гаштем,
Озод будем, банда гаштем.
Дар васфи дигар каломи мо шуд,
Бегонапараст номи мо шуд.
Гардида ғуломи мансаби хеш,
Бурдем зи ёд матлаби хеш.
Дур аз сари мо хаёли раҳ шуд,
Марговари мо хаёли раҳ шуд.

Бар роҳи қадам ниҳода рафтем,
Бар кӯйи дигар пиёда рафтем.
Бе раҳ зи ҳама алоқа мондем,
Дар олами ҷамъ тоқа мондем.
Аз ҳалқаи ғам раҳо нагаштем,
Аз ҷабру ситам раҳо нагаштем.
Бо роҳи дигар ба худ расидем,
Бо хуни ҷигар ба худ расидем.
Раҳбанд ба ҳар диёр кам нест,
Бадхоҳ ба бахтиёр кам нест.
Бикшодани роҳи баста мушкил,
Пайвастани ҳар шикаста мушкил.
Бероҳагаре раҳе нахоҳад,
Зулмат асари маҳе нахоҳад.
Хоҳанд, ки роҳи худ наёбем,
Тоҷи худу шоҳи худ наёбем.
Раҳгум ба раҳи мурод гардем,
Раҳгумзада умрбод гардем.
Гумкардаи нангу ном бошем,
Ҳасраткаши бардавом бошем.
Хоҳанд бадӣ, валек тақдир,
Бинвишта шавад ба дасти он мир.
Бахшад ҳамаро зи нияташ ҷоҳ,
Он карда гадову ин кунад шоҳ.
Дар кардаи ӯ хато набошад,
Парвардаи ӯ хато набошад.
Буданд ҳазорҳо хирадманд,
Ганҷинаву кони ҳикмату панд.
Лек он ҳама з-имтиҳонаш афтод,
Ӯ тоҷи шаҳӣ ба некҷӯ дод.
Он кофтааш набуд машҳур,
Дарёфтааш набуд машҳур.
Лек аз ҳама номдортар шуд,
Бар гумасарон зи нав асар шуд.

Тарҳи раҳи кӯркардаро кофт,
Хатти раҳи гӯркардаро кофт.
Роҳе, ки раги дили замон буд,
Осонгари мушкили замон буд.
Бар дидаи танги хасму бадхоҳ,
Буд мисли камону тир ин роҳ.
То гум кунад ин камони пуртир,
Меҷуст ҳазор роҳу тадбир.
Санги басар омада аз ӯ буд,
Ҷанги ба сар омада аз ӯ буд.
Лекин раҳи фаҳми раҳбари мо,
Овард фараҳ ба кишвари мо.
Бар дидаи ақли худ назар кард,
Майдони нигаҳ фарохтар кард.
Дид он чӣ, зи нияти накӯ дид,
Нодидаи шоҳи дигар ӯ дид.
Он ҷодаи гӯргаштаро ёфт,
Хатти раҳи кӯргаштаро ёфт.
Бо он ки ба роҳи нанг ҷон дод,
Унвони баланд - Қаҳрамон дод.
Гум шуд ҳама сангу сангандоз,
Гум шуд пайи ҷангу ҷангандоз.
Иқболи куҳан дубора омад,
Бар роҳи худ ин қатора омад.
Даври ғами хеш хӯрдан омад,
Бори раҳи нанг бурдан омад.
Бояд, ки барем бори худро,
Ганҷинаи ифтихори худро.
Бояд, ки ба ними раҳ намонем,
Бар кӯи умед худ расонем.
Эй марди сафар, нигаҳ ба раҳ кун,
Бар раҳ чӣ! Ба раҳкушо нигаҳ кун!
Ҳар чини ҷабини ӯ раҳе ҳаст,
Бозӯи матини ӯ раҳе ҳаст.

Ин раҳ асари навиштаи ӯст,
Бар найчаи хок риштаи ӯст.
Ӯ синаи кӯҳро шикофад,
Аз қудрати худ, вале налофад.
Бар лашкари кӯҳ ҷанг созад,
Чун мум ба зарба санг созад.
Ӯ сахттарин гираҳ кушояд,
Ҷон дар сари мӯй, раҳ кушояд.
Роҳе, ки ба Ҳинду Чин расонад,
Бар кӯйи фараҳ ғамин расонад.
Роҳе, ки шавем аз он ҷаҳонгард,
Созем даво ҳазору як дард.
Роҳе, ки ба мо ҳаёт бахшад,
Роҳе, ки ба мо наҷот бахшад.
Раҳҳои дигар пур аз камин аст,
Моро раҳи зиндагӣ ҳамин аст!
Ин раҳ раҳи Ваҳдат аст моро,
Бар мулки саодат аст моро.
Ин раҳ раҳи бахти ҷовидон аст,
Аз шоҳи диёрамон нишон аст.

*ВАҲДАТ*

Чашм бар дур назар кард, хабардор шудем,
Заҳрро ақл шакар кард, шакардор шудем.
Панд бар фанд асар кард, асардор шудем,
Меҳр бар кина зафар кард, сипардор шудем.

Нешро аз хотири ҳастии миллат нӯш кардем,
Оташи ҷанги ватансӯзандаро хомӯш кардем.

Хунҷигар шуд баду ин қавм бадомӯз нашуд,
Ҷо даруни қафаси дуд худафрӯз нашуд,
Соҳиби нури хирад буд, сияҳрӯз нашуд,
Сабзтар гашт, сияҳрӯ чу заминсӯз нашуд.

Ин нишони аз гуноҳи ҳам гузаштан буд,
Ин баҳори ваҳдати сарсабз гаштан буд.

Қиссаи ваҳдати моро ба ҳама ҷо донанд,
Сухан аз сулҳ равад, Сарвари моро хонанд.
Ҳар куҷо Пайкараи Ваҳдат агар бигзоранд,
Ном бояд, ки ба он тоҷбасарҳо монанд…

Мо ба Ваҳдат дар ҷаҳон машҳур гаштем,
Чун нишони ориён машҳур гаштем.

## *САРВАРИ МО*

Раҳбарӣ бар ту ҳалол, Эмомалӣ!
Ҳам насибат ин ҷалол, Эмомалӣ!
Сарфароз аст мардуми ин сарзамин,
Сарзамини гулбаҳору нозанин.
Зинда кардӣ давлати Сомониён,
Тоҷиконро кардӣ машҳури ҷаҳон.
Байни мардум дӯстӣ шуд устувор,
Ваҳдати миллӣ бигашта барқарор.
Лутфи яздонӣ бикардат сарбаланд,
Назди мардум гаштаӣ ту дилписанд.
Донишат бо зиндагӣ пайванд шуд,
Халқ хушбахту саодатманд шуд.
Рафта – рафта шӯҳратат афзун бишуд,
Аз ҳудуди мамлакат берун бишуд.
Ҳамраҳи халқу Ватан дилшод бош,
Сарвари ин кишвари обод бош!

*Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ*

## *ХУРШЕДИ ҶАҲОНТОБИ РОҒУН*

Эй Имому эй Алӣ Раҳмони насли ориё,
Эй чароғи донишат пиру ҷавонро раҳнамо.
Эй ту парчамдори шеъру назму насри Рӯдакӣ,
Офтоби номи ту тобида буд аз деру дӣ.
Эй ту Зардушту ту афрӯзандаи Роғуни меҳр,
Монда номи неки ту то ҷовидон дар насру шеър.
Ворисӣ Сомону Исмоилу Насри ин замон,
Меҳри рахшонат дурахшад ҷовидон дар осмон.
Орифию қалби покат метапад доим ба ишқ,
Бо Имоми Аъзамию ҷони ту олим ба ишқ.
Парчами пуршавкати Сомон кунун бар дӯши туст,
Ҷомаи Бӯмуслиму Испитамен танпӯши туст.
Нури ишқат нури Роғунро фурӯзон мекунад,
Ҳам шабони тирароро рахшон чу рӯзон мекунад.
Халқи тоҷики азизу сарбаланду сарфароз,
Аз сари сидқу сафо гӯяд дуоят дар намоз.
Тоҷи тоҷикон дурахшад дар ҷаҳон бо номи ту,
Дар Ватан ҷорист чун таърих шири моми ту.
Бар сари тоҷику тоҷикон Ҳумову соянӣ,
Чунки аз фаҳму камолу ишқ бас пурмоянӣ.
Дасти Ҳақ пушту паноҳи миллати тоҷик бод,
Шукри Ҳақ гӯям, ки Раҳмонро ба тоҷикон бидод.
Нестам лоиқ ба васфи халқи неку қаҳрамон,
Барги шеъре тӯҳфаи дарвеш бошад ин замон.

*Муҳаммад Холиқ*

## *БА ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН*

Подшоҳи ҳақнигори тоҷдор, Эмомалӣ,
Бо бароти чор ёр аз мулки ёр, Эмомалӣ.
Подшоҳи қитъаи хурди Хуросони бузург,
Эй ҳабиби халқ аз Парвардигор, Эмомалӣ.
Хотири ёди бузургони Ватан дар ёди туст,
Посдори ваҳдати сахтустувори, Эмомалӣ.
Қаҳрамони миллатӣ, бешак, ту бо маънии том,
Эй ба шаъни тоҷикон шӯҳратгузор, Эмомалӣ.
Омадӣ аз дори Ҳақ бар ҳифзи миллат рӯзу шаб,
Сарвари ин кишвари сармоядор, Эмомалӣ.
Нағз фаҳмам, лаҳзае натвонӣ ту бе мардумат,
Иттиҳоди мардуми марзи диёр, Эмомалӣ.
Дар сухан, бешубҳа, ҳастӣ ҳамзабони Рӯдакӣ,
Ҳомии лафзи дарии шаҳдвор, Эмомалӣ.
Бонии ин кишвари саршори сад дарёи ноб,
Посдори марзу буми зарнисор, Эмомалӣ.
Гаҳ сухан гуфтӣ бадард аз минбари ООН ба даҳр
Раҳбари ин давлати рӯ сӯи кор, Эмомалӣ.
Дар ниҳоди поки ту ғайр аз зиё сармоя нест,
Нури имон дар шаби торик тор, Эмомалӣ.
Оби ошомиданӣ «Барномаи даҳрӣ»-и туст,
Ҳазрати Шайхи Валӣ Ҳоҷии кор, Эмомалӣ.
Ҳар куҷо рафтӣ, ту бурдӣ Тоҷикистон ҳамраҳат,
Бо ҳама воломақомӣ хоксор, Эмомалӣ.
Ҷуз ту натвонат касе додан наҷот ин миллатам,
Бар худ афзудӣ зи меҳнат эътибор, Эмомалӣ.
Тахти Сомон устувор аз ҳиммати ҷаҳди ту шуд,
Сарраиси миллати овозадор, Эмомалӣ!

*Муҳаммадшарифи Сулаймон*

## *МУБОРАК ИН ОЗОДӢ*

Эй Рустами Сиистон,
Эй шамъи Тоҷикистон,

Истиқлолат муборак,
Бар ҳама пиру ҷавон!

Сарҷамъ гирди шумо,
Мо кулли варзишгарон.

Суруду парчаматро.
Афрозем ба осмон.

Коре ба нафъи миллат
Мекунем аз дилу ҷон.

Эй марди дурандеш,
Эмомалии Раҳмон,

Муборак ин озодӣ,
Ободии Тоҷикон!

## *САРВАРИ НЕКХОҲИ АДОЛАТПЕША*

Ту ахтари нурафкани ин давру замонӣ,
Ту ҳомии сулҳи Ватани кӯҳначавонӣ.
Бо ҷаҳди ту шуд дӯст бародар ба бародар,
Тоҷик зи нав ёфт ба сар тоҷи каёнӣ.
Бо мушту силаҳ неву ба зарби амали нек,
Бар мулки ба шӯр омада овардӣ амонӣ.
Сарҷамъ намудӣ зи сар ин халқи парешон,
Худ пушту паноҳаш шудиву Рустами сонӣ.
Ободии мо гашт зи дасти ту муяссар,
Моро ба дигар нест ниёзу нигаронӣ.
Бо меҳри дилат рӯи ҷаҳон фатҳ намудӣ,
Хушному забардаст шудӣ - марди ҷаҳонӣ!
Гӯяд зи сари сидқ Шариф ибни Сулаймон:
Бо номи наку зиндаву поянда бимонӣ!

*Муҳаммад Юсуф*

*ШУКРОНА*

Матлаби ҳар нохалаф чун бар гирифт,
Нохалаф меҳроб бо минбар гирифт.

Файзи мо рафт аз замину осмон,
Майсаи боғу гулистон даргирифт.

Беҳунар ҳар ҷо бишуд болонишин,
Каллаи аҳли хирад ханҷар гирифт.

Шоиронро наҳ бизад ҳар сифлае,
Чун ба дасташ хомаву дафтар гирифт.

Ҳар каси доро шуда олимақом,
Аҳли заҳмат мушти хокистар гирифт.

То нагардад хонаи ҳоким хароб,
Баҳри ҳифзи хештан навкар гирифт.

Ҳар каси бар қисмати мо бетараф
Хешро берун аз ин кишвар гирифт.

Буд мақсад ҳар дилеро сарварӣ,
Орзуи сарварӣ аз сар гирифт.

Офарин бар қудрати Эмомалӣ,
Бар алайҳи нокасон сангар гирифт.

Бӯса зад бар хоки поки сарзамин,
Доварию дафтари довар гирифт.

То ки хандад кишвари мотамсаро,
Ашкҳои чеҳри ҳар модар гирифт.

## *НИЁИШ*

Набинӣ дарду доғе кош,
Ки нанги Тоҷикистонӣ.
Ки бо фарри ту шуд эҳё
Шукӯҳи мулки Сомонӣ.

Биболам аз Худои худ,
Биболам аз чунин тақдир.
Барои бахти тоҷикон,
Нигоҳат дошт аз сад тир.

Сари худ медиҳад бар бод,
Касе хоҳад сари сабзат.
Чу як сарбози ту сад ҷон,
Диҳам дар ҳифзи ту, арзад.

Дуои ҷони ту хоҳад
Ба ҳар ҷо модари тоҷик.
Ки файзи сулҳ овардӣ
Ба ҳар кӯю дари тоҷик.

Бихоҳам сабзҷоният,
Ки хоҳӣ сабзбоғиҳо.
Чароғе шуд дили покат
Ба кӯйи бечороғиҳо.

*Муҳиддин Шоҳинбод*

*СОМОНИИ НАВ*

Андар тани миллати куҳан ҷон омад,
Бо ҳукми қазову амри Яздон омад.
Аз пушти ҳазор сол навмедиҳо
Сомонии нав ба тахти сомон омад!

## *НӮШБОД*

Сарсабз ҳамеша базми ёрон бошад,
Осуда тамоми Тоҷикистон бошад.
Қалби ҳама тоҷикони олам, ай кош,
Рӯшан ҳама дам зи нури имон бошад!
Эй кош, ки иттиҳод боқӣ монад,
То чархи барини гирдгардон бошад!
Дар хонаи фард – фарди ин марзи кӯҳан
Меҳру шарафу вафову виҷдон бошад.
То сулҳу салоҳи мо бувад поянда,
Сомонии мо ба тахти Сомон бошад!

*Мӯҳсин Муродов*

## *ДАЛЕРИ НОМДОР*

Эй далери номдори ин замон,
Марди майдон, ҳам хирадманди ҷаҳон.
Офтоби нурбахшӣ баҳри мо,
Марди неку нуктадону меҳрубон.
Аз ҳама шоҳони олам беҳтарӣ,
Бо ту зебад тахту тоҷу сарварӣ.
Исми покат гашта машҳури ҷаҳон,
Аз ту бошад ифтихори тоҷикон.
Ҳомии мо, бахти мо, иқболи мо,
Пуштибони сулҳу истиқлоли мо.
Исми Раҳмон ин замон вирди забон,
Файзбахши хонадони тоҷикон.

## *ҲАМОСАИ ҲАЗОРАИ ОРЁӢ*
*(Манзума)*

Ман нусхаи фармони
Ҷаноби Президентро
Дар бораи эълони
Соли тамаддуни орёӣ
Дар сандуқи беҳтарин ёдгориҳои хеш
Маҳфуз доштаам.
Зеро ки он васиқаи
бузургвории ниёст,
Зеро ки он василаи
бузургдории ниёст.

Аммо ин дастурро
Маҳфуз доштан кам аст.
Онро бояд
Дар шаҳри ҷовидонони Амарвати[1] –
Бар фарози кӯҳи Меру –
Ки ҳоло ба номи Исмоили Сомонист,
Интишор бояд дод.

Онро
Чун дирафши Ковиёнӣ
Бар фарози қуллаи Албурз,
Ки низ ҳоло ба номи Исмоили Сомонист,
Барафрошта бояд кард.

*1 . Амарвати – шаҳри ривоятии Индра – эзади асотирии адабиёти орёҳиндӣ бар фарози кӯҳи Меру.*

Онро
Мисли байте ба мандалҳои[1] «Ригведо»
Ва чун порае ба ҳотҳои[2] «Авесто»
Бояд афзуд.

Ва дар қуллаҳои мармарини
Кӯҳҳои орёӣ
Ҳаккокӣ бояд кард;
Ва бо забони бодҳои орёӣ
Бар давродаври сайёра
Маншур бояд сохт;

Ва бо баёни
Мавҷҳои рӯдҳои орёӣ –
Арангрӯду Беҳрӯд ва Доитиё[3]
Ва ҳазор рӯди дигар,
Ки ҳар як ба масофаи чиҳилрӯза
Този савори тундрав дарозо ҳастанд,
Мунташир бояд намуд.

Аммо чи беҳтар он,
Ки ин дастур
Дар тоқҳои баланди идроку шуур
Ва муҳаббатгоҳи синаҳо,
Дар раг-раги шарёни ору
Номусу виқор
Чун беҳтарин нишонаи
Бузургвории ниё
Бар маснади ҳукмравоӣ
Мақом бигзинад.

Мо тоҷикон, ки аз нахустмиллати башар будем,
Соҳибзамону соҳибқирон,
Тоҷдору соҳибқалам,
Соҳибалам будем.

*1 . Мандал – бобҳои «Ригведо».*
*2 . Ҳот – номи сурудаҳо дар «Авесто».*
*3 . Номи рӯдҳо дар адабиёти орёӣ, ки ба рӯдҳои Сир, Вахш ва Панҷ айният мегиранд.*

Ҷустем басе васила, ки ба асли худ расем боз,
Аз фаслҳо бурида, ба васли худ расем.
Инак он васила,
Инак он дастур!

Мо бо ҳазор тираву
Бо ҳазор дудаву табор
Ҳамқавм будаему ҳамқабилаву ҳамнажод,
Аз решаҳои забони мо
Ба ҳар мазрае бируст
Ҳазор лафзу лаҳҷаву ҳазор шеваву баён.

Оғози мо аз бист ҳазор сол пеш,
Дар кишваре буда Тоҷик[1] номи он,
Воқеъ дар сеяки ҷаҳони ҳамон даврон.
Устод Шенраб нахустшоҳ
Ва нахустдиновари диёр буд.

Аз баъди асрҳо,
Як даста аз ниёи қадими мо
Бар дуру наздикии қораҳои Осиёву Аврупо
Ҳиҷрат намуд.
Аз он муҳоҷират ба ёдгор
Аҳромҳои Миср мондаву
Мулки Аратта, шаҳри Аркаим[2]
Ва шигифтиҳои дигар.

Як дастаи дигар аз ниёи қадим
Бо лафзи худ ба Ҳинд бурд
«Ригведо»-ву «Маҳабҳарата»,
«Пурон»-у «Рамаяна»-ро.
Валек рӯди Ганга, ки дарёи Сир буд,
Ба ҷой монд.

---

*1 . Тоҷик – номи кишвар ва халқиятест, ки дар адабиёти тибетӣ дар ҳудуди бист ҳазор сол пеш зикр шудааст.*
*2 . Аратта – номи кишваре дар соҳилҳои Баҳри Сиёҳ дар ҳазораи ҳафти пеш аз солшуморӣ; Аркаим – шаҳр дар минтақаи Урали кунунӣ дар ҳазораи аввали пеш аз милод.*

Ҳам кӯҳи Меру – қуллаи Исмоили Сомонӣ
Ба ҷой монд.

Як дастаи дигар бо «Авесто»-ву бо
«Бундаҳишн»
Бо «Ёдгори Зарирон»-у «Минуи хирад»
Бар сарзамини кунунии Эрон гирифт роҳ.
Лек кӯҳи Албурзи баланд,
Ки он ҳам қуллаи Исмоили Сомонист,
Ба ҷой монд.

Инак ба фармони Ҷаноби Президент
Ин қуллаҳову рӯдҳо
Дар мағзу дар шуури мо
Дубора кашф хоҳанд шуд.
Идрокҳо чу кӯҳҳо,
Эҳсосҳо чу рӯдҳо.
Чун ёдгори диёри ниёи орё.

Агарчи бас шигифт буд роҳ кушудан
Аз синаи хороии Анзоб,
Аммо шигифттар он буд,
Ки аз синаи фӯлодини ҳазорсолаҳо
Роҳе сӯи сароғози таърих кушуда шуд,
Роҳе ба оғози хештаншиносӣ кушуда шуд.

На танҳо роҳ кушуда шуд,
Балки рӯҳи асолати орёӣ эҳё гардид,
Балки таърих зи паҳлуи дигар тобид,
Балки офтоби ростини таърих
Бар зулумоти дурӯғпардозиҳо
Пирӯз мегардад.

Балки рӯҳи орёзоди паҳлавон Арҷуна[1],
Ки бародарзодаҳои бадхоҳаш
Дар доми тӯҳматаш фикандаанд,
Шод мешавад.

---

*1 . Арҷуна – яке аз қаҳрамонон ва шоҳон дар «Маҳабҳарата».*

Кавравҳо ва Пандавҳо[1],
Ин бародарзодаҳои хушунатгар
Бо оштӣ салом медиҳанд.

Рӯҳи ҳама Пешдодиёну Каёниён –
Таҳмурасу Ҷамшед,
Ҳушангу Сиёмак,
Сиёвуши ноком
Ва Кай Хусрави шаҳриёр
Шод мешавад.

Гурзи гаронашро Фаридуни шаҳриёр
Дубора бар сари Заҳҳоки морон мекӯбад.
Ва аз шаҳри Боб2 дирафши ковиёниро
Дар пойтахти навини худ
Таммеша парфишон хоҳад кард.

Ва дигар Салму Тур
Бо бародари худ Эраҷ
Муҳаббат хоҳанд дошт.

Ва ҳам Рустами Дастони тоҷик,
Ин пуштибони Ориёни куҳан
Гурзе дигар
Бар сари девону аҳриманон хоҳад кӯбид.
Ва бар қасди ҷони Сӯҳроби ял
Теғ нахоҳад кашид.
Бародараш Шағод
Дар роҳи ӯ дигар чоҳ нахоҳад канд.

Дигар Гударз,
Гударзи шаҳсавор!
Ки дар кӯҳи Сиёҳи Конибодом
Пирони тӯрониро

*1 . Кавравҳо – писарони шоҳи орёӣ Куру, Пандавҳо писарони бародарзодаи ӯ – Куру, ки тибқи маълумоти «Маҳабҳарата» байни ҳам ҷангҳои шадид бурда буданд.*
*2 . Боб дар адабиёти орёӣ – Бавриӣ, шаҳре воқеъ дар водии Фаргона; Таммеша – ҳоло бо номи Тамоша воқеъ дар водии Фаргона.*

Ба интиқоми ҳафтод пуру набераи кушташуда
Ба хок дарафканд,
Дубора номдори Орён хоҳад шуд.
Дар он даврон «Ба Эрон
Пас аз Рустами номдор
Чу Гударз дигар набудӣ савор!»

Ҳам Ораши далери камонвар,
Ки аз кӯҳи Марғелон
Ба сӯи Сории Намангон
Тире партоб кард,
Тире, ки марз ва тақдири Эронро
дубора рӯшан сохт,
Ва худ фитоду ҷон фидо намуд,
Пайкон ба даст мешавад зоҳир.

Дигар Бастур –
Паҳлавони арҷманди ҳафтсола,
Ки интиқоми хуни падараш Зарирро
Дар регзори дашти Марғелон
Аз Арҷоспи хиёнӣ ситонд,
Савори аспи сафед ба тоз меояд.

Зардушт,
Нахустнамозгузори таърихи диёр
Ва нахустомӯзгори аҳли башар,
Ки «Авесто»-ро бар забон овард,
Пиндори нек,
Гуфтори нек,
Ва кирдори некро
Бар ҷаҳониён омӯзгорӣ хоҳад кард,

Ҳазорон гурдону размандагони
Майдони набардҳои орёӣ
Бар дифои сарзаминҳои орёнӣ
Дубора саф хоҳанд орост.

Аряварта
Ва Ариянаи гумшуда

Дар домани шимолии
Кӯҳи ба номи Исмоили Сомонӣ
Ошкор хоҳад шуд!

Эрон,
Эрони рафта зи хотираҳо
Дар марзҳои Миёнарӯдони Сир ва Ому
Ба ёд хоҳад расид!

Соли чаҳорҷашни[1] мо
Доғҳои сиёҳи рамзи[2] чаҳоргӯшаи орёиро
Зудуда хоҳад кард.

Қомуси орёии Аҷам
«Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯсӣ – Фирдавсӣ,
Ин ёдгори беназиру бегазанд,
Суруди миллии табори орёӣ хоҳад буд.

Соли тамаддуни орёӣ
Шиносномаи таърихи миллат аст
Ва маҳзарест барои хештаншиносӣ
Ва хештаншиносонӣ.

Соли тамаддуни орёӣ
Оғози даҳа, садда
Ва ҳазораи тамаддуни орёист.

Инак аз ин рӯ,
Ман нусхаи фармони
Ҷаноби Президентро
Дар сандуқи ёдгориҳои азизи хеш
Маҳфуз доштаам.

---

*1 . Чаҳорҷашн – яъне 15-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Ваҳдат, Соли тамаддуни орёӣ ва 2700-солагии шаҳри Кӯлоб.*
*2 . Рамзи чаҳоргӯша – свастика – маъноят хубиву бахтовар буда, яке аз муқаддасоти орёиҳои қадим ба шумор мерафт.*

*Назокат Олимзода*

## *ШАҲСУТУНИ ДИЁР*

Оқилу созгор сарвари мо,
Дар вафо устувор сарвари мо.
Дар миёни сарони давлатҳо,
Беҳтарин шаҳриёр сарвари мо.
Сила созад сари ятимонро,
Чун падар ғамгусор сарвари мо.
Бурди ӯ аз дуои пирон аст,
Раҳбари хоксор сарвари мо.
Ҳар кучо бо забони давлати худ
Мекунад ифтихор сарвари мо.
Аз ниёгони хеш меболад,
Марди бонангу ор сарвари мо.
Ҳарфи сулҳ аз каломи ӯ борад,
Дӯстиро мадор сарвари мо.
Аз қудумаш паёми нек ояд,
Марди майдони кор сарвари мо.
Мон, ки монад ба бахти миллати мо,
Шаҳсутуни диёр сарвари мо!

*Наргис Исҳоқзода*

## *БА РОҲБАРИ ТОҶИКИСТОН*

Тоҷ бар сар карда, номи тоҷикон машҳур кард,
Ҳам нуфузи сулҳро андар ҷаҳон машҳур кард.
Миллати тоҷикро фархундаву болида сохт,
Оли Сомонро ба мулки тоҷикон машҳур кард.

## *АЗ МИЁН БАРХОСТ НОГАҲ ТОҶБАРСАР ТОҶИКЕ…*

Соҳибистиқлол кишвар, мо ҳама доди туем,
Зодаи озодии ту, рӯҳи озоди туем,
Ҳамдамони лаҳзаҳои шоду ношоди туем,
Дар раҳи парвози фардо боли иршоди туем.

Ёд дорад зиндагӣ – чун бахти Шӯро шӯр шуд,
Аз миёни дилқарибонаш қаринӣ дур шуд,
Бар сари Эраҷ зи дигар ҷабри Салму Тӯр шуд,
Тоҷдорӣ, эй дареғо, расми номанзур шуд.

Аз миён бархост ногаҳ тоҷбарсар тоҷике,
Мулкро кард аз хатар огоҳ бофар тоҷике,
Тоҷиконро ҷамъ овард аз ҳама дар тоҷике
Зарра-зарра, ҳамчу аз реги равон зар, тоҷике.

Аз дилу аз ҷон намуд оғоз ӯ бо ҷанг ҷанг,
Буд дар майдон варо ҷавшан фақат номусу нанг,
Нармиаш афтонд эй бас аз кафи дилсанг санг,
Тангбинонро дили бикшодааш бинмуд танг.

Сулҳ овард ӯ барои халқи хеш аз он набард,
Балки кард эҳдо сари сабзе ба ҳар як рангзард,
Побапо бо халқ роҳи сахти эҳёро сипард,
Ҳамдилиро боз дар дилҳои мардум зинда кард.

Гуфт, дилро чун рухаш бикшода пеши марду зан:
«Ҷанг ҷангу нанг нанг аст, эй азизони Ватан!»
Шуд мусаллаҳ дар набарди хеш бо некӯ сухан,
Бо адӯи сулҳи кишвар кард ҷанги танбатан.

Хешро афрӯхт ӯ дар шоми халқу шамъ шуд,
Халқ чун парвона аз ҳар сӯ ба гирдаш ҷамъ шуд,
Баҳравар аз файзи ҳарфаш ҳар касеро самъ шуд,
Дар раҳи созандагӣ боҷаҳд шуд, ботамъ шуд.

Он ки Кохи оштӣ бунёд дар оғоз кард,
Хештанро то абад бо халқи худ дамсоз кард,
Аз раҳи меҳру вафо сӯи ҷаҳон овоз кард,
Рафт бо ин роҳу роҳи зиндагӣ ҳам соз кард.

Эй ки дорӣ меҳри афзун, ҷаҳди афзунро бубин,
Боғу роғи гулфишони кӯҳу ҳомунро бубин,
Дидаи пурнури фардо – НОБ-и Роғунро бубин,
Бар сари боло нигаҳ кун, рӯи гулгунро бубин!

Бин равон аз Сангтӯда тӯдаи нури варо,
Чун куҳистонаш сари болову манзури варо,
То ба домони уфуқҳо шаҳраҳи дури варо,
Номи пуровозаи дар даҳр машҳури варо!

Боғбоно, аз фарат сад боғ дар даврон шукуфт,
Боғи нангу ном дар дунёи ҳар инсон шукуфт,
Аз гули уммед симои «Баҳористон»[1] шукуфт,
Андар он оина садҳо чеҳраи хандон шукуфт!

Эй азизи ҷону дил, кори азизонро нигар,
Аз тараб давре бизан, дар давр давронро нигар,
Гӯ ба Исмоили Сомонӣ, ки сомонро нигар,
Тоҷи фахратро ба сар кун, Тоҷикистонро нигар!

---

*1 . Телевизиони «Баҳористон» дар назар аст.*

Эй Ватан, ҳар лаҳзаи бахти ту сад соли дил аст,
Рӯзи Истиқлоли ту Наврӯзи иқболи дил аст,
Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол хуш фоли дил аст,
Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол як боли дил аст!

Сарзамино, бин, замину осмон моро шинохт,
Мо ҷаҳон бишнохтему ин ҷаҳон моро шинохт,
Шуд парешон хасм, ҷамъи дӯстон моро шинохт,
Парфишон сад парчами рангинкамон моро шинохт!

Эй Ватан, поянда бод ин шодии беохират,
Бахти моӣ, кам мабодо қудрати бахтофарат,
Аз ҳазорон соли ту хонад ҳазорон дар барат,
Офарин гӯяд ҷаҳоне бар шукӯҳу бар фарат!

*Норинисо*

## *ПАЁМИ РӮШНОӢ*

Паёми сарвари давлат паёми рӯшноиҳост,
Паёми тоза аз сидқу сафову ошноиҳост.

Паём аз ормону орзуҳои дили халқаш,
Паём аз худшиносиҳои қавми ориёиҳост.

Паёме, ки барои ҳар яки мо мужда оварда
Зи нерӯе, ки зидди беғамию бенавоиҳост.

Паёме, ки ғубори рӯи раҳро маҳв месозад,
Калиде бар навиди ҳар дари мушкилкушоиҳост.

Паёме, ки парастиш мекунад роҳи ҳақиқатро,
Адолат байрақи субҳи сафои бериёиҳост.

Паёме, ки муқаддас аз барояш покию некӣ,
Паём аз олами андешаҳои кибриёиҳост.

Паёме, ки ҳақиқатро, тариқатро кунад талқин,
Паёме дар сари ҳар сатри Нории нисоиҳост.

*Нуриддин Амирӣ*

## *ДИРАФШИ КАЁНӢ БАРАФРОХТӢ*

Аё сарвари давлати тоҷикон,
Аё раҳбари тоҷикони ҷаҳон.

Туӣ дар тани миллатат ҳамчу ҷон,
Зи ту миллатат дар ҷаҳон комрон.

Бикардӣ раҳо тоҷик аз бандагӣ,
Раҳондӣ Ватан аз парокандагӣ.

Сазовори номи бузургон туӣ,
Нигаҳдори омоли Сомон туӣ.

Ту аз минбари Созмони Милал
Сухан гуфтаӣ борҳо бехалал.

Зи орияту нангу номусу ном,
Зи бедории миллати шодком.

Басе шукр гӯям, басе офарин,
Ки Эзид таро дод тоҷу нигин.

Ҳама душманони ту хору забун,
Ҷигархаставу зору дил пур зи хун.

Бигӯям ҳаме ошкору ниҳон:
Ба ҳиммат баландӣ зи боми ҷаҳон!

Дирафши Каёнӣ барафрохтӣ,
Чу як давлати Ориён сохтӣ.

Туро давлату бахт поянда бод!
Бувад то ҷаҳон, номи ту зинда бод!

## *ВАҲДАТУ СУЛҲИ ТОҶИКОН ОМАД*

Ваҳдату сулҳи тоҷикон омад,
Давлату бахти ҷовидон омад.

Гашта хуршеди меҳри мо хандон,
Нур аз нав ба дидагон омад.

Эй хушо, ки зи лутфи Ҳақ аз нав
Бар тану ҷони мо тавон омад.

Бар дари дил умеди зарринбол
Болафшону парзанон омад.

Шавкату шони мо шуда эҳё,
Шӯҳрати мо ба ҳар забон омад.

Ҷавҳари ориёнаи тоҷик
Ҳамчу рӯҳе ба ҳар равон омад.

Тӯй дар хоки Тоҷикистон шуд,
Ҳусни тоза ба хонумон омад.

Бар замини қадими аҷдодӣ
Парчами ваҳдати каён омад.

Сарвари мо, ки пури Раҳмон шуд,
Миллат аз нав ба тахти шон омад.

*Озар*

## *ДАРСИ ҲОЛ*

Омӯхтам зи мактаби ту дарси ҳолро,
Ирфони як буридаи нони ҳалолро.

Дарёфтам зи таҷрубаҳое ки доштам
Дар шахси Ту барои бузургон мисолро.

Андар фазои хонаи ту пар кушодааст
Он накҳате,ки хос бувад Зулҷалолро.

Аз тухмаи наҷобату уммеду боварӣ
Биншондаӣ ба қалби азизон ниҳолро.

Меъроҷи туст рашки малак, чун надоштӣ
Ҳамчу фаришта бар тани худ ранҷи болро.

## *ШОДБОД*

Соғар биёвар, соқиё, соғар биёвар, соқиё,
Хуршеди шодӣ кард рӯ бар маҳфили аҳли зиё
Шоҳе зи шоҳӣ ёд кард, хешогаҳӣ эҷод кард,
Тоҷи каёнӣ зад ба сар аз партави тоҷи киё.
Болида ба аҷдоди худ, нозида аз авлоди худ,
Орӣ зи ину он бишуд бо ору фарри Ориё.
То хешро пайдо намуд, таърихро эҳё намуд,
Яъне нигоҳи тоза кард, сӯи худ аз сӯи ниё.
Ин ҷо сухан аз одамист, аз ҳамдиливу ҳамдамист,
Ин ҷо биёӣ, хуш биё, ҳамдил биё, ҳамдам биё!
Ин ҷост рӯҳи Рӯдакӣ ҳамроҳи ёрони закӣ,
Бо рӯди сози тоҷикӣ аз чашмасори мӯмиё.
Ин ҷост мулки қаҳрамон аз шоирону олимон,
Ин ҷо ба сӯи ростӣ роҳест бе рӯву риё.
Даврони мардони ҳунар дар Тоҷикистони ҳунар
Гардон чу чархи осиё дар сарзамини Осиё.
Ин ҷо Имоми миллате гӯяд зи номи миллате,
Шукри зиёи кибриё в-аз анбиёву авлиё.

## *ДАЪВАТ*

Эй халқи ман, ҷибиллати худро нигоҳ дор!
Номусу нанги миллати худро нигоҳ дор!
Шукри Худо, саодати ҳамвора даррасид,
Ҳамвора ин саодати худро нигоҳ дор!

Бегонагии мо ҳамаро пора-пора кард,
Чанде самои мову туро беситора кард.
Акнун, ки сулҳ ҳаст, дигар пора-пора не,
Якпарчагии ваҳдати худро нигоҳ дор!

Ҳар гаҳ, ки рӯй бар хату ҳарфи ниё кунем,
Худро зи қаъри асру замонҳо садо кунем.
Ҳар ҳарф чашм во кунад: аз мо мапӯш чашм,
Яъне асолати хати худро нигоҳ дор!

Мо хуни поки тоҷику халқи зиёием,
Мо чеҳраҳои нобу хуши ориёием.
Эй покзода, рӯй биёвар ба асли худ,
Ин ҷавҳари наҷобати худро нигоҳ дор!

Бошад, ки мо ба иззату иқболи худ расем,
Бар қадри хоки мӯътабари оли худ расем.
Арзон магир, халқи азизам, баҳои хеш,
Шаъну шукӯҳу қимати худро нигоҳ дор!

Бигзор, ишқу меҳру муҳаббат нумӯъ кунад,
Ҳар субҳ бо таронаи миллат тулӯъ кунад.
Ҳар дам салои рӯҳи ниёгон расад, ки ҳон:
«Сомонизода, давлати худро нигоҳ дор!»

## *ИСМОИЛИ ДАВРОНИ МО*

Як раҳмате шуд аз Худо,
Кард ӯ туро сарвар ба мо.
Эй пайрави Сомониён,
Аз насли поки Ориё,
Эмомалӣ Раҳмони мо.
Исмоили даврони мо!

Гардида чун ҷон дар бадан,
Эҳё намудӣ халқи ман.
Баъди шаби садсолаҳо,
Рӯшноӣ омад бар Ватан.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Нурӣ ту дар чашмони мо!

Рӯзе, ки сар кардӣ ба кор,
Кардӣ ту ваҳдатро шиор.
Бо ҷаҳди ту шуд дар ватан,
Сулҳу амонӣ барқарор.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Боаҳду бопаймони мо!

Эҳёи давлат аз ту шуд,
Бахту саодат аз ту шуд.
Ҳастӣ ту миллатро падар,
Меҳру муҳаббат аз ту шуд.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Рӯю лаби хандони мо!

Сад офарин бар ғайратат.
Бар ҳиматат, бар хизматат.
Мардона кардӣ барқарор,
Якпарчагии мамлакат.

Эмомалӣ Раҳмони мо,
Эй Рустами Дастони мо!

Кардӣ ту кори беҳтарин,
Додӣ ба деҳқонҳо замин.
Бо дасти онҳо бишкуфад,
Ин Тоҷикистон гул барин.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Ғамхори деҳқонони мо!

Вахши хурӯшон ёри мо,
Панҷу Зарафшон ёри мо.
Созем нирӯгоҳ қатор,
Бахти дурахшон ёри мо.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Умеди беармони мо!

Набвем то аз ҳам ҷудо,
Бунёд кардӣ роҳҳо.
Бо ҷаҳди ту бишкофтем,
Мо синаи Анзобро.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Фарҳоди кӯҳистони мо!

Марди шуҷоиву далер,
Худ дар набардӣ мисли шер.
Бар зидди қочоқу террор,
Бар зидди дузду порагир.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Марди ҳама майдони мо!

Дар Макка ту бо бахти мо
Диди даруни Каъбаро.

Бахти сафеди халқи худ,
Хоҳиш намудӣ аз Худо.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Ҳастӣ сару сомони мо!

Ҳар сол ба ҷаҳду талош,
Афзун кунӣ моро маош.
Моро шавад беҳ зиндагӣ,
То ҳаст дунё, зинда бош!
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Эй файзи дастархони мо!

Эй раҳнамо, дорӣ ният,
Пурзӯр созӣ мамлакат.
Бо кӯшишат боло равад,
Фарҳангу илму маърифат!
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Эҳёгари ирфони мо!

«Об аст, - гуфтӣ – ин ҳаёт
Онро намоед эҳтиёт.
То ки намонад ташналаб
Инсону ҳайвону набот».
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Эй олими пурдони мо!

Ҳастӣ ҳалиму босахо
Ту бо ятиму бенаво.
Қалби ту бошад пур зи меҳр,
Бекинаву дардошно.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Бар дардҳо дармони мо!

Шахси матину хоксор,
Ҳастӣ ба қавлат устувор.
Эй махзани ақлу хирад,
Бо ту намоем ифтихор.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Марҳам туӣ бар ҷони мо!

Ҷои ту бошад доимо,
Дар мардуми чашмони мо,
Гуфтори пур аз ҳикматат
Бошанд моро раҳнамо,
Эмомалӣ Раҳмони мо.
Ояндаи рахшони мо!

Худ раҳбари арзандаӣ,
Бар мансабат зебандаӣ.
Дар осмони бахти мо,
Истораи рахшандаӣ.
Эмомалӣ Раҳмони мо,
Эй бахти бепоёни мо!

## *РАҲБАРИ НЕКӮҚАДАМ*

Зиҳӣ, эй раҳбари некӯқадам, Эмоми Раҳмонӣ,
Бигаштӣ пешвои мо ту бо фармони яздонӣ.
Ватанро дӯст дорию салоҳи мулк меҳоҳӣ.
Тариқи раҳбарӣ омӯхтӣ аз Оли Сомонӣ.
Зи роҳи машварат овардаӣ бар халқ осоиш,
Ту асрори дили ранҷидагонро хуб медонӣ.
Зи бас аз коми оташ вораҳонидӣ ту миллатро,
Ба ҳайси қаҳрамони халқ дар таърих мемонӣ.

*Охун Аминзода*

## *АЛАМБАРДОРИ ВАҲДАТ*

Худо бахшид бар мо бахти воло,
Ки Фирдавсӣ зи нав омад ба дунё.
Ки худ Эмомалӣ Раҳмон ҳамин аст,
Аламбардори Ваҳдат дар ҷаҳон аст.
Чу Нушервон бувад ҳамрози тоҷик,
Чу Сомонӣ бувад сарбози тоҷик.
Чу Рустам ҷонфидои ориён аст,
Шаҳи одил, шаҳи воломакон аст.
Ба қалби одамон пайванди нав дод,
Раҳи осудагиву амн бикшод.
Миёни Чину Афғон, Тоҷикистон,
Чароғи ҳамдилӣ кард ӯ фурӯзон.
Ба Эрон қалби худро во намудем,
Ҳазорон анҷуман барпо намудем.
Зи дастӣ халқи заҳматпешаи он,
Бино шуд нақбу нерӯгаҳ фаровон.
Раҳи абрешимӣ гардид пайдо,
Ба азми чиниён гардид эҳё.
Ҷапон омад ба имдоди Бадахшон,
Ки созад гӯшаи онро фурӯзон.
Чу боло рафта худогоҳии мо,
Шинохтем хешу ҳам бегонаҳоро.
Мутеъ будан на худ тадбири кор аст,
Барои тоҷикон айб асту ор аст.

*ШУКРОНА*

Тахти ҷамшедӣ зи неруи илоҳӣ бол ёфт,
Зардуҳушт аз ҳақпарастӣ давлату иқбол ёфт.
Қудсиён бурда «Авасто»-ро ба авҷи Кибриё,
Аз Худо лутфу карам, эҳсони беамсол ёфт.

Аҳриманандешае бар решаи мо теша зад,
Гуфт н-ояд ориёие ба дунё то абад.
Баски тоҷик соҳиби имону неруи қавист,
Зинда монду ҳар нафас гӯем шукри беадад.

Зинда шуд номи адолатпешаи Нӯшервон,
Бар фалак рафт обрӯи давлати Сомониён.
Дар замини файзбориТоҷикистони азиз
Ҷаннате бунёд кард Эмомалӣ Раҳмониён.

## *ИФТИХОР*

Мавҷ андар мавҷ омад, мавҷ рафт,
Шарфаи каф то сарои Панҷ рафт.
Аз дили ранҷур ин дам ранҷ рафт,
Аз замин то осмони Ванҷ рафт.

Сарвари мо, ғарқ дар нури саҳар,
Бо ғурури тоҷикӣ омад ба дар.
Дар ҷабин фарри каёнӣ ҷилвагар,
Аз қудумаш сабзаву гул баҳравар.

Он яке мегуфт: фарзанди ман аст,
Дигаре мегуфт: пайванди ман аст.
Модари ванҷӣ ба садҳо ифтихор
Гуфт: ӯ лахти ҷигарбанди ман аст.

Ӯ сухан мегуфт бе шарҳ он замон,
Бо забони дил барои мардумон.
Ин муаммо нест баҳри тоҷикон,
К-аҳли дилро бошад он лутфи баён.

Аз қудумаш рехт бар дилҳо шарар,
Зинда бодо Сарвари олиназар!
Миллати тоҷик бо тадбири ӯ
Меравад то даргаҳи Шамсу Қамар.

## *ОФТОБИ ВАҲДАТ*

Туро дидам…
Ба рӯзи сахт фарзандони кӯҳистон,
Ки бо ӯ пораи нони намакро бахш мекардӣ,
Дар он шабҳои ваҳмангез,
Дар он рӯзони даҳшатбор,
Яке думболи фарзандони бе ному нишонаш буд,
Дигар думболи қути лоямуте бахри фарзандон.
Набуд дасти дуогире,
Ба ҷуз дасти сафедорон.
Зи пушти пуштаҳо он дам.
Садои тир меомад,
Гуреза аз раҳи афғон
Чунон занҷир меомад.
Пайи занҷирҳо яксар,
Бародар ҳамраҳи хоҳар,
Гирифта домани модар,
Пайи тақдир меомад.
Зи масҷид мерасид бонги азон чун нолаи шабгир,
Ҷавонон ҳамраҳи пирону пирон рӯй бар тақдир,
Зи мансаб буд мансабдор дар он рӯзҳо безор
Ҳар он ки пойи рафтан дошт, он дам буд мансабгир,
Дар он шӯру шари дунё
Дар он ғавғои маҳшарҳо
Фақат фарзанди миллат буд дар як ҷо,
Фақат фарзанди миллат буд побарҷо.
Дар он дам, ки ҳақиқат буд зери пардаи торики нодонӣ,
Ватанро қудрати нав дод исёни ватандорӣ.
Агарчӣ буд Ватан дар ҳалқаи мардони исёнӣ,
Ҳама исёнҳоро кушт исёни ватандорӣ.
Баромад офтоби ваҳдати халқам, парафшон шуд,
Ва тоҷик бар саройи хеш баргашту саробон шуд.
Дубора Тоҷикистон гашт эҳёю гулистон шуд,
Аз он рӯзе, ки моро пешво фарзанди Раҳмон шуд.

## *РӮДИ ТУ ИН ДИЛУ КӮҲИ ТУ ИН ТАН АСТ*

Пешвоят, Ватан, пеши рӯи ман аст,
Рӯди ту ин дилу кӯҳи ту ин тан аст.
Он ки яктан кунад ҳар танат, ин тан аст,
Он ки якдил кунад, ин дили рӯшан аст.

Бесутунӣ, вале нестӣ бе сутун,
Ҷонфизоӣ зибас, нест мислат фузун.
Кохи ту Садсутун, арки ту Чилсутун,
Ӯст бар тан сутун, ӯст бар дил сутун.

Оҳану мехи мо чӯбу чахсат, Ватан,
Мехи таърихи мо чӯбу чахси куҳан.
Маҳкам аз пояат Тахти Сангини ӯст,
Парчамат, эй Ватан, бахти рангини ӯст.

То амонӣ набуд, ёфт оё амон –
Рӯҳи ту аз сутӯҳ, ин бадан аз бадон?
Аз ҷавонбахти мо шуд ҷавон тахти мо,
Шуд ҷавон тахти мо, шуд ҷавон бахти мо.

Кард мислаш ҷавон ин ҷавондил туро,
Шуд ҷавон гил туро, шуд ҷавон дил туро.
Бо ту шуд ҳамсухан, бо ту шуд ҳамқасам,
Чун қасам ҳар сухан, чун сухан ҳар қасам!

## *ЗИНДА БОДО ХАЛҚИ МО БО САРВАРАШ!*

Пешвои раҳкушои боҳидоят, шод зӣ!
Шодӣ орад рӯи олам ҳар садоят, шод зӣ!
Неру бахшӣ бо нидоят хуфтагонро, шод зӣ!
Дӯстдори тоҷиконӣ бениҳоят, шод зӣ!
Сарвари воломақому боиноят, шод зӣ!

Тоҷикистон андаруни хоку хун меканд ҷон,
Марг мекушт оламеву боғу роғу бӯстон,
Ҷуръате не, тарс буд андар тани пиру ҷавон,
Нолаву афғону шеван мерасид аз осмон,
Як ту будӣ боҷасорат, бошуҷоат, шод зӣ!

Ҳаркӣ дар он корзорон шери майдонро шинохт,
Баҳри ҳифзи давлати худ марди мардонро шинохт,
Шаҳсавори посдори илму ирфонро шинохт,
Ҳодии халқи азизи Тоҷикистонро шинохт,
То абад сабт аст азму ҷаҳдҳоят, шод зӣ!

Чун уқобе бо ҳамият ҳифз кардӣ лонаро,
Паҳн кардӣ рӯйи олам шӯҳрати шоҳонаро,
Рӯзи сахтӣ пеш бурдӣ миллати фарзонаро,
Хеш кардӣ баҳри тоҷик мардуми бегонаро,
Ҳомии бахту саодат, Сулҳу Ваҳдат, шод зӣ!

Бо талошу азми сахту ту Ватан бунёд шуд,
Манзили ҳар тоҷики мо равшану ободшуд.
Роҳи ноабод ҳоло «Шоҳроҳи Ваҳдат» аст,
Мулки мо аз мушкилоти зиндагӣ озод шуд,
Раҳнамои оқилу донои миллат, шод зӣ!

*Раззоқ Давроншоҳ*

## *САРВАРИ МО*

Сарвари олимақоми мо,
Ҳомии номусу номи мо.
Бар Шумо арзи саломи мо,
Гарму меҳровар паёми мо.

Ҷон ба каф сулҳу сафо кардӣ,
Зери по зулму ҷафо кардӣ.
Миллати ранҷидаи аз ҳам
Боз бо ҳам ошно кардӣ.

Тоҷики зори муҳоҷирро
Дасти кӯмак додиву ёрӣ.
То набошад дар ғарибиҳо
Сархаму побанди сад хорӣ.

Баҳри ободӣ камар бастӣ,
Бо дилу виҷдону дасти пок.
Ёфтӣ нусрат, зафар кардӣ
Чун ниҳодӣ ҳар қадам бебок.

Аз қудумат дар ҳама кишвар
Хубу хуштар зиндагонӣ шуд.
Боз дар ҳар хонаи тоҷик
Суру тӯю шодмонӣ шуд.

Аз рухат боғи Ватан гул кард.
Сабза дар дашту даман гул кард.
Тозагӣ аз қалби ту бигрифт,
Лола дар саҳни чаман гул кард.

Халқи бофарҳанги тоҷикро
Рӯйи олам шӯълавар кардӣ.
Тахти Исмоили Сомонӣ
Боз аз нав появар кардӣ.

*БАХТОВАР*

Тоҷикистон, садқаи номат шавам,
Садқаи фарзанди айёмат шавам.

Эй фурӯғи оташи илҳоми дил,
Шӯълае андар дили шомат шавам.

Парчами Ваҳдат баланд афроштӣ
Садқаи дунёи оромат шавам.

Аз гили кӯҳсор рустам навниҳол,
Кош рӯзе пухтаи хомат шавам.

Раҳбари дилхоҳи ту бахтовар аст,
Пайрави содиқ ба Эмомат шавам.

## *ДАСТ АФШОН, САРВАРИ ҶОН !*

Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон,
Дасти ту дасти ҳама мардони майдон аст,
Дасти ту дастони мардони Бадахшон аст,
Дасти ту дастони мардони Зарафшон аст,
Дасти ту дастони марди Рашту Хатлон аст,
Дасти ту дасти ҳама мардони марди Тоҷикистон аст!

Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон,
Аз кафи дастони ту рӯ менамояд
Гӯиё ҳар субҳидам хуршеди тобон,
Гӯӣ дар оинаи дастони ту
Менамояд ҳар даме дидори фардои дурахшон!
Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!

Дар кафи дастони ту гул мекунад
Аз садоқат ғунчаи бахту саодат,
Аз муҳаббат ғунчаи иқболу ваҳдат,
Аз адолат ғунчаи меҳру рафоқат,
Оре, оре, ғунчаи армони миллат!
Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!

Аз кафи дастони ту ояд,
Бӯи нони гарми деҳқон,
Бӯи имон, бӯи виҷдон,
Бӯи обу бӯи хоки Тоҷикистон !
Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!

Дасти ту боло намояд қомати болои мо,
Дасти ту дунёи нав бикшод дар дунёи мо,
Дасти ту сероб созад ин ҳама дарёи мо,
Нур резад аз кафат бар дидаи бинои мо !
Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!

Аз кафи дастони ту ояд,
Гӯӣ инсофу сафо рехт, муждаи ақли расо рехт,
Шӯшаҳои сарди навмедӣ ҳамон дам об гашт
З-ин басо нуру зиё,
Балки аз ақли расо.
Даштҳои хушки қалби тоҷикон шодоб гашт….
Оре, оре тоҷики ман аз азал
Тоҷвар аз файзу аҳду меҳру бовар гаштааст,
Ҳам сазовори чунин озода сарвар гаштааст,
Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!

Дасти ту дасти ҳама мардони майдон аст,
Дасти ту дасти ҳама мардони паймон аст,
К-аз миёни он ҳама дастони тобон,
Медиҳам ҳар дам дуое аз дилу ҷон:
Дасти ту дарде набинад, марди мардони баимон!

Даст афшон, даст афшон, Сарвари ҷон, даст афшон!
Рӯйи кафҳои ту монад нурафшон
Ҷовидон хуршеди бахти тоҷикон!

*Раҳим Ғаниматтоҷ*

## *МУТТАКОИ ТОҶИКОН*

Эй сарвари даврони мо,
Эмомалӣ Раҳмони мо.
Ғамхору мушфиқ баҳри мо,
Ҳастӣ Анушервони мо.
Меҳри ту ҷо бигрифтааст
Дар қалби мо, дар ҷони мо.
Ту бар ятиму бекасон,
Пушту паноҳ, дармони мо.
Эй сарвари олимақом,
Бошӣ ҳамеша дар амон.
Бар ҳар муроди худ расӣ,
Эй муттакои тоҷикон!

*ПОЯНДА БИМОН!*

Раҳмон сифати поки Худованди карим аст,
Эмом имом асту Алӣ - ёри Паямбар.
Эй подшаҳи кишвари хуршедии тоҷик,
Ин гуна туро номи накӯ гашт муяссар.
Оре, ки чунин ному насаб фоли накӯест,
Яъне ки худододаиву аз ҳама бартар.
Ҳурмузднамудиву саропо ҳама ҷудӣ,
Нуронии бо чеҳраи хуштарҳи мунаввар.
Дунё зи накӯсуратиат монда ба ҳайрат,
Сомонии хушпайкариву фарди хирадгар.
Хушҳарфтарӣ аз ҳама ёрони сухангӯй,
Мағлуб шавад пеши ту ҳар марди суханвар.
Аз насли Каюмарсу Курӯшиву Ҳушангӣ,
Аз Ҳурмузу Парвизу зи Ҷамшеди музаффар.
Эй Нӯширавон, ҳадяи Эзад ба ҷаҳонӣ,
Обод кунӣ кишвари гардида муҳаққар.
Яздон зи ту шод асту набӣ шоду имомон,
Зеро ки халоиқ зи ту шод аст саросар.
Раънои Мубориз зи раҳи меҳр бигӯяд:
Поянда бимон, шоҳи назаркардаи кишвар!

## *ПАЙКИ ВАҲДАТ*

Бадахшон ҳамчу лаъли синаи худ нурборон аст,
Ба субҳи поки Ваҳдат мисли хуршеди дурахшон аст.
Дар ин кӯҳсори сарсабзу дар ин ҷавлонгаҳи сангин
Дар ин сарманзили мақсуду ин афрӯзаи рангин
Ҳумои бахту толеи накӯи мо парафшон аст.

Хушо, бахти худододе, ки моро шоҳ меҳмон аст,
Бадахшон чун биҳишт асту дар он файзи бузургон аст.
Фазои синаҳо равшан бишуд аз гармии Хуршед
Намояд ҳамчу дур аз мақдами ӯ хоки ин кишвар,
Дар ин тахти бақои Ваҳдати мо Оли Сомон аст.

Ҷабини ӯ пур аз нуру зиёву фарри Яздон аст,
Ниҳодаш покии рӯди зулоли кӯҳсорон аст.
Ба азми неки шоҳона, ба гуфтори ҳакимона
Ба рафтори салимона, ба пиндори ҳалимона
Сикандарҳашмату Дородилу Ҷамшеди даврон аст.

Барои нусрати Ваҳдат бубахшида тавонашро,
Гарав монда барои халки худ ҷони ҷавонашро.
Ҳазорон рафта аз ҳамро ба ҳам ӯ бо низом овард,
Ҳазорон дилфигоронро ба ҳукми як маром овард,
Зи нав эҳё намуда расми поки тоҷиконашро.

Ба субҳи тираи Меҳан, чу ӯ нуру зиё бахшид,
Зи дуди ҷанги оламсӯз инсонро раҳо бахшид.
Сафои дастҳояш субҳи милоди навозишҳо,
Ятимонро ба ҳарфи нарми худ бахшад таровишҳо
Барои миллати созанда умри бобақо бахшид.

*СУБҲИ ИСТИҚЛОЛ*

Шафақ рахшон шуда баъд аз шаби тира,
Яке нуре дамид аз равзани тоҷик.
Дарида теғи нураш пардаи зулмат,
Зи нав гардид зинда майҳани тоҷик.

Биомад боғбоне в-аз сари ихлос
Намуд аз нахли Ваҳдат сабз боғи дил.
Зи оби раҳмати ӯ нахли истиқлол
Кунун сабз аст дар дар ҳар кӯйу ҳар манзил.

Парафшон мерасад аз дурҳои дур,
Ба тори боми тоҷик кафтари иқбол.
Ҳаме занге зудуда аз дили тоҷик,
Ниҳода лона андар шохи истиқлол.

Шукӯҳу фарри Сомон дар ҷабини ӯ,
Зи фахри миллати худ сина моломол.
Чу шоҳи бомурувват сӯи тахт омад,
Лаболаб ҷом шуд аз шаҳди истиқлол.

Бихоҳам шабчароғ аз нури истиқлол,
Ҳамеша шӯъла борад дар макони ман.
Набинад мардуми мо шоми навмедӣ,
Фидои Тоҷикистон ҷисму ҷони ман!

## ШУКРОНА

Имрӯз, ки тоҷикон сарафроз шуданд,
Дар олами якдилӣ , ҳамовоз шуданд,
Бо савту навои Ваҳдат анбоз шуданд,
Машҳури ҷаҳон чу халқи мумтоз шуданд,
Шукронаи он,
Шукронаи он.

Қонун ба ҳар тоҷики мо меҳвар гашт,
Фарзанди ба номуси Ватан сарвар гашт,
Баҳри дили ҳар тоҷики мо ёвар гашт,
Дар руйи ҷаҳон барои мо довар гашт.
Пирӯз шудем,
Пирӯз шудем.

Иҷлосияи Хуҷанд анҷом гирифт,
Ин мардуми мо зи қудраташ ком гирифт,
Деҳқон зи файзу раҳматаш нон бигирифт,
Ин миллати шӯрида зи нав ҷон бигрифт.
Сад ҳамду сано
Бар сарвари мо!

Имрӯз шукӯҳу шаъни раҳмонӣ аст,
Дар тахти баланд Оли Сомонӣ аст,
Дар боғи умед базми раббонӣ аст,
Асри нави инкишофи кайҳонӣ аст.
Ин аст маром,
Ин аст низом!

Чун сарвари мо ба миллаташ хӯрд қасам,
Пироҳани нанги миллате карда ба тан.
Рӯдоба ба ҷоми шеър паймуд сухан,
Сад ҷони ҷавони ӯ фидои Меҳан.
Савганд ба дил,
Савганд ба ҷон!

## *КАФИЛИ СУЛҲ*

Худоё, Тоҷикистонро нигаҳ дор!
Баҳороғӯш бӯстонро нигаҳ дор!
Манам кабки дарӣ, парвардаи кӯҳ,
Маконам – кӯҳсоронро нигаҳ дор!
Суруди ман бимирад бе гулистон,
Гулу баргу гулистонро нигаҳ дор!
Замину осмонам рангрез аст,
Замину чархи гардонро нигаҳ дор!
Кушодачеҳра тоҷик офтобе,
Ту рӯйи нурборонро нигаҳ дор!
Чу лаҳни мо набошад лаҳни ширин,
Забони шаккарафшонро нигаҳ дор!
Ба шеъру шоирӣ шуд коми ман сахт,
Ту шеъру шеърдоронро нигаҳ дор!
Парешонӣ барад сӯи ҳалокат,
Ту ваҳдатрову сомонро нигаҳ дор!
Ба мо сулҳу сафо овард Раҳмон,
Кафили сулҳ – Раҳмонро нигаҳ дор!
Нигаҳбонам бувад халқи бузургам,
Марову ҳам нигаҳбонро нигаҳ дор!

*Сабринисо*

## *ДОДИ ИСТИҚЛОЛ*

Месарояд дил суруди шоди Истиқлол,
Ин Ватан гардидааст ободи Истиқлол.

Роҳи Кӯлобу Бадахшон роҳи дилҳо шуд,
Нақби Анзобаш бишуд имдоди Истиқлол.

Сар ба гардун шуд сари болои Сомонӣ,
Қасри миллат омад аз бунёди Истиқлол.

Сангтӯда санги зулмат дар шикастанхост,
Шукр гӯяд халқи мо аз доди Истиқлол.

Тоҷи гул омад ҷаҳонро қуллаи Помир,
Накҳати гулҳо расонад боди Истиқлол.

Нотавонбине, ки умре душмани мо буд,
Нақшаи ӯ мешавад барбоди Истиқлол.

Коми оламро чакад шири забони мо,
Бар замонҳо зинда монад ёди Истиқлол.

Роҳи оҳан даф занад дар кӯчаи Иқбол[1],
Мӯҳри бедорист дар бунёди Истиқлол.

Қуллаи касногузар таслими Қӯҳкан шуд,
Нотавон шуд дар кафи Фарҳоди Истиқлол.

1. *Покистон дар назар аст.*

## *АРЗИ МЕҲР*

Эй, ки андар миёни аҳли башар
Пайкарат рамзи сулҳу озодист,
Дар кафи ту кабӯтари сулҳ аст,
Панҷаат ҳам яқин, ки фӯлодист.
Дар сари ту ҳавои сулҳи умум,
Ин на аз он сарони илҳодист.
Ҳам сарат хам нагашт пеши адӯ,
Қомати ту яқин, ки шамшодист.
Бигурезад ғаму азобу ранҷ,
Ҳар куҷое қадам ниҳӣ, шодист.
Неккавло, зи дасти бунёдат
Ҳама аз нав ба некбунёдист.
Раҳ кашидӣ ба Чин зи синаи кӯҳ,
Чун бирешим роҳи аҷдодист.
Синаи кӯҳ кандаӣ, бешак,
Кӯшишу ғайрати ту Фарҳодист.
Роҳи оҳан давондаӣ ҳар сӯ,
Мушкиле ҳам гарону абъодист.
Барқу газ, нафту зар ба номи ту аст,
Ҳама бар халқу нафъи афродист.
Чунки Раҳмонӣ аз фазилати ту
Тоҷикистони мо ба ободист.

## *ХУШ ОМАДӢ БА РАШТОН*

Эй фахри Тоҷикистон,
Эй маҳрами дилу ҷон,
Эй ёри ҷумла инсон,
Хуш омадӣ ба Раштон!

Дар фикри ин диёрӣ,
Моро ту ғамгусорӣ.
Ҳам марди корзорӣ,
Хуш омадӣ ба Раштон!

Эй раҳнамо чу фонус,
Шахси ба ору номус.
Васфат шуд осмонбӯс,
Хуш омадӣ ба Раштон!

Кори ту бе шумор аст,
Сад шукр, бо барор аст,
Расми ту рамзи кор аст,
Хуш омадӣ ба Раштон!

Дар сар ҳавои миллат,
Эй ҷонфидои миллат,
Саъйат барои миллат,
Хуш омадӣ ба Раштон!

*Саидалӣ Маъмур*

## *ШАРОРАИ УМЕД*

Ба дил афрӯхта шарораи нав,
Бишудӣ вориди ҳазораи нав.

Асрҳо чун қатора бигзаштанд,
Менамоӣ ту чун қатораи нав.

Тоҷикистон биёфт истиқлол,
Назар афкан ту бо назораи нав.

Пештоз аст аспи Исмоил[1],
Бин ба гашти наву саворан нав.

Ӯ агар бораи Бухоро буд,
Тоҷикистон биёфт бораи нав.

Чораи чорасоз шуд кӯҳна,
Мушкил осон бишуд ба чораи нав.

Хоки Меҳан нагашт садпора,
Монд якпора дар ҳазораи нав.

Тоҷик омад зи нав зи кунҷу канор,
Ӯ наҷӯяд дигар канораи нав.

Солу асре ситораҳо доранд,
Худ бишав, асри нав, ситораи нав.

1 . *Ишора ба Исмоили Сомонӣ.*

## *РАЪИЯТПАРВАР*

Сарварӣ гар ки шаҳе бо амри Яздон мекунад,
Сад иноят баҳри ӯ Халлоқи Раҳмон мекунад.
Дар раъиятпарварӣ коре, ки султон мекунад,
Ҳақтаоло баҳри ӯ лутфи фаровон мекунад.
Ӯ набигзорад, ки гардад нотавоне хору зор,
Ёди пирону ҳақирону ятимон мекунад.
То намонад тоҷике берун аз ин хоки Ватан,
Ҷоннисори халқ, азми хоки Афғон мекунад.
Нийяте дорад, набояд беватан мирад касе,
Бо ҷасорат ҷамъ ин қавми парешон мекунад.
Номи шоҳ Исмоили Сомониро дода шукӯҳ,
Хештандорӣ ба тахти оли Сомон мекунад.
Ифтихораш–Ал–Бухорӣ, Тирмизӣ, Салмони Форс,
Фахр шоҳи мо зи фарҳанги ниёгон мекунад.
Рӯдакиро пеши аҳли олам аз нав зинда кард,
«Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»–аш роҳати ҷон мекунад.
Бар Ватан аз Рум Мавлоно Ҷалолиддин расид,
«Маснавии маънавӣ»–яш бӯйи Қуръон мекунад.
Кохи фарҳанги Аҷамро чун зи нав таъмир кард,
Ӯ зи Айнӣ Қаҳрамони Тоҷикистон мекунад.
Номи Турсунзодаро рӯйи ҷаҳон машҳур кард,
Шеъри ӯ илқои озодипарастон мекунад.
Бо китоби «Тоҷикон»–у илми Бобоҷон Ғафур
Зинда ному эътибори оли Сомон мекунад.
Нусратуллову Шириншоҳро аз рӯи адл,
Дода номи қаҳрамонӣ, фахри даврон мекунад.
Шонздаҳум Иҷлосия гардида ҳам тақдирсоз,
Ҳар муқими Тоҷикистон шукр аз он мекунад.
Хизмати ин халқу Меҳан шуд муроди қалби ӯ,
Ҳастии худро барои халқ қурбон мекунад.

Хонаи тоҷик зи барқи «Сангтӯда» нурбор,
«Роғун»–аш фардои Меҳанро чароғон мекунад.
Сояи Парвардигор омад чу дар рӯи Замин,
Хизмати халқаш чу фарди тозаимон мекунад.
Аз Имоми Аъзами мо ёфт олӣ мартаба,
Ҳар чӣ фармояд Худованди Карим, он мекунад.
Пояи давлат шавад бо адлу дод ар устувор,
Кори он Нӯшинравон аз сидқу имон мекунад.
Мекунад аз баҳри ободӣ фақат азму талош,
Дашту саҳроро, нигар, боғу гулистон мекунад.
Хӯрд савганд ӯ ба ҷони халқу шири модараш,
Ҳастии худро фидои Тоҷикистон мекунад.
Нақби Шаҳристону Шаршар, шаҳпули дарёи Панҷ,
«Шоҳроҳ»–аш мушкилоти халқ осон мекунад.
Будубоши шоҳи одил хизмати халқ асту бас,
Кору аъмолаш Саидиро санохон мекунад.

*Саидҷон Ҳакимзода*

## *МЕҲРНОМА*

Эй ному нишони Тоҷикистон,
Фарзанди калони Тоҷикистон.
Ман гиряи ту ба чашм дидам,
Дар рӯзи фиғони Тоҷикистон.
Кардӣ ту халос аз ҳалокат,
Ин ҷони ҷавони Тоҷикистон.
Бигзашт ҷавониҳои умрат
Дар шарҳу баёни Тоҷикистон.
Ҳар некии ту чу некфарзанд,
Гаштаст аёни Тоҷикистон.
Имрӯз пур асту пур бимонад
Аз файзи ту хони Тоҷикистон.
Монанди баҳор омадӣ ту,
Гум гашт хазони Тоҷикистон.
Гӯяд ҳама кас: ҳалол бодат,
Умре гули нони Тоҷикистон!

## *БА ПРЕЗИДЕНТ*

Шаби торики тоҷик рӯз кардӣ,
Чароғи куштаро пурсӯз кардӣ,
Кашида ранҷу заҳматҳои афзун,
Зимистонро чунон Наврӯз кардӣ.
Ба Меҳан ҷамъ карда халқи кишвар,
Рақибонро ба ҳам дилсӯз кардӣ,
Бадиро куштию некӣ намудӣ,
Чу Ҳурмуздаш сабақомӯз кардӣ.
Аз ин рӯ қаҳрамонӣ шуд насибат,
Ба Ваҳдат халқи мо фирӯз кардӣ.

## СОЛИ СОМОНӢ

Ҳавои рӯзгорони фалакро даври гардон шуд,
Нишаста бози давлат бар сарои Оли Сомон шуд.
Сари Исмоили Сомонию тахти бузургон шуд,
Шукӯҳи Нӯҳи Сомонӣ ба бахти аҳли даврон шуд.
Фурӯғи номи миллат, халқро аркону хоқон шуд,
Ливои тоҷикон ин кохи шавкатро парафшон шуд.

Бухоро то абад дар ёд дорад Оли Сомонро,
Нахустин хонаи уммед, маҳди Тоҷикистонро.
Нахустин тифли домангири имон, тифли исёнро.
Умеди Вахшу Хатлонро, Зарфшонро, Бадахшонро,
Хати фардои миллат, инқилоби сарбадоронро,
Чу Мавло Хурдаку Векан, ҳазорон қаҳрамононро.

Замин аз тоҷикон афсонаи фарри Каён дорад,
Замон аз тоҷикон ёди забон дорад, баён дорад,
Ниҳоди оламеро дар нигоҳи худ аён дорад,
Чу Сому Золу Рустам дораду шери жаён дорад,
Зи шеъри Рӯдакӣ бунёди ишқаш парниён дорад,
Каломи ифтихори одамият дар миён дорад.

Ба қасди хуни тоҷик қотиле мехост то чархушт,
Умеди косаи сар менамуд аз тоҷикон дар мушт.
Ҳазоронаш ғариб афканд, ин душман ҳазораш кушт,
Вале аз Оли Сомонӣ ишорат монд як ангушт:
Ки бори тоҷиконро мекашад то ҷовидон дар пушт,
Самандар, тоҷики афсоназоде, вориси Зардушт!

Саодатзодаи мероси Одам, Оли Сомонӣ,
Футувватномаи бахт аст дар аъмоли Сомонӣ,
Сафои фазл дорад шеваи афзоли Сомонӣ,
Бувад иқболи миллат ҷашни истиқлоли Самонӣ,
Ҳумоюн бод ин соли Ватан чун соли Сомонӣ,
Ки рӯҳи миллате бикшода бол аз боли Сомонӣ.

Қадаҳ некӯст, соли бахтро, ёрон, қадаҳ гиред,
Ба фоли оли олимаснади зебанда шаҳ гиред,
Ба пайванди нишоти ҳолати дил то нигаҳ гиред,
Ба оҳанги раҳои ишқ аз оҳи табаҳ гиред,
Ба ёди рӯзи васли асли он ёрони раҳ гиред!
Яке гӯеду вирди бода гӯён панҷу даҳ гиред!

Гузашт айёму аҳди даври гардон боз меояд,
Ба даври гардиши паймона паймон боз меояд,
Сурӯши зодбуми марзи Дастон боз меояд,
Дурахши ахтари тахти бузургон боз меояд,
Дирафши Ковиёнӣ парпарафшон боз меояд,
Даҳои тоҷикон бар Тоҷикистон боз меояд.

Зи санги бахти тоҷик оҳан афзо санги миллатро,
Ба тоби оташи Зардушт офар ранги миллатро,
Зи чанги Рӯдакӣ мебахш зарб оҳанги миллатро,
Фарохона назар афзо ҷаҳони танги миллатро,
Зи рози Монӣ овар мӯҳтаво Аржанги миллатро,
Бақои ишқ бахшо, Тоҷикистон, нанги миллатро.

Сарову тахтро поянда дорад номи Сомонӣ,
Сафири бахт меафзояд аз Исмоили Сонӣ[1],
Сурӯши ақлро некӯст пайки фазли Яздонӣ,
Шароби васлро сармоя кун дар ҷоми ирфонӣ,
Ба оҳанги Зарафшонӣ, Бадахшониву Хатлонӣ,
Ба каф гирему ҷон бахшем то дар базми раббонӣ.

Замон, афсона кун афсуни даври тоҷдоронро!
Замин, дар гардиш овар бар сари паймона паймонро!
Садои таблаву тантан барафзо кӯҳу майдонро!
Муборакбод гӯ бар тоҷикон девону арконро!
Раҳи дерин ба ҳикмат мону бинмо роҳи кайҳонро!
Дурахше ахтари ҳафт осмони Тоҷикистонро!

*1 . Исмоили Сонӣ – Раиси мӯҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назар аст.*

## НОМАЕ ПАС АЗ ИҶЛОСИЯИ ШОНЗДАҲУМ

Замин шуд торику тира зи гарду чанги ғавғое,
Само шуд чеҳра пур аз чин зи боди сарди сармое.
Зи ҳар сӯе, зи ҳар кӯе нифоқ афтод дар дилҳо
Бало овард бар сарҳо низоъу вазъу балвое.
Хамӯшу безабон гаштанд пирони хирадманде,
Бишуд майдони кушторе замину кишту саҳрое.
Ниҳон худ аҳли дил аз кӯчабоғи ошиқон гаштанд,
Навои ишқ рафт аз синаи ҳар сарвболое.
Зи шӯри ҳамзабонони забон ман безабон гаштам.
Забонам хушк шуд аз ғусса чун пурмавҷ дарёе…
Хуҷанди бостонӣ шуд раҳобахши ман аз ин рӯз,
Умеди тозае овард аз беҳрӯзи фардое.
Раҳи иқбол аз иҷлоси он шуд боз бар мардум.
Аз он шуд пири садсола ба роҳи ишқ барное.
Биёмад зодаи Раҳмон сари давлат чу мурғи бахт,
Дамид аз толеъаш бар рӯи халқаш субҳи саррое.
Ва дар он рӯзҳои хуш ба ман омад аз ӯ нома,
Ва ҳар сатраш зи фасли бехазон медод овое.
Навиштаст ӯ, ки бодо чашмаи илҳоми ту саршор,
Сари тақдири халқат бо каломи пири доное.
Аз он нома сари тақдири кишвар ёфтам боло,
Ҷаҳон шуд пеши чашмам ҷилвагар бо нури хазрое.

*Саломуддин Раҳимӣ*

## *РОДМАРД*

Сарвари бо ҳиммату ғамхор дорад миллатам,
Родмардони ба нангу ор дорад миллатам.
Сарзаминашро хушо, ки оли Раҳмон сарвар аст,
Сарвари равшанназар рахшанда ҳамчун ахтар аст.
Васфи ӯро менамоям, баски ӯ арзандааст,
Решаи кину адоватро зи дилҳо кандааст.
Буд замоне тоҷик аз оғуши кишвар дур буд,
Бо дили садпораю бо пайкари ранҷур буд.
Ҷамъ бинмуд ӯ ҳама ин миллати овораро,
Нарм бинмуд ӯ ҳама дилҳои санги хорaро.
Кард хомӯш оташи ҷанги диёри хешро,
Кард боло парчами нанги диёри хешро.
Сулҳ овард ӯ ба мардум ҷои ҷанги хонасӯз,
Шаб зи нури шамъи ақлаш гашт равшан мисли рӯз.
Дар танӯри зиндагии ақли худ бигдохта,
То шавад сад мушкил осон, роҳи оҳан сохта.
Ағбаи Уштур бимонад з-ӯ нишони ҷовидон,
То даме, ки ҳаст дунё, номи ӯ вирди забон.
Роҳ бикшод ӯ миёни Тоҷикону мулки Чин,
Баҳри заҳматҳояшон гӯем садҳо офарин.
НОБ-и Роғунаш, ки ҳатман нурафшон мешавад,
Як биҳишти нозанин ин Тоҷикистон мешавад.
Шукри Аллоҳ, ки чунин марди валиро офарид,
Офарин бар модаре, к -  Эмомалиро офарид.
То даме, ки ҳаст дунё, Тоҷикистон зинда бод!
Тоҷикистон сарварат, фарзанди Раҳмон зинда бод!
Эй Раҳимӣ, васф бинмо хислати мардонаро,
Ҳар куҷое мард бошад марди майдон, зинда бод!

*Сафар Булбул*

## *ЭМОМАЛӢ РАҲМОН*
*(аз достони «Кӯлоби мардхез»)*

Фазоям ахтари тобанда афрӯхт,
Шароре дар роҳи оянда афрӯхт.
Зи ман рӯъёву маъвояш расида,
Зи ман дунёву маъвояш расида.
Маро ӯ соҳиб омад дар замоне,
Набудӣ аз хирадманде тавоне.
Ба ҷони одамӣ қимат набудӣ,
Зи қисмат заррае ҳиммат набудӣ.
Фаро бигрифта навмедӣ фазоро,
Ҷазо меофарид аз нав ҷазоро.
Гуреза халқ то мулки дигар рафт,
Зи макру ҳиллае хунинҷигар рафт.
Каси бегона миллат пора кардӣ,
Саги девона иллат чора кардӣ.
Низои мардумӣ хокам ба сар кард,
Ҳавоям тираю ҳолам батар кард.
Дар ин айём мардони хирадманд,
Ба даври анҷуман, доди Худованд,
Ба худ Эмомалӣ сарвар намуда,
Ба миллат ҳастиву довар намуда.
Ба сулҳи пойбарҷое расиданд,
Ба Ваҳдат, чун ба маъное расиданд.
Манам Кӯлоб, аз ӯ меболам имрӯз,
Расонд ӯ бар насибам бахти фирӯз.
Амонӣ дар ҳадам поянда бинам,
Раҳе бо қудрати оянда бинам.
Ба чашни ман нигоҳе тоза дорад,
Таваҷҷӯҳ беҳаду андоза дорад.

Зи пирам эҳтироме дорад имрӯз,
Ба оҳанге, мароме дорад имрӯз.
Ки тармими мазораш менамояд,
Зи атрофу мадораш менамояд.
Ҷаҳони тоҷиконро сарвараст ӯ,
Мақоми тоҷиконро довар аст ӯ.
Шинохт олам кунун маънои тоҷик,
Бидид олам кунун симои тоҷик.
Шукӯҳи давлати тоҷик, ҳазораш,
Расидӣ аз нигоҳи ифтихораш.
Ба Сомониву баҳри эҳтироме,
Мақоми доҳии тоҷик ба номе.
Зи меҳри сарвари давлат расида,
Ба мӯҳри сарвари давлат расида.
Кунун бо олам ӯ овоза дорад,
Таваҷҷӯҳе ба оби тоза дорад.
Вабои асру террори ҷаҳонӣ,
Хазоне бар раҳи пиру ҷавоне.
Ба гуфтораш ба ҳар сӯҳбат аён аст,
Беҳин марди замин асту замон аст.
Сиёсатро таҷассум менамояд,
Диёнатро тараннум менамояд.
Шукӯҳи шони миллат, зинда бошӣ!
Чу рӯҳу ҷони миллат, зинда бошӣ!

## *ВАТАН ШАВАД ЧАРОҒОН*

Эмомалии Раҳмон,
Авлоди Оли Сомон,
Дар ақлу дар заковат,
Рашки сарони ҷаҳон.

Эмомалии Раҳмон,
Фарзанди Тоҷикистон,
Роҳи ҳаёт сохтӣ,
Бар Кӯлобу Бадахшон.

Эмомалии Раҳмон,
Тоҷи мулки тоҷикон,
Нақби зебо кушодӣ,
Дар Хатлону Зарафшон.

Сафар бикарда баён,
Ин ҳарф аз дилу ҷон,
Кишвар шавад чароғон,
Бо дасти пури Раҳмон.

## *ВАТАНРО СОҲИБИ АРКОНИ ДАВЛАТ КАРД*

Фурӯғ омад, фано шуд деви шаб имрӯз,
Хушо, боз омад айёми тараб имрӯз.
Ба гӯши мо садогар шуд сурӯши мо,
Навои сорбон омад ба гӯши мо.
Ба рӯи маснади мо покмард омад,
Ҳақиқат бо бадиҳо дар набард омад.
Ғурури шаҳриёри ҳақпарасти мо,
Бизад оташ ба бунёди шикасти мо.
Шарар аз шӯълаи овози ӯ бархост,
Саҳар аз ҷилваи парвози ӯ бархост.
Дили сад сорбонро баҳравар бинмуд,
Раҳи сад корвонро бехатар бинмуд.
Дили ӯ тарки сурат карду сират ҷуст,
Зи кӯрони сияҳрӯзи басират ҷуст.
Тӯ гӯӣ тухми дил бар хоки миҳан кошт,
Ба марзи бахт райҳон кошт, савсан кошт.
Барои суду беҳбуди ҳама кӯшид,
Барои буду мавҷуди ҳама кӯшид.
Надод ӯ покии гавҳар ба ногавҳар,
Надод ӯ шавкати раҳбар бо нораҳбар.
Бирафт ӯ ҳар куҷо дар ҷустуҷӯи дӯст,
Халоиқро расонад то ба кӯи дӯст.
Чу Мӯсо синаи дарё дариду рафт,
Чу Исо бол бикшоду париду рафт.
Навои ӯ чароғи роҳи мо гардид,
Садояш аҳли дилро раҳнамо гардид.
Миёни синаи пурдард дил хун кард,
Ки то аз хун раҳо Сайҳуну Ҷайҳун кард.
Бигуфто: «Бар мақоми худ биё, ай халқ!
Машав шарманда дар пеши ниё, ай халқ!
Ба худ о, рез равған бар чароғи ақл,
Ки то равшан бигардад чорбоғи ақл.

Зи хоки кӯҳна месоз одами навро,
Ба ӯ пас ҳадя мекун олами навро.
Ту сайди тундрав дар оби ҷӯ дарёб,
Ту маҷрои шарар дар хулқу хӯ дарёб.
Биёмӯз асли худро аз нигоҳи рост,
Ки дӯшу ҳоливу фардо аз они мост!
Хирадмандӣ намо, бар қавм пирӣ кун,
Чу шоҳин бол бикшо, сайдгирӣ кун.
Ба оташдон нигаҳ медор оташро,
Адо гаштан дигар магзор оташро!
Нагардад сард то дасту дилу имон,
Нагардад сард дар ҳар хона оташдон.
Ҳамеша ҷумлагӣ ҳамроҳи раҳ бошед,
Ба шаш милён чашму як нигаҳ бошед!
Ало ай рӯҳи мардум, шав кунун бедор,
Бишав, ай аҳли кишвар, холиқи асҳор!
Чаро ҷону дилат дар банди ҳар фанд аст,
Ба дасти ғайр тақдири ту то чанд аст?!
Хаёлам, деви шаб дар синаи мо ҳаст,
Ки суратнопазир оинаи мо ҳаст.
Бигӯ, к–ин дидану афзуданат аз чист?!
Раҳи беоқибат паймуданат аз чист?!
Ҷиҳод ин ҷаҳди кас бар ҷониби покист,
На хунрезиву на куштору бебокист.
Ҷиҳод ин бар бадии худ зафар кардан,
Ба ҷони халқ ҷонатро сипар кардан.
Ҷиҳод–ин бо хирад раҳ ёфтан бар дил,
Ҷиҳод осон намудан бар ҳама мушкил.
Ҷиҳод–ин теғ не, балки садо бошад,
Ҷиҳод ин ваҳдати халқи Худо бошад.
Чӣ бошад дин? Ҳаме кашфи ҷаҳони хеш,
Ҳаме дарёфтан худро зи ҷони хеш.
Зи умқи ақлу дил Ҳақ кофтан дин аст,
Ҳақиқатҷӯ будан, ҳақ ёфтан дин аст.
Тамоми динҳо дини Худованданд,
Мисоли шохаҳои нахл пайванданд.

Тамоми аҳли дин, аҳли китоб астанд,
На кофар, балки ҷӯёи савоб астанд.
Ҳамон даррандаавзое бувад кофар,
Ки на Ҳақ донаду на дину пайғамбар.
Кунад балво, намояд мардумозорӣ,
Диҳад бар халқи олам зориву хорӣ.
Ба худ бингар, ки даври хештандонист,
Куҷое ҷанг бошад, номусалмонист!
Бурун кун ин қиёматро зи ботинат,
Намонад то гунаҳ бар дӯш вазнинат.
Бувад дар ҷустуҷӯ оини ҳамкорӣ,
Биёрад хидмати беҷустуҷӯ хорӣ.
Бирону аз дилат бухлу бадиҳоро,
Ба ҷон гирӣ сурури сармадиҳоро,
Ба ҳақҷӯ саҳл гӯ, бар ноҳақон вазнин,
Ба душман талх гӯ, бар дӯст ширин.
Ба ҳам шав, по ба пои ман бинеҳ, ай халқ!
Қадамҳо аз қафои ман бинеҳ, аё халқ!
Ба ҳақ рӯ кун, бишав хушаҳду хушпаймон,
Ки ҳақ гуфтан бувад ҳам дину ҳам имон.
Ҳақиқат боядат дар ҳар сухан, ай халқ!
Маранҷ аз тундгӯиҳои ман, ай халқ!
Ки умре дар ҳавас кӯрему ранҷурем,
Зи қутби орият бисёрҳо дурем !
Надидем он чиро бояд, ки медидем,
Нафаҳмидем савтеро, ки бишнидем.
Чу дасти мо ба китфи хешу дурон аст,
Низоми рафтани, мо тарзи кӯрон аст.
Чи сон пар боз кардан бар қафас моро?!
Гарон парвоз кардан дар қафас моро!
Ба ду дасти адаб тан бар бадон додем,
Бадон сайёду мо нахчири сайёдем!»
Ба мардум бо умеди рӯзи истиғно,
Чунон мегуфт барҳақ Сарвари доно.
Вале як сол қабл аз ин, асорат буд,
Муҳити душманӣ, айёми ғорат буд.

Ғуломи ваҳдату халқу Ватанро кушт,
Зуломӣ офтоби ҷону танро кушт.
Замин ях баст аз беофтобиҳо,
Замон ларзид аз сели харобиҳо.
Халоиқ аз Худо нуру ҳарорат хост,
Дуо бинмуд, бидҳад роҳбари покаш.
Ки бахшад ҷону дил бар хоку афлокаш,
Наояд халқро шарм аз савоби ӯ.
Сахо орад ба мо дасти ҷавоби ӯ,
Қатори шаҳриёрони дигар бошад.
Сари минбар чу хуршеди саҳар бошад,
Ба ӯ чун бо бародар рӯ ба рӯ оянд.
Тамоми сарварон бар мулки ӯ оянд,
Аз ӯ гиранд дарси сулҳу озодӣ.
Ҳама ҳамраҳ шавад бар кори ободӣ,
Дуои халқи мо шуд мустаҷоби Ҳақ.
Дурахшон гашт субҳ аз офтоби Ҳақ,
Зи баъди як ҳазору як саду як сол,
Худо бошад яке фарзанди фаррухфол.
Баромад байни мо чун офтоби давр,
Бигуфто: «Хидмати халқи Худо қарз аст.
Будан дар роҳи ваҳдат ҷонфидо қарз аст,
Аз он минбар, ки чашми мо ба афлок аст.
Ҳамедонам, дуболо минбари хок аст,
Забони хокро барҷаста медонам.
Агарчи шаҳриёрам, марди деҳқонам,
Кунам сарҷамъ ин халқи парешонро.
Кунам машҳури олам Тоҷикистонро.
Фирориро ба миҳан боз гардонам,
Ҳаёти тозаро оғоз гардонам.
Агар як ҳамватан дур аз Ватан монад,
Нахобам, тири ғам дар ҷони ман монад.
Ба кӯҳи ганҷ як санги Ватан надҳам,
Пари коҳаш ба фирдавси Яман надҳам.
Тани мо лона ҳасту ҷони мо шаҳбоз,
Дили мо машъал асту рӯҳи мо сарбоз.

Ба по шав, ҷангу бадбинӣ чаро, ай халқ!
Зи торикӣ ту берун мебаро, ай халқ!
Агар хуршед мӯҳтоҷи ҷароғон аст,
На хуршед аст, оҳаксанги тафсон аст.
Замин гардест, бар боди муалло ҳаст,
Кафи хокест, ҳайрони таҷалло ҳаст.
Беҳин парвози бетайёра дар хок аст,
Агарчи заррае, гарде бар афлок аст.
Бувад парвози мо дар ин сафар воҷиб,
Ки «дунё маркаб асту мо ҳаме рокиб».
Таҷаллӣ кун, ки то бошӣ ту соҳибтоҷ,
Бирав чун дона дар гил, то кунӣ меъроҷ.
Бичаш аз зишту хубу талху ширинаш,
Намо шукронаи рангину сангинаш.
Муҳаббат бояду бар халқу бар кишвар,
Набошад аз муҳаббат дар ҷаҳон хуштар.
Муҳаббат бишканад садди Сикандарро,
Пари шаҳбоз бидҳад боли кафтарро.
Муҳаббат ҷазбу дарду хандаву қаҳр аст,
Муҳаббат шӯру талху заҳру нозаҳр аст.
Муҳаббат кӯрро бино бигардонад,
Муҳаббат мӯрро Сино бигардонад.
Муҳиби ҳамдигар бошед, ай мардум!
Ҳамиқдоми башар бошед, ай мардум!
Бибояд дошт бар дил оташи холис,
Ҷудо созӣ дар оташ нуқраро аз мис.
Бубинад бе шуъои офтобат дил,
Кунад фарқи гунаҳро аз савобат дил!
Қадаммониву раҳхонӣ ҳунар бошад,
Замонсанҷӣ, замондонӣ ҳунар бошад».
Ҳамегуфт ин суханҳоро ба мо сарвар,
Ҳамеомад ба ёдаш аҳди ғампарвар
Замоне давраи бечорсӯ будӣ,
Халоиқ бо бадиҳо рӯ ба рӯ будӣ.
Ду тӯда ҳамдигарро бас чаридан дошт,
Ба қадри ҳамдигар бас норасидан дошт.

Гаҳе номаҳрамони чобири ҳоким,
Шикаста думраи Одинаи Ҳошим
Варо куштанд то н–ояд нидо аз ӯ,
Нахезад не суруде, не садо аз ӯ.
Ба мисли Осимии некному мо,
Басо куштанд дар қасди мақоми мо.
Ҳамон номаҳрами ноошно ҳам мурд,
Ки он тири қазо бар ҷисми ҷонаш хӯрд.
Ҳамегӯем лаънат бар равони ӯ.
Ба дузах сӯз, ё Раб ҷисму ҷони ӯ.
Ҳамон айём бадтар аз адам будӣ,
Сари соҳибдилон аз шарм хам будӣ.
Ба дида ашк, аммо абр бенам буд,
Намак дар қатраҳои чашми шабнам буд.
Гурӯҳе аҷнабии нобасомоне,
Ба по кард аз русуми кӯҳна зиндоне.
Ба ҷуз худ кас надид ӯ дар хати Қуръон,
Ки нафсашро намуд ӯ сархати Қуръон.
Кучое ҳарфи ҳақ буд, кард ӯ маҳкум,
Намуд ӯ зиштии худро ба мо маълум.
Ватан ин ҷо набуд ӯрову ҳоким буд,
Қиёмат гӯиё он вақт қоим буд.
Ҳама хунхорагони бинни Лодан буд,
Умедаш халқҳоро ранҷ додан буд.
Хасеро кас намуду пешкори халқ,
Рабуд ӯ ихтиёр аз ихтиёри халқ.
Бишуд деҳқон чу ришта деҳхудо фарбеҳ,
Қароқчӣ шоҳипӯшу деҳқон–дарбеҳ.
Зи хуни бегуноҳон дар заминаш рехт,
Ки хуни ӯ арақ шуд, аз ҷабинаш рехт.
Матоъе будем, он ҷумла савдогар,
Буданд андар гулӯи даври мо ҷоғар.
Қароқчиро, ки виҷдон дар шикам будаш,
Тавозӯъ бар Худо не, бар дирам будаш.
Ки буди худ бидиду буди мардум не,
Ки суди хеш диду суди мардум не.

Набуд дар нори ӯ нуре зи инсонӣ,
Набудаш одамӣ дар лавҳи пешонӣ.
На лаззат дар намози бесуруди ӯ,
На нузҳат дар калому дар дуруди ӯ.
Ба мисли дуд ӯ бар хештан печид,
Ба чашму дар гулӯи мову ман печид.
Зи дуди наҳс эҳё кард шоми тор,
Ки суди хеш пайдо кард аз хушдор.
Басо рӯзӣ бихӯрд аз кушту хуни халқ,
Сафоҳо бурд аз ҳоли забуни халқ.
Ҷаҳони нафси ӯ зиндони ӯ будӣ,
Ҳазорон боғ дар виҷдони ӯ будӣ.
Набуд дар дидаи ӯ нури ҷони ӯ,
Баёне не ба маънии гарони ӯ.
Зи қалби кинахоҳаш фитнаҳо бархост,
Зи чашми камнигоҳаш фитнаҳо бархост.
Ба гирди халқ гашту кард ӯ тазвир,
Кашид атрофи моро ҳалқаи занҷир.
Бизад ҳам шона, ҳам оинаро шабхун,
Наёбад то ки рӯю мӯи мо мазмун.
Бигуфто бинни Лодан карда бас таҳдид:
«Тамоми рӯи оламро кунам масҷид!!!»
Фаромӯш карда буд он зоти побаргил,
Ки набвад масҷиде рӯи ҷаҳон ҷуз дил.
Гиреҳ шуд чини абрӯ дар қавоқи ӯ,
Дуним шуд ваҳдати қавм аз нифоқи ӯ.
Намуд ӯ тарбият қаттолу раҳзанро,
Ки созад бесаодат кишвари манро.
Басо тарконд коху қасру боғи мо,
Ки то мирад ба дил нури чароғи мо.
Халоикро басо бинмуд ӯ бангӣ,
Ки то бошанд умре байни ҳам ҷангӣ.
Ба оби ҷӯи заҳри ҳар касал пошид,
Маводи дардро дар ҳар маҳал чошид.
Намуд ӯ ҳар куҷо зиндони пинҳонӣ.
Шавад то мардуми бечора зиндонӣ,

Бизад ӯ мушти хокистар ба оби рӯ,
Бишуд торик ҳар ҷо офтоби рӯ.
Касе бадрои буду нобасомон ӯ,
Басо бадҳад буду зиштпаймон ӯ.
Ба номаш нағма мазмуни хилофат дошт,
Ба сабкаш маънии куштору офат дошт.
Басо арзон бидодем аҳду паймонро,
Хиёбонрову кишту ҷӯю деҳқонро.
Чу фориғ аз амал бошад ҳаёти мо,
Натобад лаҳзае роҳи наҷоти мо!
Раҳе, ки садди раҳ дорад, на раҳ бошад,
Зи пушти деву дад рафтан гунаҳ бошад!
Хасе бар чашм мен–ояд куҷо бошад,
Фурӯғи шамс мебояд, куҷо бошад.
Шаҳу дарвеш бошад миллати тоҷик,
Худоандеш бошад миллати тоҷик.
Мусулмонӣ?! Бифаҳмон тирамазҳабро,
Бишав қандилу бинмо ҷавҳари шабро!
На аз бангу арақ, мастӣ зи Ҳақ меҷӯ,
Зи кирдори бадон умре сабақ меҷӯ.
Чу якандешу дуниманд он тӯда,
Ба шаҳданд ошно, бо заҳр олӯда.
Мисоли ҷуғд беҷо зистан хоҳанд,
Ки оташ дар таги по зистан хоҳанд.
Паи куштори сарбозӣ буд умре,
Миёни мурдаҳо ғозӣ буд умре.
Бидидам ҳар куҷое марди ҳақҷӯйиро,
Ки море дар гулӯ печида буд ӯро.
Сиришки модарон дарёву тӯфон буд,
Ки хунинтар зи хуноби шаҳидон буд.
Ҳаме умед аз тақдири худ меканд,
Ки гӯри хеш бо шамшери худ меканд.
Дар ин бадравнақиҳои ману миҳан,
Адӯ буд корвони халқро раҳзан.
Ба ин нерӯ зафар кардан чи мушкил буд,
Ки ин нирӯ мададгори Азозил буд.

Чу ағлаб шер гашту филҳо рубаҳ,
Бишуд шерри таги шамшерҳо рӯбаҳ.
Ҳаме арбоби кин таҷдиди дин карданд,
Дили моро ҳама лабрези кин карданд.
Ду поро дар гулӯи даври нав монданд,
Гирифта ҳаққи хизмат, дин гарав монданд.
Замоне мурд дар ин ҷо мусалмонӣ,
На Ҷабрил монд, на таълими салмонӣ.
Дар ин кишвар на пиру на сурӯше буд,
Ба бозорон ба бекорон хурӯше буд.
На як лаб нону на як қатра нӯше буд,
Зи фарёди гадоён дарди гӯше буд.
Басо буд гушнамаргу ташнамириҳо,
Гаравгонгириву зулму асириҳо.
Чу мавҷи хун ба мавҷи хун ситезе дошт,
Ғуруби лолагуни дардбозе дошт.
Ки барқу тундар аз ҷӯбори хун мехест,
Садои раъд аз ҷони забун мехест.
Ки тахту тоҷ рӯи завраки Ҷайҳун,
Ҳамешуд пасту боло лаб ба лаб пурхун.
Дамида дар раги гул хуни одам буд,
Ҳама хунгаштаи афсуни одам буд.
Вузуъ бигрифт аз хуни касон сабза,
Бишуд рангин ба дида лоласон сабза.
Ҳама ҳамсоя аз Вахше, ки хун ҷӯшид,
Зи хуноби дили тоҷик менӯшид.
Чу сарҳо шуд нагун, по монд аз гаштор,
Зи андӯҳи дарун рӯ гашт оташбор.
Адо шуд он замона шӯълаи масҷид,
Худо аз масҷиду меҳробу мо ранҷид.
Зи оҳу ашк буд он шӯъла намхӯрде,
Азон мехест аз ҷони ситамхӯрде.
Садо мехест аз хоки ҳазорон қабр:
–Забонӣ мӯъминанду лек ҷонӣ–габр!!!
Басо номаҳраму ҳам фитнахез астанд,
Ба зоҳир сулҳу дар ботин ситез астанд.

Ҳама дар ҷанг азми сар супурдан дошт,
Ту халқе дидаӣ к–ӯ қасди мурдан дошт?!
Ба қабристони ӯ бегунбаду қандил,
Мисоли бораи ғамдода буд манзил.
Будӣ барги чанораш дасти мӯҳтоҷе,
Кадуи шохааш–Мансури Ҳаллоҷе.
Чу дар фонусашон фавтид шамъи ҷон,
Лаби ғурбат раҳо шуд аз тахи дандон.
Ба сони сабзае, к–ӯ дар чаман сабзид,
Ватандор аз дили хоки Ватан сабзид.
Ба соҳил саф бизад амвоҷи баҳри халқ,
Бишуд тӯфони Нӯҳ дар деҳу шаҳри халқ.
Ба соне гашт аҳволи халоиқ танг,
Ки омад бандагӣ бо хоҷагӣ дар ҷанг.
Бинозам ин Ватанро фазли айём аст,
Ки тифли мактабаш Саъдиву Хайём аст.
Ҳама дилро чароғи роҳи ҳам карданд,
Фурӯзон сина дар роҳи ситам карданд.
Чи бошад дил? Ба рӯи хок болидан,
Ба ҳамдардӣ миёни халқ нолидан.
Ҳазор олам бувад дар олами як дил,
Каму беши ҷаҳон бешу ками як дил.
Бувад ҳар реша дар дил, на дар обу гил,
Бувад ҳар нағма дар ҷон, на зи мавҷи Нил.
Наёбӣ дар вуҷудат гар фурӯғи дил,
Наёбӣ роҳ ҷуз роҳи дурӯғи дил.
Биғунҷад дар дили мо дашту ҳомунҳо,
Сафо гирем аз домони гардунҳо.
Сафо гирем мо аз дидаи раҳбин,
Зи мардони Худо ёбем мо таскин.
Чу табъи равшани марди Худо ҳусн аст,
Тавофи домани марди Худо ҳусн аст.
Худо бар мардуми мо боз рӯ овард,
Тамоми қавмро дар чорсӯ овард.
Ба ҳам пайваст ин қавми парешонро,
Амонӣ дод хоки Тоҷикистонро.

Худо бар Сарвари мо қуввати тан дод,
Ки Сарвар ҳастии худро ба Миҳан дод.
Зи байни ҳарду ҷабҳа бурд сангарро,
Кушод оғӯши ҷону равзану дарро.
Бародарро ба паҳлуяш ба кор овард,
Ба дилҳо ҳисси меҳру ифтихор овард.
Бишуд маълум, душман аз бурун будаст,
Марому мақсади ӯ кушту хун будаст.
Даме, ки рӯ ба парчам карда буд Сарвар,
Ба пеши халқ сар хам карда буд Сарвар.
Ба зону бесухан биншаста буд Сарвар,
Ба таъзими Ватан биншаста буд Сарвар.
Ҳар он коре, ки Сарвар бо нигоҳаш кард,
Натонад садҳазорон бо силоҳаш кард.
Ба чашми халқ бо шафқат нигаҳ бинмуд,
Табобат кард, дилро пурфараҳ бинмуд.
Куҷое нуқтаи даргир буд, ӯ буд,
Куҷое сӯхтору тир буд, ӯ буд.
Гаҳе гулпошу гаҳ гилпошиаш карданд,
Гаҳе хушбошу гаҳ авбошиаш карданд.
Вале ӯ боадаб бар бад зафар бинмуд,
Бадонро моили фазлу ҳунар бинмуд.
Каломаш сангдилро ҳам ба дард овард,
Ба ҳикмат раҳнишинро раҳнавард овард.
Будӣ ӯ бар сухан ширин чу нӯши ҷон,
Ки дар ҳар ҳарфи ӯ будӣ хурӯши ҷон.
Гирифт ӯ теғро аз панҷаи раҳзан,
Ки то бахшад раҳо бар корвони ман.
Хабаркашро намуд ӯ дур аз дарбор,
Дурӯёнро ба якрӯӣ намуд исрор.
Ба зиштӣ қасди ҷони ӯ намуд душман,
Ту гӯӣ рағми Ҳақ исён намуд душман.
Рақиби кинахоҳ исёни пастӣ кард,
Ту гӯӣ рағми ваҳдат сӯиқасде кард.
Гузашт аз баҳри дору кундаву зиндон,
Намуд авфи гуноҳи ҷумла маҳкумон.

Чу бахшишҳои ӯ амри Худо буданд,
Ба гӯши ноҳақон аз ҳақ садо буданд.
Зи минбарҳои воло кард ӯ эҳдо,
Ки имрӯзи ману мо нест бе фардо!
Нахустин аз фарози минбари ООН,
Ҳидоят кард рағми қотилони ҷон.
Бигуфт аз кишвари ҳамсояи афғон,
Бигуфт аз мардуму аз мушкилоти он.
Ҳидоят кард, олам то ба по хезад,
Ҳама бар рағми куштору ғазо хезед.
Барад бар кор фазлу донишу фанро,
Бигирад пеши роҳи Бинни Лоданро.
Бигуфт аз бобати фарҳанги сулҳу даҳр,
Бигуфт аз покиҳои оби ҷӯю баҳр.
Бигуфт аз софиҳои ботини инсон,
Бигуфт аз ростӣ дар қалбу дар виҷдон.
Ба шоҳони ҷаҳон ӯ рӯ ба рӯ гардид,
Раиси кишвари бообрӯ гардид.
Зи нур ӯ симу зар бигрифту бар мо дод.
Таҷаллӣ аз Қамар бигрифту бар мо дод.
Раҳо гардида аз ҳукми сароб айём,
Хироҷи нур гирад з–офтоб айём.
Набошад мулки ман то кишвари бероҳ,
Набошад давлатам бе тахту бе даргоҳ.
Кушод ӯ роҳ бар деҳоту бар дилҳо,
Ба ҳам пайваст ӯ ақвому манзилҳо.
Ба заҳмат нақб канд аз ағбаи торик,
Ки шаҳру деҳи мо бошад ба ҳам наздик.
Раҳу пайроҳаро пайванди оҳан кард,
Бад–ин раҳ халқро якҷону яктан кард.
Намуд ӯ зинда аҳди Оли Сомонро,
Диловар пешвои Тоҷикистонро.
Ниҳод ӯ ҳайкали Исмоили Сомон,
Рабуд ӯ аз дили халқи Ватан эҳзон.
Басо аз хотироти ӯ ба мардум гуфт,
Сабақҳо аз ҳаёти ӯ ба мардум гуфт.

Амир ангуштаринро дода буд кайҳо,
К–аз ин хотир гуҳар афтода буд кайҳо.
Гуҳар бар хотами ангуштарӣ бинҳод,
Идомат бар мақоми сарварӣ бинҳод.
Ба по бинмуд артиш, дод дарси ҳақ,
Ки ёбад иқтидори мулки мо равнақ.
Ҳама мақсуди ӯ рағми хатар будӣ,
Ба зикраш теғу дар фикраш сипар будӣ.
Аз ин пас дар ҷаҳони хештандонӣ,
Бувад мактаб–камоли Сулҳи Раҳмонӣ.
Хазонгардидагонро дод созу барг,
Рабуд аз дидаи мардум ҳароси марг.
Намирад то миёни халқ деҳқонӣ,
Заминро дод бар мардум фаровонӣ.
Замини Тоҷикистон бахри гандум шуд,
Пур аз нуқлу наво сархону мардум шуд.
Ба зидди халқи худ не ҷангу савлат кард,
Ватанро соҳиби Аркони Давлат кард.
Чуноне кард аз рӯи хирад хидмат,
Ки шуд подор з–ӯ ҳам дину ҳам давлат.
Назарҳо дод аз худ кӯрчашмонро,
Ки бинанд офтоби рӯи ёронро.
Диёри мо ба аҳли даҳр ҳамдам шуд,
Умеди тоҷикони рӯи олам шуд.
Фурӯзон кард ӯ шамъи нави худро,
Намедорад дареғ ӯ партави худро.
Чунон бидҳад ба мо нуру зиёро ӯ,
Ки аз нури худӣ бинад Худоро ӯ.
Ҷалолат ёфт айём аз ҷалоли ӯ,
Ҷамолат ёфт миллат аз ҷамоли ӯ.
Хуш он қалбе, ки дорад мисли ӯ дилбанд.
Хуш он қавме, ки дорад мисли ӯ фарзанд,
Варо бар давлати мо гар Худо додааст.
Худоё, давлати мо худ худодод аст,
Ҳам Исмоил буду ҳам Наср мисли ӯ,
Бизояд хок дар даҳ аср мисли ӯ!

## *ПОКИЗА ҲАСТ ОБ, АГАР ПОК ЗИНДАГИСТ*

Орам намози пок ба меҳроби Соли об,
Шукронаву сипос ба Мироби Соли об.
Покиза ҳаст холи ду олам зи ҳоли об.
Вобаста ҳаст ҳоли ду олам зи ҳоли об.
Дар ҳар забони мавҷ суолест бе ҷавоб
Ку то кунун ҷавоби расо бар саволи об?
Аз ояте, ки Рӯди Сиёҳоб месуруд.
Дарёфтам тиловату бонги билоли об.
Садсолаҳо пажӯҳишу баҳсу талош буд,
Садсолаҳо идома кунад килу қоли об.
Дар оташу дар обу ҳаво ҳаст ҳусни Ҳақ,
Дарёфтам ҷамоли Худо аз висоли об.
Ин умри мо, ки саҳаити роҳи сафар бувад.
Як дам мабош, марди сафар, ба хаёли об,
Аз халқ, зодагони як обему оламем.
Об аст ҷадду мардуми олам аёли об.
Дар набзи инсу ҷинсу дарахту гулу гиёҳ,
Пуршурӯ, пурхурӯш бисабзад ниҳоли об.
Тифлони обхораи ин даҳри обием.
Бошад камоли фитрати мо аз камоли об,
Дар рӯи чархи об ҷаҳон чарх мезанад.
Парвози нӯҳ само бувад аз шоҳболи об.
Дилгир чун шавем, битозем сӯи рӯд,
Моро барад чу абр ба гардун шамоли об.
Гар фоли хоби об бувад рамзи равшанӣ,
Беҳтар зи ҷумла фоли ҷаҳон аст фоли об.
Ай бехабар, ки захр ба толоб рехтӣ,
Гирад, туро уқубати ранҷи вуболи об.
Тӯфони Нӯҳ зи шаш ҷиҳати даҳр сар кашад.
Ояд агар ба мардуми бадхӯ малоли об.

Соқӣ, замони хамру сабӯҳӣ гузашту рафт,
Бар каф биёр ҷоми лаболаб ҳалоли об.
Арзандатар набуду набошад барои мо
Аз ҷамъи молҳои ҷаҳон ғайри моли об.
Ҳар кишваре, ки соҳиби толобу рӯдҳост.
Рӯзе расад ба зар бикунад интиқоли об.
Моҳи умеди зиндадилон бадр мешавад.
То зинда аст дар дили дарё ҳилоли об.
Он ҷо, ки об нест, вуболу савоб нест.
Ё Раб, мабод, ҳеҷ замона заволи об!

## *ҲАМОСАИ ДУШАНБЕ*
*(Маснавӣ)*

Дилорову дилосой, Душанбе!
Муҳаббатхонаи мой, Душанбе!
Шаби одина бошад ҳар шаби ту,
Лаби Варзоб бошад дар лаби ту.
Бувад ҳар ғунчаат ишқи абадҳо,
Бувад хорат гули рӯи сабадҳо.
Дил аз хори ту озоре надорад,
Гули ту дар бағал хоре надорад.
Бувад ҳар хишти деворат китобе,
Бувад ҳар сӯзани хорат хитобе.
Раҳи ту медиҳад бар мо равоӣ,
Диҳад рӯи ту бар мо рӯшноӣ.
Бубахшад субҳи ту бар дидаҳо нур,
Бубахшад рӯди ту бар синаҳо шӯр.
Бувад мардум дар оғӯши ту анҷум,
Ту дар чашми ҷаҳони ҳамчу мардумӣ.
Расад бӯи гулоб аз шабнами ту.
Гулобӣ ҳаст ҳусни олами ту,
Қадам ҳар кӯчаат бигзошт хуршед,
Бишуд дар кӯчаат гулбоғи уммед.
Чароғатро кунам бо ишқ равшан,
Кашам гулдӯзии ҳуснат ба сӯзан.
Сифотатро намоям гар қаламдод,
Барам ҷӯи асал монанди Фарҳод…
Миёни халқҳои покдаргоҳ,
Набудӣ халқи ман бе тахту бе шоҳ.
Мудомам буд тахту пойтахте,
Ва бар ин тахт шоҳи некбахте.
Агар ки поятахтамро гирифтанд,
Агарчи тахту бахтамро гирифтанд.

Нагаштам ман ба ҳар айём навмед,
Хирад буд бар сарам монанди хуршед.
Нагаштам дар раҳи таърих маътал,
Забонам буд дар ин роҳ машъал.
Ниҳодам пояи тахтам ба хоро,
Дамид аз пояи тахтам Бухоро.
Ниҳодам тахти худ дур аз баду банд,
Зи нав оростам Балху Самарқанд.
Зи дӯшам пойтахтам гашт бунёд,
Ки тимсолаш набуд дар даҳри обод…
Душанбе, эй Душанбеи гулобод,
Ба рӯи дасти раҳ модар маро зод,
Раҳат роҳи дили ман бар дили ту,
Манам пайвастаи обу гили ту.
Агарчанде туро нодида будам,
Зи бобову падар бишнида будам.
Душанбе номи бозори маҳал буд,
Масал, ними ҷаҳонат дар бағал буд.
Душанбе, эй Душанбеи навобод,
Шудӣ дар пуштаи кабки рав обод.
Масофат буд бар ҳар гӯша наздик,
Ки гаштӣ пойтахти халқи тоҷик.
Надонам аввалободат чи сон буд,
Ахирободи ту панди пасон шуд.
Чу асри бист омад охири он,
Бишуд озод марзи Тоҷикистон.
Чу истиқлол омад, ҷанг омад,
Ватан бахри ду тӯда танг омад.
Аз он шаҳре, ки буд боғи дилоро,
На гулшан монд, на садбаргу соро.
Чу омад зоғ, накҳат рафт аз боғ,
Зи қалби боғ ҳар гул монд як доғ.
Ҷигарҳо пора шуд, чун пора шуд халқ,
Ватан бечора шуд, бечора шуд халқ.

Амири мулк кӯру мир буд кӯр,
Ҷавони мулк кӯру пир буд кӯр.
Ба мисли Рӯдакӣ аз ҳайбати хашм,
Сипар аз парда бинмудем дар чашм.
Бидода ғайри ҳақро ҷой дар дил,
Кашида бар амонӣ хатти ботил.
Хароботи Душанбе шуд хазонӣ,
Аломоти Душанбе онҷаҳонӣ.
Душанбе ғӯта дар баҳри хатар дошт,
Чу моҳи ҷавшан аз хуни ҷигар дошт.
Садои дард аз гулбоғ мехест,
Зи гулҳо бӯи дарду доғ мехест.
Гули маҳтоб сайри боғ мекард,
Дили бинандаҳоро доғ мекард.
Бишуд қонун ба мисли як фишурда,
Бишуд оташ дуболо мурда–мурда.
Тавоно гашт дар як лаҳза бандӣ,
Каси фандӣ бишуд марди афандӣ.
Шуди ҳар гул сари гулгуншаҳиде,
Шуди ҳар барг аз мотам навиде.
Зи оҳи дил чароғат буд фурӯзон,
Зи ашки оташин рӯди ту сӯзон.
Будӣ ҷӯйборҳоят хушкасангоб,
Зи оби теғ мехӯрдем мо об.
Ба мисли сурмадон будӣ сияҳ ту,
Сияҳ кардӣ намои меҳру маҳ ту.
Нафасҳо бӯи хун мекард он дам,
Ғазаб ҳақро нагун мекард он дам.
Ҳар он булбул, ки омад, дил адо кард,
Зи марги гул дар ин дӯзах садо кард.
Фиғон бархест аз буду набудат,
Ба гардун оташин печид дудат.
Набуд дасти мурувват бар сари мо,
Дами миқроз буд болу пари мо.
Инони оташ аз дасти замон рафт,
Ба кишвар сӯхтори ал–амон рафт.

Зи хомиҳо ҳама танг сӯхт дар ҷанг,
Сари мо хӯрд аз бадсангияш санг.
Дили кишвар даруни сина месӯхт,
Вуҷуди мамлакат аз кина месӯхт.
Халоиқ оташин афтода буди,
Ҷабин дар тӯри чин афтода буди.
Душанбе, чун саропоят садо буд,
Дар ин як лаҳза корат бо Худо буд.
Ба як дам аз хирадмандон хирад рафт,
Ҳама аз бесари дар роҳи бад рафт.
Ҳама рафтанд аз дунболи шайтон,
Басе мурданд зери боли шайтон.
Адибонат паси сангар нишастанд,
Қатори аҳли даъвогар нишастанд.
Биёмад дуду гарду чанг аз шеър,
Ба боло рафт дарду чанг аз шеър.
Бирафт аз шеъри шоир хушзабони,
Ҳама дашному қубҳаш шуд даҳони.
«Шаҳидон» гашт майдони Душанбе,
Пур аз хун гашт сархони Душанбе.
Гурезон аз Душанбе раҳм гардид,
Душанбе шаҳри тарсу ваҳм гардид.
Душанбе девҳоро ҷилвагаҳ шуд,
Душанбе шаҳри арвоҳу шабаҳ шуд.
Рухи ҳар мурда буд рӯи қиёмат,
Ҷасадро бӯй буд – бӯи қиёмат.
Душанбе шуд макони нашъамандон,
Ҳазоронсола ҳикмат гашт қурбон.
Ҳар қадре ба гардун буд ситора,
Ҳамон миқдор буд дилҳои пора.
Гурезон гашт мардум аз Душанбе,
Ҳазорон кас бишуд гум аз Душанбе.
Буди дар ҷӯйбораш хун равона,
Буди оби дараш гулгун равона.
Ба майдони пур аз хашми шаҳидон,
Ба ҳайрат боз буд чашми шаҳидон.

Дар он ҷо дошт неку бад қиёмат,
Қиём андар қиёмаш сад қиёмат.
Ба хун оғушта монанди шақоиқ,
Будӣ маъшуқа дар паҳлӯи ошиқ.
Душанбе ҷону ҷонон буд замоне,
Набуд акнун зи ҷони ӯ нишоне.
Ҳама ҷонхаставу дилмурда будем,
Ҳама бегурдаву озурда будем.
Ба майдоне, ки озодисаро буд,
Зиё зидди риё дар моҷаро буд.
Будӣ Иблис шоҳи ҳар ду майдон,
Пур аз хун буд роҳи ҳар ду майдон.
Сиришти гунаҳо чун нафт месӯхт,
Сари ҳар қатра ҷон аз тафт месӯхт.
Чу миҷгон мепариду бол мезад,
Нигаҳҳо гоми зарринёл мезад.
Будӣ ҳар чашм пур аз кину аз хашм,
Ба пову даст будӣ ҳалқаи чашм.
Будӣ ҳар гул чу чашми ёр бар роҳ,
Ба шоми тира омад ёр чун моҳ.
Агар худ ёл бинмояд зуҳуре,
Расад дар хонаи торик нуре.
Бидидам дар фиғонат дард худро,
Шунидам дар садои мард худро.
Худо худ дод бар мо роҳу роҳбар,
Ки шуд раҳ аз фурӯғи ӯ мунаввар.
Чӣ Сарвар? Сарваре ки роҳи мо шуд,
Дару дарвозаву даргоҳи мо шуд.
Чӣ Сарвар? Мақсади оянда гардид,
Чӣ Сарвар? Лашкари поянда гардид,
Чӣ Сарвар? Оби ширини Ватан шуд.
Замин гашту само гашту чаман шуд,
Чӣ Сарвар? Худ саропо гашт Ваҳдат.
Чӣ Сарвар? Бахт гардиду саодат.
Чӣ Сарвар? Шуд замини сабзу корам.
Чӣ Сарвар? Шуд насими субҳи форам.

Чӣ Сарвар? Хандаи лабҳои миллат,
Чӣ Сарвар? Машъали шабҳои миллат,
Чӣ Сарвар? Қасри гардунсои миллат,
Чӣ Сарвар? Ҳарфи миллат, рои миллат.
Чӣ Сарвар? Базми миллат, иди миллат,
Чӣ Сарвар? Чашми миллат, диди миллат,
Чӣ Сарвар? Бо хирад андӯҳ бишкофт.
Чӣ Сарвар? Нақб канду кӯҳ бишкофт,
Чӣ Сарвар? Чеҳраи мову шумо шуд,
Чӣ Сарвар? Дар само мурғи Ҳумо шуд,
Чӣ Сарвар? Меҳвари тоҷик гардид.
Куҷо тоҷик буд, наздик гардид.
Чӣ Сарвар? Осмони пурсафо гашт,
Чӣ Сарвар? Мабдаи меҳру вафо гашт.
Чӣ Сарвар? Обрӯи мову ман шуд,
Кӣ исмаш маънии Халқу Ватан шуд.
Ҳамеша ҳақ назар овард Сарвар,
Душанберо Душанбе кард Сарвар.
Аё нодидагир, аз ҳақ машав дур,
Касе ҳақро набинад, мешавад кӯр.
Чу Сарвар бар Душанбе пой бинҳод,
Ба як дам ҷумларо бар ҷой бинҳод.
Душанбе, кибриё шуд хонаи ту,
Пур аз аҳли зиё шуд хонаи ту.
Худо худ дод бар мо Шаҳриёре,
Ки дил дар сина будаш чун баҳоре.
Забонаш шамъу ангушташ чароғе,
Лабаш гул, чеҳраи ӯ чорбоғе.
Баровард об аз тӯфони оташ,
Бишуд шодоби оташ ҷони оташ.
Нафасро дар гулӯ раҳ боз кардӣ,
Суханро моили парвоз кардӣ.
Бузургонро баровард аз таги хок,
Зи гарди вақт ин сина шуда пок.
Бидод ӯ нӯшдорӯшон зи фарҳанг,
Намуд ӯ бас тагу рӯшон зи фарҳанг.

Ҳазорон офарин марди даҳоро,
Чу Исо зинда кард ӯ мурдаҳоро.
Ҷаҳонро ӯ зи ҷои худ ҷаҳонид,
Ватанро аз дами мурдан раҳонид.
Бигуфто:–Сулҳро лангар шумоед,
Ба рағми ноҳақӣ сангар шумоед.
Чу машъал ҳар кадоме дарбигиред,
Шумо, эй машъали миллат, намиред!
Сипар гардед аз баҳри Душанбе!
Дифоъ созед аз шаҳри Душанбе!
Ватан қасру Душанбеяш ниҳод аст,
Душанбе шод бошад, мулк шод аст!
Чу Истиқлол маҳсули расоист,
Расоӣ ваҳдат асту ошноист!..
Душанбе дошт бас ҳоле сагона,
Душанбе буд мисли мурдахона.
Ҷаҳолат буд ҷои дастгирӣ,
Набуд дар хонаҳо нони ба серӣ.
Будӣ боғи Душанбе боғи зоғон,
Хиёбонаш макони синадоғон.
Будӣ бозори ӯ бозори зӯрон,
Будӣ дӯкони ӯ маъвои кӯрон.
Будӣ ҳар рӯз дар ҳар гӯша таркиш,
Будӣ дар дегу дар сарпӯша таркиш.
Будӣ дар хону дар майхона таркиш,
Будӣ дар шохаву дар лона таркиш.
Будӣ дар тӯҳфаи тӯёна таркиш,
Ба ҳар паймону дар паймона таркиш.
Зи мо ранҷид гӯё пири мардум,
Баромад дар Душанбе қири мардум.
Набудӣ ҳеҷ касро хоби ором,
На Рустам буду на Сӯҳроби ором.
На Лайло дар амон буду на Маҷнун,
На мамнун дар амон буду на малъун.
Душанбе маскани ғоратгарон буд,
Душанбе пойтахти нӯкарон буд.

Раҳу бероҳа пур буд аз камондор,
Камондори заминдору замондор.
Ки ҳар як кӯчаро карданд дӯкон,
Чунон дӯкон, ки дорад хели хукон.
Душанберо, ки аз худ хонда буданд,
Чу савдоӣ ба савдо монда буданд.
Чу аҳволи дили кишвар чунин буд,
Ватанро мор андар остин буд.
Дили кишвар гирифтори касал буд,
Ватан афтода дар тӯри аҷал буд.
Ту гӯӣ турфа бо фармони Сарвар,
Ба по гаштанд фарзандони кишвар.
Ба майдон омад Исмоили Сомон,
Садо бинмуд бар халқи парешон.
Зи минбар Рӯдакӣ афканд овоз,
Ки ҳар як нуктаи ӯ буд эъҷоз.
Ба каф марҳам, ба майдон гашт Сино,
Табиби давру даврон гашт Сино.
Чу Фирдавсӣ миёни боғ омад,
Нидо аз синаҳои доғ омад.
Ки мо бояд Ватанро ҳифз созем,
Ҳамин боғу чаманро ҳифз созем.
Зи минбар шуд баланд овози Айнӣ,
Ҳақиқат буд дар эъҷози Айнӣ.
Масал, фарҳанги мо моро мадад кард,
Басе кори накӯ бар рағми бад кард.
Масал, тоҷик бесоҳиб набошад,
Чу миллат аз назар ғоиб набошад.
Зи хоби фанд шуд бедор мардум,
Бишуд аз пушти кору бор мардум.
Чу дасту рӯй дар Варзоб шустанд,
Зи дилҳо кинаҳоро ноб шустанд.
Ба сарҷӯи Душанбе об омад,
Ба бозӯи Душанбе тоб омад.
Ба чашмони Душанбе нур омад,
Ба шарёни Душанбе шӯр омад.

Зи нав гул дар Душанбе бӯй афканд,
Зи нав дарё садо аз ҷӯй афканд.
Тамоми халқ бар як ҷаҳд омад,
Ба лабҳои Душанбе шаҳд омад.
Ҷаҳолат чун бирафт аз Тоҷикистон,
Хирад гум кард дар шохи дарахтон.
Душанберо ҳунарвар мекунад шод,
Душанбе аз ҳунар мегардад обод!
Бувад ободи ӯ ободи раҳбар,
Бувад эҷоди ӯ эҷоди кишвар.
Ба ҷуз мо ҳеҷ кас дар Тоҷикистон,
Насозад рафъи ҷангу рафъи нуқсон.
Ба ҷуз мо ҳеҷ кас надҳад ба мо нон,
Ба дарди мо ба ҷуз мо нест дармон!..
Ҳидоят карду раҳ бикшод Сарвар,
Ба дил меҳри Ватан бинҳод Сарвар.
Бизад ӯ ҳалқа бар дастони андӯҳ,
Биёмад сӯр рағми сӯги андӯҳ.
Бигуфто: –Ҷумла хушбахти ҷаҳонем,
Ки мо мироби дарёи равонем.
Бувад тоҷикро паймона аз об,
Бувад равшан чароғи хона аз об.
Бувад тоҷикро аз об махзан,
Бувад тоҷикро аз об маъдан.
Бувад тоҷикро аз об шӯҳрат,
Ҷаҳон дорад ба оби ӯ зарурат.
Аё халқи ҷаҳон, Кавсар дар ин ҷост,
Биҳишти ноби хушманзар дар ин ҷост.
Аё халқи ҷаҳон, Зам–зам дар ин ҷост,
Бубин, сарчашмаи олам дар ин ҷост!..
Чу бишниданд овози Душанбе,
Шуниданд аз дари бози Душанбе.
Амиру осафони рӯи олам,
Ба кӯи дӯст бинҳоданд мақдам.
Чу дарё дӯст омад, бӯстон шуд.
Душанбе базмгоҳи дӯстон шуд,

Даромад дар дили ҳар қатра ҷоне,
Шудӣ ҳар майсаи сабзаш забоне.
Нигар, дар як гулаш як боғ хандид,
Ба шабнам ашки шодиям дурахшид.
Ду боло парчами оби равон шуд,
Душанбе анҷумангоҳи ҷаҳон шуд.
Садо ангехт чун сози Душанбе,
Бишуд овоза овози Душанбе.
Душанбе базмгоҳи Осиё шуд,
Зи деҳи хеш шаҳри кибриё шуд.
Дар олам шаҳри беандоза набвад,
Душанбе шаҳри бедарвоза набвад.
Душанберо рақам дар саркитоб аст,
Дару дарвозаи ӯ дар ҳисоб аст.
Агар шаш бар ҷиҳат боз дорад,
Ба рағми душманаш сарбоз дорад.
Бувад дар пушти ӯ пири Душанбе,
На ҳар кас мешавад мири Душанбе.
На ҳар кас метавонад кард мирӣ,
Дар ин шаҳри калон бе сахтгирӣ.
На ҳар касро Душанбе роҳ бидҳад,
На ҳар касро дару даргоҳ бидҳад.
Набипзирад Душанбе нокасонро,
Чу оташ пок месӯзад хасонро.
Чу дарё мебарад нопокҳоро,
Парастиш мекунад бебокҳоро.
Ба фарқи дузд дорад тозиёна,
Ба кори дӯст чашми одилона.
Барои бихрадон дорад китоб ӯ,
Барои меҳрҷӯён офтоб ӯ.
Барои шоирон дорад чароғ ӯ,
Барои ошиқонаш кӯчабоғ ӯ.
Гулу гулзорҳоро мепарастад,
Ташаббускорҳоро мепарастад.
Душанбе, эй дабистони ташаббус,
Тӯйи сарҷӯи ҷӯшони ташаббус.

Ҳар он чӣ дар ту гар тавлид гардад,
Ба кишвар паҳн мисли ид гардад.
Душанбе, шаҳри чангу ною барбат,
Биронд аз синаат андӯҳу ғурбат.
Ту дигар нестӣ шаҳри ҷаҳолат,
Бувад сулҳу салоҳат дар рисолат.
Ҳама дар кӯчаҳоят сайр доранд,
На парвои худӣ, на ғайр доранд.
Шавад шоҳони олам меҳмонат,
Бувад шерони олам посбонат.
Туи покиза чу оина имрӯз,
На ғам дорӣ, на ҷаҳлу кина имрӯз.
Халоиқро бувад ҳар дину мазҳаб,
Ба чандин шева мехонанд мактаб.
Ҳама тан меҳнати шоиста доранд,
Ҳаёти хуби осоишта доранд.
Ҳама тан ошнову дӯстдоранд,
Ҳама бо ҳамдигар хешу таборанд.
Душанбе, эй чароғи нору нурам,
Душанбе, эй садоям, эй зуҳурам,
Душанбе, саҷдагоҳам, ҷонамозам.
Душанбе, қиблаам, дунёи розам,
Бихезад аз гулу гулзори ту ишқ.
Бихезад аз дару девори ту ишқ,
Манам дар сояи боли уқобат.
Лиқои шаҳрро дорад лиқобат.
Ту фаҳмидӣ даву бишнидаи ман,
Туӣ худ имтиҳони дидаи ман.
Чу мири ту каси андеша гардид,
Душанбе шаҳри нусратпеша гардид.
Чу раҳбони ту марди ҳақнигар шуд,
Раҳу пайроҳаи ту бехатар шуд.
Чу дарбони ту шуд марди дарунбин,
Нашуд ворид ба хони ту бадоин.
Чу раҳрӯби ту шуд покизакоре,
Ба нузҳат пок гаштӣ чун баҳоре.

Душанбе, пойтахти нозанинам,
Хати роҳат хати сабзи ҷабинам.
Налангидӣ ба пеши марг асло,
Наларзидӣ ба мисли барг асло.
Будӣ ту нуқтаи даргири олам,
Шудӣ ту гулшани ёрони ҳамдам.
Зи ҳар ночиз бинмоӣ ту чизе,
Назаргирро созӣ азизе.
Зи ҳар ҷо меҳмон ояд расида,
Нигористон кунӣ аз рӯш дида,
Душанбе, эй тамошогоҳи ақлам.
Душанбе, хони нуқлам, кони нақлам,
Ҳаётат мисли дарё дар хурӯш аст.
Садоят ҳалқаи гӯши сурӯш аст,
Бувад устоду мактабхони ту ҳур.
Бувад дар чеҳраи ҳурони ту нур,
Бараҳна омаду дарёфт ҷома.
Суханҷӯ омаду дарёфт хома.
Биёмад ташналаб, шодоб гардид,
Дили сангини ӯ Варзоб гардид.
Будӣ бекор агар, дарёфт коре,
Ба берӯзӣ хуш омад рӯзгоре…
Душанбе, хонақои Тоҷикистон,
Ту меҳроби бақои Тоҷикистон.
Занад нури дил аз чашмам фағона,
Лабонам мешавад тар аз тарона.
Зи нони ҷони ман фарёд хезад,
Садои ишқ аз бунёд хезад.
Душанбе, зарраи хоки ту ҷавҳар,
Душанбе, қатраи поки ту гавҳар!
Зи хуршеди рухат дарёфт дармон,
Ҳама дарди ниҳони Тоҷикистон.
Душанбе мабдаи тавлиди барқам,
Душанбе чашмаи ҷӯшони Шарқам.
Бувад чашми Душанбе пурсурайё,
Бувад яшми Душанбе санги гӯё.

Набиштӣ номи зан дар сураи об,
Ки гаштам ҳолиё ҳамтоби Варзоб.
Бувад оби Душанбе шаҳду ширам,
Пас аз ин нӯшдору ман намирам.
Ту шаҳри пешвоӣ, эй Душанбе,
Ватанро раҳнамоӣ, эй Душанбе!
Ҳарорат дар дилу дар дида нурам,
Душанбе - шаҳри меъроҷу зуҳурам.
Бувад симои ту симои меҳан,
Бувад имрӯзи ту фардои меҳан.
Шарафманди ту гаштан бахт бошад,
Сари ҳар тахтасангат тахт бошад.
Чу меҳри тифл кӯча дар забон аст,
Душанбе меҳри покат меҳри ҷон аст.
Зи ҳар шаҳри ба зебоӣ мунаввар,
Бубинам пояи тахти ту бартар.

## *ҒАМХОРИ МО – КӮДАКОН*

Бистсола шуд истиқлол
Бо ин шукӯҳу ҷалол.
Барои илму адаб
Ба боғчаву ба мактаб
Хушу хандон равонем,
Хубу аъло мехонем.
Ба мо Ҷаноби Олӣ,
Бобои Эмомалӣ
Хизмати олӣ карданд,
Хеле ғамхорӣ карданд.
Ба маъюбу беморон,
Ӯ доимо меҳрубон.
Барои мо бачаҳо
Омода шуд боғчаҳо.
Барои халқи тоҷик,
Дар ояндаи наздик
Созад нерӯгоҳи барқ,
Равшан гардад аз он Шарқ!
Ҳама бапо бихезанд,
Ҳама камар бубанданд.
Роғунро мо бисозем,
Мардум шаванд хурсанд,
Барқ мешавад арзон
Барои Тоҷикистон
Симчӯбҳоро мекашем
То мулки Афғонистон.
Мо миллати тоҷикон
Аз авлоди ориён,
Фақат бошем сарбаланд
Дар арсаи ин ҷаҳон.

## *АЛО, МЕЪМОРИ ИН КИШВАР!*

Даме ки марг мезад ханда дар кишвар,
Даме ки тира гардиданд гардунҳо.
Даме ки Аҳриман аз кардаҳои хеш меболид,
Даме ки хок менолид,
Насими атргардон бӯи хун медод,
Кафангулгун шуда он чеҳрагулгунҳо,
Забуни сарфарозиро зи бун канда.
Адолатро разолат кушт,
Ҳақиқатро ҳамоқат кушт,
Расидӣ ҳамчунон нерӯи яздонӣ,
Намоӣ то ба мардум рӯи яздонӣ!
Даме, ки носипосӣ ҳақшиносонро талаф медод,
Даме, ки мардуми кишвар ба сангарҳо ҷудо уфтод.
Бурунӣ зад даруниро,
Дарунӣ зад буруниро.
Бародарҳо бародарҳои хуниро,
Сияҳайнак ба чашмонаш адӯ мекард наззора,
Ки мегардад чи сон ин мулк садпора.
Бимирад мардумаш дар хорию зиллат,
Хати бутлон расад бар номи ин миллат.
Расидӣ чун наҷоту раҳми раббонӣ,
Ва шайтонро задӣ бо зарби раҳмонӣ!
Даме, ки марг мерақсид дар оинаи чашмон,
Ғазаб бигрифт ҷои нози духтарҳо.
Арӯсон навҳагар дар сӯги шавҳарҳо,
Ба ҳукми бесарӣ афтода сарварҳо.
Силаҳдорон нишемангоҳи худ карданд
сангарҳову дафтарҳо.
Фитод оташ, ба ҳар як хона овози туфанг омад,
Зи нанги бенавоӣ мардуми тоҷик ба танг омад,
Ба ҳар ҷониб фирорӣ шуд,
Насибаш беқарорӣ шуд,

Замони имтиҳон аз ору нанг омад.
Расидӣ чун нубуғи дидаи миллат,
Чу бонги аз само бишнидаи миллат!
Ба ҳам омад даме Шӯрои Олӣ бо вакилонаш,
Ки бесомониҳо ёбанд сомонаш,
Раисони гурезон аз раёсатҳо,
Вазирони гурезон аз вазоратҳо,
Сарони аз сиёсат рӯздида, рӯйгардонҳо,
Талабгорони мансабҳо,
Ҳама он қолабиёни тиҳӣ бинмуда қолабҳо,
Савори аспи давлат омадӣ ин дам.
Ки миллатро кунӣ сарҷамъ,
Ки давлатро кунӣ давлат.
Ба ҳам дар қасри Ваҳдат оварӣ халқи парешонро,
Ба нусрат оварӣ халқи пурармонро.
Муборак нияти хайрат!!!
Зимистон рафту омад навбаҳори тозарӯ аз нав,
Сиёсат барқарорӣ ёфт, давлат устуворӣ низ.
Сари мӯе басо ҷонбозиҳо кардӣ,
Басо худсӯзию худсозиҳо кардӣ.
Ҷаҳон бо чашми ибрат дид ин мулки гулафшонро.
Ало, меъмори ин кишвар!
Сари бедори ин кишвар!
Ту меъмори тамоми Тоҷикистонӣ.
Ту девори тамоми хонадони тоҷикони рӯи дунёӣ,
Чу Исмоили Сомонӣ!

### *ШАКАРНОМИ ВАҲДАТ*

Ба ҳар ҷое Раиси ҷумҳур ояд,
Равад ғам, шодии мардум физояд.
Ба рӯи реги сӯзон гар ниҳад по,
Зи нақши пои ӯ гул бораd он ҷо.
Агар Ваҳдат набошад, зиндагӣ нест,
Ҳаво боронию борандагӣ нест.
Ба деҳқон ҷумлаи имкон фароҳам,
Вале дасту дили корандагӣ нест.
Агар Ваҳдат набошад, кор хом аст,
Ситамҳо аз пайи Ваҳдат бидидем,
Аламҳо аз пайи Ваҳдат кашидем.
Басе вомонда андар шоми зулмот,
Сипас бар рӯшноиҳо расидем!
Ману ту мурдаю номурдагонем,
Таҳи пои замон афшурдагонем.
Далели ҷонкании мост Ваҳдат,
Ки обовардаю ғамбурдагонем.
Биё, аз боғи Ваҳдат гул бичинем,
Ҳар он чи хубу дилҷӯ, ҳаст бубинем.
Чу бадхоҳон ҳама зери заминанд,
Ману ту баъд аз ин тири заминем.
Чу Ваҳдат нест хоби мо ҳаром аст,
Ҳама бо ҳамдигар дузду ғиром аст.
Даруни остини ҳар касе санг,
Сиёсатдориҳои мо ба ном аст.
Маро дар кӯраи ваҳдат гудозед,
Ба гӯшам номи Ваҳдатро навозед.
Даме з-он шарбати лабҳои нӯшин,
Чашонеду маро ором созед.
Маро монанди ту ҳамсӯҳбате ҳаст,
Ба мисли Тоҷикистон давлате ҳаст.

Тамоми халқ дар ҷӯшу хурӯшанд,
Нигаҳ кардам, ба ҳар ҷо ҳиммате ҳаст.
Раиси мо, ки маҳбуби дили мост,
Зи азмаш Тоҷикистон пойбарҷост,
Амонии варо хоҳем аз ҷон,
Ки моро равшан аз ӯ рӯзи фардост.

*Содиқи Завқӣ*

## *ДИЛИ ПУРМЕҲР*

Шуд охир минбари мо минбари Эмомалӣ Раҳмон,
Биё бошем мову ту бари Эмомалӣ Раҳмон.
Аё ҳасратхурон ин осмони Миллати тоҷик,
Мунаввар сохт охир ҳасрати Эмомалӣ Раҳмон.
Набинад бурди худ даъвогарони тахти Сомонам,
Сияҳрӯзам кунад даъвогари Эмомалӣ Раҳмон.
Барояш гавҳари пурқимате осудагӣ бошад,
Нигаҳ дорем бояд гавҳари Эмомалӣ Раҳмон.
Ба Меҳан ҷамъ овард он парешонгашта мардумро,
Дили пурмеҳру инсонпарвари Эмомалӣ Раҳмон.
Кунун озод Содиқ тоҷиконро дида мегӯяд:
Бизебад тоҷи шоҳӣ бар сари Эмомалӣ Раҳмон.

## *ЯЛИ СУЛҲОФАРИН*

Бахт бодо ёри ту, эй некмард,
Дур бодо аз вуҷудат ранҷу дард!

Гарм бодо дил даруни синаат,
Қалби хасмат бод андар сина сард!

Нагзарад аз гардиши айём ҳеҷ
Қалби софатро ғубору чангу гард.

Мулки ту ободу халқат шоду хуш,
Дар баҳори гулфишон чун боғу вард.

Пурнишоту софу беғаш з-ин ҳама
Зиндагонӣ чун самои лоҷвард.

Бод ҷовид номи ту андар ҷаҳон,
Эй яли сулҳофарин, марди набард!

Иди Наврӯзат муборак, ҳам Баҳор,
Бод ҳар рӯзи ту ид, эй некфард!

*Сотими Ҳисорӣ*

## *ТОҶИКОН*

Шод мегардад дилам аз ҳар барори тоҷикон,
Мешавад ободу хуррамтар диёри тоҷикон.
Оли Сомонаш Самарқанду Бухоро офарид,
Офарин бар ҳиммати овазадори тоҷикон.
Оли Раҳмонаш Душанбе кард чун боғи Ирам,
Гаштааст ободкорӣ то шиори тоҷикон.
Рӯдакӣ шуд зиндаву аз накҳати ашъори ӯ
Бӯи ҷӯи Мӯлиён дорад диёри тоҷикон.
Мевазад аз ҳар тараф ин дам насими кӯйи дӯст,
Халқи олам гаштааст имрӯз ёри тоҷикон.
Зинда бодо сарвари мо, ҳиммати мардонааш,
Бошад андар рӯи олам ифтихори тоҷикон.

Субҳон Туйғун

## НИГАҲБОНАТ ХУДО БОШАД !

Ливои Олӣ Сомонӣ,
Шукӯҳи шӯҳрати шонӣ.
Ба ҳар чое, ки по монӣ,
Нигаҳбонат Худо бошад!

Фано шуд кулбаи даҳшат,
Бино шуд хонаи Ваҳдат.
Ба ту садҳо зи ҷон раҳмат,
Нигаҳбонат Худо бошад!

Ба ҳиммат, эй заминзода,
Задӣ хайма ба гардунҳо.
Сари миллат бишуд боло,
Нигаҳбонат Худо бошад!

Биомад раҳми он Яздон,
Ба моён дод ӯ Раҳмон.
Бишуд тоҷик бо сомон,
Нигаҳбонат Худо бошад!

Ба ҳар дарде даво ҳастӣ,
Ватанро бовафо ҳастӣ.
Ва меҳроби дуо ҳастӣ,
Нигаҳбонат Худо бошад!

Давоми Оли Сомонӣ,
Аё Эмоми Раҳмонӣ.
Бигуфт аз қалб Субҳонӣ,
Нигаҳбонат Худо бошад!

*Сулаймони Султон*

## *НАХЛИ ҲАЁТ*

Баъд аз ду ҳазору ҳафтсад сол,
Бишкуфт гули умеди Кӯлоб.
Сарсабзу баланду навҷавон шуд,
Ҳар қуллаи мӯсафеди Кӯлоб.

Дашту даману адири Кӯлоб,
Доман-доман гули чакан дӯхт.
Чил кокули духтарони Кӯлоб,
Сад ахтари нав дар анҷуман дӯхт.

Дорад, бингар, ба рӯи ҳар санг
Кӯлоб нишонае зи шерон.
Зеро ки қадам ниҳода ин ҷо,
Эмомалии Шарифи Раҳмон!

Дар аввали асри бисту як
Нахле бинишонд ҷовидонӣ.
Имрӯз ба зери сояи ӯ
Мардум бикунанд комронӣ.

Рӯида барги маҷмааи аср
Нахле, ки варо Ҳаёт ном аст.
Он нахли баланди Сулҳу Ваҳдат,
Хушбахтиву ҳам ҳаёти ом аст.

## *РАҲМАТИ АЗАЛӢ*

Калому вожаи Раҳмон ба ҳақ нишонаи туст,
Ки раҳмати азалӣ номи ҷовидонаи туст.

Алоиқе, ки ба занҷири ҷони мо бастаст,
Аҷаб набуд, ки дидори мо баҳонаи туст.

Ба поси ҳамдиливу ҳамзабониву улфат,
Ба по кунем муҳаббат, ки дар хазонаи туст.

Ба ҳусни хулқу ба тадбиру кордониҳо,
Худо гувост, ки сад тир дар камонаи туст.

Туро, ки меҳри Ватан дар даруни дил ҷӯшад,
Шукуфаҳои муҳаббат ҳама зи донаи туст.

Туӣ, ки абармарди Тоҷикистонӣ,
Ба ҳар куҷо ки равӣ, сар ба сар каронаи туст.

Ба юмни мақдамат ин байти Ҳофизам ҷон ёфт,
Ту гӯиё, ки замонаш ҳамин замонаи туст:

«Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,
Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст»!

*Тилло Тиллоӣ*

## *СОМОНХУДО*

Биёвар ҷом, ҷоми хусравонӣ,
Дуруд овар, дуруди осмонӣ.
Ки шоҳи тоҷикон соҳибзафар бод!
Ба халқи мо чу хуршеди зафар бод!
Чу моро сӯи Ваҳдат раҳнамо ӯст,
Ба покӣ дар раҳи поки Худо ӯст.
Хирадро бар сиёсат раҳнамо кард,
Ба роҳи рост роҳӣ халқи мо кард.
Ба дунё тоҷиконро ӯ шиносонд,
Ғарибони ҷаҳон сӯи ватан хонд.
Ба шири модараш савганд овард,
Бо мо сулҳи саодатманд овард.
Чу сарвар раҳнамову раҳкушо шуд,
Ризо аз ӯ ҳаме халқи Худо шуд.
Ҳама кораш савоб андар савоб аст,
Ба бахти халқи тоҷик офтоб аст.
Худовандо, нигаҳ дораш бароям,
Кӣ бошад сарвари сомонхудоям!

*Усмон Назир*

## *ПЕШВОИ БЕНАЗИР*

Дар диёри тоҷикон буданд мардони кабир,
Оқилу донову пурмағзу вафодору далер.

– Рӯдакӣ, Зардушту Исмоили Сомонии гурд,
Донишу Айниву Бобоҷон Ғафури беназир.

Тоҷикон доранд баҳри миллату халқу Ватан
Баҳри ҳам имрӯзу фардо бихрадони дастгир.

Он яке Эмомалӣ Раҳмони бономусу нанг,
Раҳбари ғамхору сулҳоину ҳам равшанзамир.

Посдори шӯҳрати бемисли аҷдодони худ,
Ҳамдаму маҳбуби иззатманд, дар дилҳо сафир.

Тоҷиконро ӯ раҳонад аз парешӣ, худкушӣ,
Бо хирад ӯ кард мулки тоҷиконро дилпазир.

Тоҷикистон гулфишон аз ҳиммати ин родмард,
Рустами Дастони тоҷик, пешвои беназир.

Парчамафрози саодат, зиндагии бонишот,
Қудрату зӯру тавонаш ҳар балоро пешгир.

Решапайванд аст ӯ бо халқи олимағзи худ,
Эҳтиромаш мекунад ҳар як сағиру ҳам кабир.

Хоҳамаш умри абад аз даргаҳи Яздони пок,
Машъали уммед аст ӯ дар дили барнову пир.

Пешвои миллатӣ Эмомалӣ Раҳмони мо,
Ҷовидонӣ хоҳадат аз сидқ Усмони Назир.

## *НОМИ ШУМО*

Баҳри мо ибрат бувад, сад шукр, иқдоми Шумо
Ифтихору эътибори мо шуда номи Шумо.
Сулҳ овардеду оромию хушбахтӣ ба халқ,
Мешиносем аз муҳаббат ҳиммати оми Шумо.
Рӯи олам ҳаҷҷатон чун сидқи мӯъмин ёд шуд,
То кунун пеши назар меояд эҳроми Шумо.
Тоҷ бар сар доштан ҳастӣ ба миллат додан аст,
Нағз медонанд ин ҳар фарди айёми Шумо.
Шоири ҳафтодсола қуръа зад дар интихоб,
Худ яке номи муборак омад, он номи Шумо.
То замину осмон асту ҳама ин зиндагӣ,
Чархи гардун давр гардад, давр бар коми Шумо.

## *СУРУДИ ЭМОМАЛӢ*

Тирароҳи тоҷиконро кӣ бидид? – Эмомалӣ.
Хизросо рахти сабзаш кӣ кашид? – Эмомалӣ.
Он замоне ноумедӣ ҳукмронӣ менамуд,
Кӣ бигаштӣ баҳрамон диди умед?– Эмомалӣ.
Як ваҷаб мондӣ ба маҳви кишвари оташзада,
Кӣ бигаштӣ садди буҳрони шадид? – Эмомалӣ.
Он қадар афғони тоҷик манзари Афғон гирифт,
Гӯши кӣ пеш аз ҳама додаш шунид? – Эмомалӣ.
Аз барои оштӣ, ки сарнавишти миллат аст,
Кӣ ба боли мурғи пулодин парид? – Эмомалӣ.
Пошхӯрда мисли дона миллати бифрефтаро,
Дона - дона кӣ намудӣ муттаҳид? – Эмомалӣ.
То ливои сулҳу ваҳдат шеди ҳар манзил шавад,
Кӣ бихондӣ Рӯзи Ваҳдат Рӯзи ид? – Эмомалӣ.
То қадаммонӣ кунем мисли падарҳои падар,
Рӯзгори Оли Сомонро кӣ дид? – Эмомалӣ.
Аз сари Мизи Ҷаҳон – оинаи байналмилал,
Кӣ зи ҳар ҳарфаш ҳама маънӣ бичид? – Эмомалӣ.
Дар миёни даста-даста рутбаҷуёни ҳавас,
Дасти садҳо бенаворо кӣ қапид? – Эмомалӣ.
Кӣ барои покии ислому дини муъминон,
Бар алайҳи жожиён минбар гузид? – Эмомалӣ.

*БАЛЛАДА*

Ба сони аллаи модар
Сари гаҳвораю бистар
Чу ҳар боре, суруди миллӣ бар
гӯшам наво бахшад,
Саҳаргоҳон ба вақти шустушӯ кардан,
намози субҳ овардан.
Зи нав тавлид мегардам
Зи нав тавлид мегардам,

Чу ҳар боре, ки аз симо
Бубинам пойтахтамро
Ба сони хулди ҳусноро
ки Исмоил ба гардун тоҷпӯшон аст,
ҳама андар бараш як тан
Ба мулки хеш чун ҷавшан
Ҳазорон ормон дар дил
Савори аспи паймонанд,
Зи нав тавлид мегардам,
Зи нав тавлид мегардам.

Чу ҳар боре, ки мебинам
Зи нав ман Оли Сомонро
Ватанпарвар, адолатхоҳ,
Сари тоҷик
Эмоми ибни Раҳмонро,
Эмоми гурди майдонро
Зи тавлид мегардам,
Зи нав тавлид мегардам.

Намоён мешавад гоҳе
Миёни анҷуман чун Меҳр.
Ду рӯяш нурборон аст,
Суханҳои пур аз мағзаш
Ба нафъи кулли тоҷикон,
Ба нафъи кулли баҳру бар,

Саросар панди ирфон аст,
Зи нав тавлид мегардам,
Зи нав тавлид мнгардам!

Чу мебинам варо гоҳе
Миёни халқи заҳматкаш
Гаҳе дар Вахшу гаҳ Помир.
Миёни кӯҳсорони Зарафшону Сикандаркӯл,
ба сони Мири Исмоил
Буда Луқмони ҳар дарде
ба ҳар маҳфил, ба ҳар манзил
Зи нав тавлид мегардам
Зи нав тавлид мегардам.

Чу бар гӯшам расад ҳар бор,
Начаконда, нарезонда каломашро
Ба лаҳни хештан оранд:
-Ҷанобони накӯоини ҳар кишвар,
ки инҷо анҷуман дорем,
Нахустин бар Шумо гӯям
паёми халқи тоҷики кӯҳанмарзу кӯҳанфарҳанг
Аҷаб, бахти мунирам, ки ба тӯли чанд даҳсола
Кунун бори нахустин аст,
Сари эшон ба ин ҷо Садри Анҷум шуд
ва ин рӯзи саидамро, саидии Ватан донам,
Ташаккур бар ҳама аҳли хирад хонам.
Ба ин дунёи оҳудав,
Зарур аз баҳри баҳру бар
Бинои Сулҳу Амният, ки бе он чун тавонӣ зист?
В-агар кунҷе зи нори ҷанг месӯзад
Канори дигаре эмин,
надорад ҳеҷ парвое
ба нораш чашм медӯзад
Магар фарёди Саъдиро набишнидем, афзудаст:
«Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гаҳваранд.

Чу узве ба дард оварад рӯзгор
Дигар узвҳоро намонад қарор».
Ва з-ин эхсоси ботинаш, ки мағзи
Анҷуман ҷӯшид,
Шунида ё ба диди жарфоини худ дида
Зи нав тавлид мегардам.
Зи нав тавлид мегардам!

Чу ҳар боре ба ёд орам,
Хитоби ҷазбдорашро ба гӯши дахр мехондӣ:
Ҳазорон ганҷи Қоруну ҳазорон тахти Ҷамшедӣ
надорад ҳеҷ болоӣ
Баҳои қатраобе, ки мусаффо асту менӯшӣ,
Баҳои қатраобе, ки яке кунҷи ҷаҳон зору
Яке кунҷи ҷаҳон бе об мемирад.
Табассум дар лабони ӯ, такаллум аз даҳони ӯ
сари сидқу вафокешӣ
ба истиқбол мехезад
Ба тарфи зердастонаш
Ба тарфи ҷумла меҳмонаш
Чӣ аз Мағриб, чӣ аз Машриқ.
Зи нав тавлид мегардам,
Зи нав тавлид мегардам.

Чу ҳар боре, ки тифли дав-давони ман
Нигоҳаш сӯи симою таманно карда мегӯяд:
Ана, ҳозир нигаҳ бинмо,
Ба мо Бобои Раҳмонов
Ба мо Бобои беҳ аз ҷон
Зи гулшаҳри Душанбемон
Бинои Ваҳдати миллӣ
Ба маҳфил, ки
томоми тоҷикони дахр инҷоанд,
Каломи Сулҳ мехонад,
Паёми Сулҳ мехонад.
Зи нав тавлид мегардам,
Зи нав тавлид мегардам!

*ХИЛЪАТИ ФОХИР*

Ин хилъати фохири шаҳи Сомон аст,
Зарбофии он зи риштаи виҷдон аст.
Мероси абад монд ба мо Исмоил,
Лоиқ ба тани Эмомалӣ Раҳмон аст.

Ман зодаи кӯҳаму Зарафшон дорам,
Сад шукри Худо, неъмати Яздон дорам.
Харгиз накунам шиква аз ин бешу камӣ,
Болои сарам парчами Раҳмон дорам!

Ҳар рӯзи Ватан ба тан кунад ҷомаи ид,
Ҳар фарди Ватан ба он чу нерӯ бахшид.
Шаҳе, ки чу Сомон ҳама кораш миллист,
Чун миллати худ як умр монад ҷовид!

## ҲАЙКАЛИ ӮРО, САЗОВОР АСТ, АЗ ТИЛЛО КУНЕМ

Аз барои халқу кишвар хизмати шоён бикард,
Хизмати шоиставу арзандаи мардон бикард,
Чеҳраи ғамгини моро шоду ҳам хандон бикард,
Қадри миллат, қадри Меҳанро, ки даҳчандон бикард.

Мушкилии мардуми тоҷикро осон бикард,
Ин ҳама аз баҳри мо Эмомалӣ Раҳмон бикард.

Бистола гаштааст имрӯз истиқлоли мо,
Гарчи нохуб буд, беҳтар гаштааст аҳволи мо.
Соҳиби илманду дониш кӯдаку атфоли мо,
Ҳам ба сулҳу дӯстӣ табдил шуд ҷанҷоли мо.

Мушкилии мардуми тоҷикро осон бикард,
Ин ҳама аз баҳри мо Эмомалӣ Раҳмон бикард.

Шукри нозу неъмате имрӯз дар хони ман аст,
Чиниву афғониву эронӣ меҳмони ман аст.
Сулҳу Ваҳдат пойдор дар Тоҷикистони ман аст,
Аз қудуми файзбори ибни Раҳмони ман аст.

Мушкилии мардуми тоҷикро осон бикард,
Ин ҳама аз баҳри мо Эмомалӣ Раҳмон бикард.

Пайравӣ бар ӯ намуда, қадри худ боло кунем,
Баҳри халқу кишвари худ хизмати аъло кунем.
Меҳри шоҳи кишвар андар дидаву дил ҷо кунем,
Ҳайкали ӯро, сазовор аст к-аз тилло кунем.

Мушкилии мардуми тоҷикро осон бикард,
Ин ҳама аз баҳри мо Эмомалӣ Раҳмон бикард.

## *МЕҲРНОМА*

Эй дил, санои холиқи кавну макон талаб,
З–он пас ризои сарвари пайғамбарон талаб.
В–он гаҳ нигар ба мардуми олам ба чашми дил,
Соҳибдиливу меҳри худ аз ин миён талаб.
Некӯ нигар ба сурату сират чу зарра бин,
Озодае зи маҷмаи озодагон талаб.
Умри азизи хеш намудаст он ки вақф
Дар хидмати замонаву аҳли замон, талаб!
Одил бувад, ки авфи ӯ бар адли ӯ гувост,
Олим, ки ҳаст, з–ӯ амали ҳар баён талаб.
Огоҳию заковату гавҳаршиносиаш
Аз боби ёдварии Ориён талаб.
Бархе зи марг – қотеи ҳастӣ, сухан кунанд,
Аз ӯ ҳадиси зиндагӣ– оби равон талаб.
Он чи ки шоҳи давлати Сомонӣ карда буд,
Инак аз ӯ ба миллати Сомониён талаб.
Мислаш, ки халқ раҳбари комил надидааст,
Ҳадди камолаш аз сухани дигарон талаб.
Ҳар субҳдам чу дасти дуо мекунӣ баланд,
Эй ҷон, ки ба сидқ толеъи некӯяшон талаб.
Акнун ки бори миллати тоҷик ба дӯши ӯст,
Баҳраш ту аз Худо ҳама тобу тавон талаб.
Меҳри дил аст ҷавҳари ин меҳрномаам,
Афзунии муҳаббати он меҳрубон талаб.

## *ДИДАИ БЕДОРИ АДОЛАТ*

Раҳбар, ки бувад аз дилу ҷон ёри адолат,
Пайваста бувад дар талаби кори адолат.
Бо нақди равонаш сари бозори ҳаводис
Мардона равон асту харидори адолат.
Андеша муҳит аст ба асрори ҳақиқат,
Дил махзани адл омаду саршори адолат.
Хоҳад, ки зи тӯфони бади ҳақнашиносон
Гарде нафитад ҳеҷ ба рухсори адолат.
Ҳамвора бар он аст, ки аз тухми мазолим
Пайдо нашавад хор ба гулзори адолат.
Дидори азизон фараҳафзост, валекин
Беҳтар бувадаш дидани дидори адолат.
Некӯ нигарандаш ҳама, қадраш бишиносанд,
Зеро ки бидонад ҳама миқдори адолат.
Осуда аз онам, ки зи ҳар як нигаҳи ӯ
Сӯям нигарад дидаи бедори адолат.
Аз чашми бадон ҳифз бифармой, Худоё,
Дар ҷодаи ҳақ мебарад ӯ бори адолат.

## *РУБОИҲО*

Эмомалиё, буд ба каф навмедӣ,
Дарёву замин, хуну халаф навмедӣ.
Номусу шараф, чор тараф навмедӣ,
Кард азму талоши ту талаф навмедӣ.

Эмомалиё, ту Сулҳ овардию Бахт,
Бар боғ бишуд мубаддал ин сабздарахт.
Имрӯз бад-онӣ, ки наояд ҳаргиз
Дигар ба сари Ваҳдати ту даҳшати сахт.

Эмомалиё, фирориёнро хондӣ,
Бар хонаву бар диёр баргардондӣ.
Имрӯз фирориён фидоиёнанд,
Аммо ту фидоитар аз онҳо мондӣ.

Эмомалиё, дуои модар-падарат
Эмин гузаронд аз ҳазорон хатарат.
Имрӯз дуои давлати тоҷикро
Бигрифтаӣ, эй нури Худо, тоҷи сарат.

Эмомалиё, ҳубби Ватан маъбади туст,
Оромию ободии он мақсади туст.
Андешаву аъмоли ту ҷуз некӣ нест,
Бад бар сари он касе, ки андар бади туст.

Эмомалиё, ҷаҳон пур аз дилсияҳ аст,
Атроф пур аз чаҳкану чаҳбону чаҳ аст.
Аммо раҳи туст рӯшану раҳмонӣ,
Сарманшааш Иҷлосияи Шонздаҳ аст.

Эмомалиё, ту марҳами ҷонҳоӣ,
Дар фикри саломатии инсонҳоӣ.
Он хирасарон, ки бар ту бад мехоҳанд,
Ҳатто ту ба фикри некии онҳоӣ.

Эмомалиё, рӯи ҷаҳон меҷӯшад,
Шодию фиғон, суду зиён меҷӯшад.
Ҳарчанд замину осмон меҷӯшад,
Дар набзи ту хуни ориён меҷӯшад.

Эмомалиё, фараҳрасони дунё
Бо форуми тоҷикон ба ҷони дунё.
Бо номи ту дар ҷаҳон сарафроз шуданд
Имрӯз тамоми тоҷикони дунё.

Эмомалиё, дилу гилат месӯзад,
Чун лола чароғи мушкилат месӯзад.
Эй бар ҳама маҷрӯҳу ятимон марҳам,
Бар мардуми бечора дилат месӯзад.

Эмомалиё, ки Тоҷикистон фари туст,
Сарчашмаи оби тоза ин кишвари туст.
Имрӯз туро ҷаҳон ҳама мешунавад,
Эй ровии ҳақ, Боми Ҷаҳон минбари туст.

Эмомалиё, ганҷи Ватан бисёр аст,
Ҳар ганҷи Ватан баҳри Ватан даркор аст.
Ганҷи сухану кори ту нотакрор аст,
Эмомаливор ёфтан душвор аст.

Эмомалиё, шикаст нақб армонат,
Истиқлолу Шаршару Шаҳристонат.
Бо риштаи раҳ дӯхтӣ парча-парча
Андоми Ватан чу пораҳои ҷонат.

Эмомалиё, гузашт роҳ аз Мурғоб,
Аз Вахш бирафт роҳи оҳан Кӯлоб.
Кӯтоҳ бикард роҳ нақби Анзоб,
Ҳар раҳ, ки кушодаӣ, шавад роҳи савоб.

Эмомалиё, ки Даштиҷум ороӣ,
Бо Роғуну Сангтӯда нур афзоӣ.
Нерӯгаҳи хӯрди барқӣ афзун гардад,
Ҷӯшад ба Ватан рӯшанию зебоӣ.

Эмомалиё, қавм ба тақвим ояд,
Оила дар ин Ватан ба танзим ояд.
Иқбол дар ин чаман ба таъзим ояд,
Эҳсони Худованд ба тақдим ояд.

Эмомалиё, фазилатат раҳмонӣ,
Дар манзалатат шуҷоати Сомонӣ.
Дар марҳаматат башорати инсонӣ,
Дар сафҳаи таърихи башар мемонӣ.

## *НОМУСИ ВАТАНДОРӢ*

Эй Сарвари мо, раҳбари мо, мулки ту обод,
Шукронаи ту гӯяму ин бахти Худодод.
Ободии ин кишвару озодии миллат
Маҳбуби Ватан, садри музаффар ба фазилат.
Ай нек ба пиндору ба гуфтору ба рафтор,
Шоистатарин шахси ба ҳар лутф сазовор.
Ирфону маориф ҳама гул карда чу Аржанг,
Имону хирад, отифати покии фарҳанг.
Роҳе, ки кушодӣ ба Ватан, роҳи ҳаёт аст,
Андешаву афкори ту ирфони наҷот аст.
Ҳомии Ватан, ҳадяи ин халқи сарафроз,
Миллат кунад аз файзи ту сад мӯъҷиза оғоз.
Осудагии мамлакат аз лутфи Худо шуд,
Номуси ватандории ту ибрати мо шуд.

*ЭМОМАЛӢ РАҲМОНӢ*

Исмоили Сомонӣ, к-ӯ шоҳи тавоно буд,
Ҳам шоҳи тавоно буд, ҳам зираку доно буд.
Бо неруи имонаш девори Бухоро буд,
Дар мулки Бухорояш ӯ шӯҳра ба дунё буд.

Эмомалӣ Раҳмонӣ, аз тухмаи Сомонӣ,
Ҳам шоҳи бафарҳангу ҳам сарвари ирфонӣ.
Он ҷанги балоангез, он душмани хуношом,
Аз мулк бадар бинмуд бо фазлу ба пурдонӣ.

Эмомалӣ Раҳмонӣ, шаҳроҳ ба дунё шуд,
Шаҳроҳ ба дунё шуд, мулкаш чи тавоно шуд.
Бишкофт дили хора, бас хора чи паҳно шуд,
Ин халқ ба асли хеш баргаштаву эҳё шуд.

Тай карда ҷаҳон яксар, то бишкуфад ин кишвар,
Таъмири Ватан карда, бинҳод ба сар афсар.
Ақсои ҷаҳон гашта, осону гарон гашта,
То мулки куҳанбунёд аз нав бикашад шаҳпар.

Эмомалӣ Раҳмонӣ, бошад раҳи Сомонаш,
Ҳам нури Худо бар сар ҳам шафқату эҳсонаш.
Бо ин ҷадалу шасташ меҳраш ба Ватан бастаст,
Гар зинда будӣ Сомон, мешуд ҳама ҳайронаш.

Эмомалӣ Раҳмонӣ, аз тухмаи Сомонӣ,
Аз Мовароуннаҳру аз мулки Хуросонӣ.
Ҳамхонаи Синову ҳаммаслаки Румӣ ӯст,
Тоҷик ба тоҷ астӣ аз заҳмати Раҳмонӣ.

*Ҳақназар Ғоиб*

## *МЕҲРОНА*

Эй азизи пиру барно, муждавар,
Тоҷиконро ифихору тоҷи сар.

Эй чароғи равшани шоми Ватан,
Ахтари болидарӯҳи анҷуман.

Бардамидӣ чун тулӯӣ ростин,
Аз дили шоми сияҳ, субҳи яқин.

Омадӣ то халқро ёвар шавӣ,
Мулку миллатро ҳидоятгар шавӣ.

Ориёнро фар бубахшию зиё,
Вориси шоиста бар тахти ниё.

Он замон ҳангомаи хунрез буд,
Нохуни ҷаҳлу адоват тез буд.

Хоку хокистар ба ҳам омехтанд,
Хуни ноҳақро баробар рехтанд.

Бӯи яъсу ноумедӣ бар димоғ,
Шоми миллатро набудӣ як чароғ.

Хуррамӣ ҳам рафта аз тарфи чаман,
Рангу бӯ гум карда атои ёсуман.

Занҷиру завлонаю банду гиреҳ,
Пардаи зулмат ба рӯи шаҳру деҳ.

Қадру қурби одамӣ беранг шуд,
Гуфтани ҳарфи муқаддас нанг шуд.

Қисса кӯтаҳ, он замони барбарӣ,
Ҷуръати гурде набуд бар доварӣ.

Он ки ҷон бар каф биёмад бармало,
Пури Раҳмон буд, эҳдои Худо.

Асли Одам з–ибтидо обу гил аст,
Адлу некӯӣ тақозои дил аст.

Файзу нусрат дода кӯҳу пуштаро,
Ҷамъ овардӣ парешонгаштаро.

Ҳамраҳи фарзандҳои бахтиёр,
Мардумашро ҳам гирифта дар канор.

Ҷонатон бо ҷон харидорӣ кунам,
То наёбам роҳи сулҳи устувор.

Ман намеёбам ба худ ҷои қарор,
Гуфтӣ: Рӯзе рӯзи мо беҳтар шавад.

Хокро гирем, мушти зар шавад,
Сулҳи нотакрори мо – инъоми ту.

Ваҳдати миллат бувад пайғоми ту,
Ҳар куҷое, ки қадам бардоштӣ,
Парчами сулҳу карам афроштӣ.

Зиннати боғу чаман эъҷози ту,
Қимати ҳар лаҳза андар сози ту.

Офтобӣ дар самои сарварӣ,
Додаӣ доди адолатгустарӣ.

Ин туӣ подоши шукри марду зан,
Сояи нури Худоӣ дар Ватан.

Бо паёми ту, азизи олишон,
Эътибори мо расад то осмон.

Қасрҳо, фавворахо, гулгаштҳо,
Мекушояд баҳри дилро чун сабо.

Хоксориву сахо оини ту,
Фари шоҳаншоҳӣ дар таҳсини ту.

Эй ятимонро шуда пушту паноҳ,
Бо ту менозанд қавми Ориё.

Дӯстиро меситоӣ ҷовидон,
Душманонро низ мебахшӣ амон.

Эй саропо қадру қурбу боварӣ,
Бо ту зебо ин сарои сарварӣ.

Дарди оламро мудово гаштаӣ,
Мӯътабар, машҳури дунё гаштаӣ.

Эй фурӯғи ростину растагор,
То ту ҳастӣ, нест тоҷик хору зор.

Эй Аҳуроро нишони беҳтарин,
Офарин бодат, ҳазорон офарин!

Офарин бар ҳиммати волои ту,
Бар бузургиву сари болои ту.

Чархи гардун гар бигардад сад мақом,
Баъд аз ин чун ту наёбад. Вассалом!

*МУБОРАКНОМА*

Эй Ватан! Дунё ба ёру дӯстон меҳмони мост,
Файзи дунё рехта болои дастархони мост.

Ин саодатмандии мо файзи фазли раҳбар аст,
Шукри ӯ, фарзанди тоҷик асту ҳикматпарвар аст.

Нур борад аз нигоҳаш Офтоби Ориён,
Аз нигоҳаш мешавад хоно китоби Ориён.

Тоҷикистон тоҷи тоҷикона монад бар сараш,
Ҷо диҳад дар минбари ҷону дили худ минбараш.

Ориён аз ориёнияш шарафманд асту шод,
Шуд канори меҳри гармаш ҷои бахту адлу дод.

Оби Вахшо! Оби Рукнобод дар оғӯши туст,
Хоҷаи Шерози оқил масти бонги нӯши туст.

Ориёно! Ориёниро ту истиқбол кун,
Рӯи дунё файзрез аз файзи Истиқлол кун!

Зинда бодо дар ҷаҳон даврони Истиқлоли мо,
Тоҷвар Эмомалӣ Раҳмони хушиқболи мо!

## *ВАҲДАТИ МО*

Ваҳдати мо дил ба рӯи якдигар во кардан аст,
Чеҳраҳои офтобиро ба дил ҷо кардан аст.
Аз нигоҳи садри олии Ватан бо ҳамдилӣ
Тоҷиконро тахтшини тахти дунё кардан аст.

Тоҷикони рӯи дунё зодагони Ваҳдатанд,
Ҷон ба ҷон бинҳода бо ҳам, ҷон ба ҷони Ваҳдатанд.

Чун суруди миллӣ аз бунёди олишони мо
Даъвати Ваҳдат кунад овози аждодони мо.
Медиҳад бо фарри яздонӣ зи Ваҳдат муждаҳо
Тоҷики сайёраро Эмомалӣ Раҳмони мо.

Ваҳдати олӣ, ки бахти миллати мо гаштааст,
Миллати яктои мо якто ба дунё гаштааст.

Як садо дорад кунун Хатлони мо, Раштони мо,
Як наво дорад кунун Сайҳуни мо, Вахшони мо.
Модари якто кунун модархудои тоҷик аст,
Шири Ваҳдат нӯши ҷон гардад ба фарзандони мо.

Эй Ватан! Шукронаҳо, ки хонаи Ваҳдат шудӣ,
Хонаи пурбачча аз шукронаи Ваҳдат шудӣ!

## *ШОҲ ОМАДУ ШОҲ ОМАД*

Базму тарабистон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Лабҳо шакарафшон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Шоҳ омаду шоҳ омад, хуршед ба моҳ омад,
Чашмаш шарарафшон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Тоҷик санохон аст бар давлати Сомонӣ,
Навдавлати Сомон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Исмоили моро бин дар тахти ба тоҷи мо,
Тахташ гуҳарафшон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Тоҷик сараш ёзид аз хок бари афлок,
Хокаш, ки зарафшон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Гулбоғи шукуфоне – Хатлону Хуҷанд имрӯз,
Иде ба Бадахшон аст, эй ҳамватанон, табрик!
Тоҷи сари хуршедӣ имрӯз насиби мост,
Хуршед, ки хандон аст, эй ҳамватанон, табрик!

*Ҳамроҳ Усмон*

## *ИСТИҚЛОЛ*

Чу он фарзанди яктои Ватан овард Истиқлол,
Барои рӯзи фардои Ватан овард Истиқлол.

Раҳонда аз шаби торик моро, сӯи рӯз овард,
Барои чашми бинои Ватан овард Истиқлол.

Ба ҳам овард мушкил ташнаҷонҳо, ташнадилҳоро,
Барои мавҷи дарёи Ватан овард Истиқлол.

Кушодии дили тоҷикро ҳеҷ имтиҳоне нест,
Ба файзи дашту саҳрои Ватан овард Истиқлол.

Ватан-модар басо шод асту озод асту обод аст,
Барои тифли зебои Ватан овард Истиқлол.

*Ҳанифа Сафарова*

## *САРВАРИ ОЛИМАҚОМ*

Эй сарвари олимақом,
Ҳам шӯҳраёб андар ҷаҳон.
Эй насли поки ориён,
Дорӣ ба сар тоҷи каён.
Монанди шоҳ Нушервон,
Номи ту шуд вирди забон.
Оҳанги шодию сурур
Ояд зи ҳар як хонадон.
Шоҳаншаҳи даврони мо,
Овардаӣ сулҳу сафо.
Обод гардид ин Ватан
Аз заҳмату ранҷи Шумо.

*Ҳикмат Раҳмат*

## *ҶОНФИДО*

Дар он лаҳзаҳое, ки аз осмон,
Ту гӯйӣ, ки мерехт тиру камон,

Дар он лаҳзаҳое, ки дарёи хун
Равон буд дар кишвари мо фузун,

Дар он лаҳзаҳое, ки дар ҳар макон
Аҷал аз қафои ҳама буд равон,

Дар он лаҳзаҳое, ки модар фиғон
Кашидӣ зи кирдору кори замон,

Дар он лаҳзаҳое, ки ҳар як падар
Ба дил дошт доғе зи қатли писар.

Дар он лаҳзаҳое, ки тоҷики ман
Ба чанголи деву даду Аҳриман,

Гирифтор буду басе хор буд,
Ҳама ҷой бахташ нагунсор буд,

Дар он лаҳзаҳое, ки дар мамлакат
Ҳама дар ғами ҷони худ буд фақат,

Аё ҷонфидо, некмарди Ватан,
Фитодӣ ту дар фикри дарди Ватан,

Ҳама гирди ҳам дар Хуҷанд омаданд,
Гаҳе пасту гоҳе баланд омаданд.

Ҷасорат бикардиву бархостӣ,
Пайи маслиҳат маҷлис оростӣ.

Ливои адолат барафроштӣ,
Накӯ номи тоҷик бардоштӣ.

Ҷасорат, ки кардӣ, туро офарин,
Гузорӣ асар дар замону замин!

Ҷасорат диҳад зеб ҳар фардро,
Ҷасорат аён мекунад мардро.

Ҷасорат кунад бо хирад иттифоқ,
Чу дуде пароканда гардад нифоқ.

Барои адолат намудӣ ҷадал,
Хирад раҳбарат гашту кардӣ амал.

Гирифтӣ инони суханро ба даст,
Сухан аз даҳонат чу оташ биҷаст.

Сухан ҷасту рафту ба дилҳо расид.
Ба дилҳои поку мусаффо расид.

Назар бар ту афканд парвардигор,
Ба номи ту зад сиккаи шаҳриёр.

Ҳидоят туро дод Яздони пок,
Ки бардорӣ афтодагонро зи хок.
Маҳорат туро дод ҷонофарин,
Замину замону ҷаҳонофарин.

Ки кори ҷаҳон бар низом оварӣ,
Раванди замон бар низом оварӣ.

Саодат туро дод чархи барин,
Шудӣ соҳиби тахту мӯҳру нигин.

Туро тахти тоҷик арзанда бод!
Туро бахти тоҷик фархунда бод!

Ту будӣ, ки тоҷик омад ба ҳам,
Раҳо шуд зи чанголи ҷангу ситам.

Ту будӣ, ки тоҷик омад ба ҳам,
Парешон бишуд абри дарду алам.

Ту будӣ, ки тоҷик шуд тоҷвар,
Фурӯзон бувад наҷми бахташ ба сар.

## *ДАЪВАТ БА ВАҲДАТ*

Балое, ки моро ба дар омада,
Балое, ки моро ба сар омада,

Балои азим асту бисёр бад,
Ба гуфтору рафтору кирдор бад.

Бувад ин бало хасми халқу Ватан,
Бувад ин бало душмани ҷону тан.

Балоро бибояд, ки аз дар биронд,
Балоро бибояд, ки аз сар биронд…

Илоҷи раҳоист дар Иттиҳод,
Умеди адӯро диҳад он ба бод!

Агар бигзарем аз низоъу нифоқ,
Кунем иттиҳоду кунем иттифоқ,

Ба боди фано қасди душман равад,
Ҳама ҷангҷӯён нагунсар шавад.

Агар бо ҳам оему Ваҳдат кунем,
Сари хасми миллат зи тан барканем.

Раҳо гашта миллат зи Ваҳдат бувад,
Дави Рахши1 миллат зи Ваҳдат бувад.

Кушода зи Ваҳдат бувад роҳи мо,
Зи Ваҳдат бувад бахт ҳамроҳи мо.

Зи Ваҳдат бувад бахти авлоди мо,
Зи Ваҳдат бувад мулки ободи мо.

Зи Ваҳдат бувад хотири шоди мо,
Зи Ваҳдат бувад шеъри озоди мо.

Ҳаёте, ки морост, аз Ваҳдат аст,
Ҳар он чӣ гуворост, аз Ваҳдат аст!

Чӣ хуш гар ҳама аҳди Ваҳдат кунем,
Сари хасми малъун ба по афканем.

Сар аз як гиребон барорем агар,
Набошад ҳарос аз қазову қадар.

Сар аз як гиребон барорем агар,
Кунад Хӯҷаи Хизр бар мо назар.

Сар аз як гиребон барорем агар,
Диҳад дашти лабташна шаҳду шакар.

Сар аз як гиребон барорем агар,
Фаровон диҳад сулҳу Ваҳдат самар.

Сар аз як гиребон барорем агар,
Низоми ҷаҳонро бибинӣ дигар.

Сар аз як гиребон бурун оваред,
Сару синаи ҷангҷӯро даред!

## *ПАЁМИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ*

Туро, эй писандидаи хосу ом,
Фиристам ба номат салому паём.

Ман аз аҳди Сомониён бо дуо,
Ба гуфтору корат бихонам сано.

Ман аз корҳои ту миннатпазир,
Ба таърихи миллат надорӣ назир.

Маро, ки шаҳи Оли Сомон будам,
Фарогири аркони даврон будам.

Намудӣ фараҳманд бо корҳот,
Ба гуфтору рафтору пиндорҳот.

Ба пиндору гуфтору кирдори нек,
Ба омоли неку ба афкори нек -

Ҳама он, ки тоҷик бигрифта ном,
Ба тоҷикӣ оранд ҳарфи калом.

Ба поёни қарни ду даҳ хаста буд,
Ба киштии бишкаста биншаста буд.

Ба дарёи офат шино менамуд,
Илоҷи раҳоӣ аз онаш набуд.

Фитода ба мушкил миёни бало,
На мушкилкушо дошт, не раҳнамо.

Ту тоҷики худро зи ҷанги мамот
Ба дасти тавонот додӣ наҷот.

Ту умри дубора ба он додаӣ,
Тани хастаашро равон додаӣ.

Маконкардагумро макон додаӣ,
Забонкардагумро забон додаӣ.

Ту будӣ, ки тоҷики баргаштабахт
Зи нав гашт соҳиб ба тоҷу ба тахт.

Туро фарри шоҳиву шоҳӣ мақом,
Сухан хуш бигӯӣ ба хосу ба ом.

Маро ҳам ту кардӣ чунин мӯътабар,
Ниҳодӣ дубора ба сар тоҷи сар.

Маро ҳам намудӣ ту маснаднишин,
Муборакқадам зери чархи барин.

Вагарна набудам асире зиёд,
Маро бурда кайҳо Бухоро зи ёд.

Аз он лаҳзае, к-Оли Сомон гузашт,
Бухоро ба чанголи турк гузашт.

Мани хастаҷон дар асорат будам,
Гирифтори таъну ҳақорат будам.

Ту кардӣ маро аз асорат раҳо,
Ту кардӣ маро аз ҳақорат раҳо.

Ба шаҳри Душанбе бишуд ҷо маро,
Миёни чаманзор маъво маро.

Кунун дар бари ҳамнажодон манам,
Кунун меҳтари ҳамнажодон манам.

Душанбеи зебо бувад меҳанам,
Ба гулдаста оянд бар диданам.

Сарамро расондӣ ту бар осмон,
Ба гетӣ сарафрозу поянда мон…

Шуд аз кардаҳоят дили банда шод,
Калиди Бухоро ба дасти ту бод!

*ПАЁМИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ*

Аё шаҳриёри диёри куҳан,
Таваҷҷуҳ ту дорӣ, хушо, бар сухан.

Камоли Хуҷандӣ сухан гӯядат,
Сухан бе ҳавои даҳан3 гӯядат.

Набуд чун ту шоҳе дар айёми ман,
Шаҳи хайрхоҳе дар айёми ман.

Салотин4 ҳама ҷо ситамгар буданд,
Ҷафокору золим ба кишвар буданд.

Аз ин рӯ, нарафтам ба дарбор ман,
Суханро набурдам ба бозор ман.

Набудам, набудам санохони шоҳ.
Набӯсидаам ман зи дастони шоҳ.

Валекин маро ту ба кирдори хеш,
Ба гуфтору рафтору пиндори хеш –

Яқин оварам, ки дигар кардаӣ,
Ғурур аз сари ман бадар кардаӣ.

Ҳар он чӣ, ки дидам ман аз корҳот,
Кунад аз ту бо некномӣ сифот…

Фурӯзон ба мулк оташи ҷанг буд,
Бағалҳои мардум пур аз санг буд.

Хаме синаҳо пур буд аз кинаҳо,
Зи кина даронданд бас синаҳо.

Бародар зада додари худ ба теғ,
Зи қатли бародар набудаш дареғ.

Зи хуни баноҳақ равон буд рӯд,
Пур аз хуни пиру ҷавон буд рӯд.

Ту будӣ, ки бо арзи арҷи сухан
Ҳаме кинаҷӯро бубастӣ даҳан.

Ту кардӣ хамӯш оташи ҷангро,
Бибахшидаӣ фар ту фарҳангро.

Само шуд фурӯзанда бар дидаҳо,
Замин пур шуд аз файзу хайру сахо.

Ту будӣ, ки хуршед тобанда шуд,
Ҳама абри тира пароканда шуд.

Ту будӣ, ки рӯшан бишуд осмон,
Бишуд лоҷвардӣ замину замон.

Ту будӣ, ки тоҷик ба ҳам ҷӯр шуд,
Ба ҳам омаду қавми пурзӯр шуд.

Ту будӣ, ки тоҷик зи нав тоҷ ёфт,
Дари Лайлатулқадру Меъроҷ ёфт.

Ту будӣ, ки тоҷик шуд бениёз,
Ту будӣ, ки тоҷик шуд сарфароз.

Камоли Хуҷандии тоҷикзод,
Ки доди сухан дар ғарибӣ бидод.

Дуои ту гӯяд ба лафзи дарӣ,
Ҳалоли ту бодо бад-ин меҳтарӣ

Сипоси ту гӯяд, ки андар Хуҷанд,
Лаби рӯди Сайҳун ба ҷое баланд -

Ба по кардаӣ ҳайкали ӯ ба меҳр,
Ба меҳри дили поку бикшода чеҳр.

Кунун бар тавофаш раванду раванд,
Тару тоза гулҳои хандон баранд.

Дар ин ҷо ба гӯш ояд овози дил,
Кушоянд арӯсон ба ӯ рози дил.

Дар ин ҷо ҳаме шеърхонӣ кунанд,
Бирақсанду кокулфишонӣ кунанд.

Аё шаҳриёри диёри куҳан,
Диёре, ки донанд арҷи сухан,

Аё вористи неки Сомониён,
Шаҳаншоҳи арзанда, Раҳмониён!

Камоли Хуҷандӣ санохони туст,
Дуогӯи ҷонат, ба фармони туст,

Агарчи набӯсида дасти шаҳе,
Набуда ситора ба назди маҳе -

Фуруд оварад сар ба пеши даҳот,
Санои ту хонад бад-ин кардаҳот.

Бибӯсанд дастат, ба ҷо донад ӯ,
Барои чунин шаҳ раво донад ӯ.

## *ПАЁМИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ*

Туро, эй бародар, муборак шавад,
Ки аспи муродат чунин медавад.

Ту сарвар ба мулки куҳан гаштаӣ,
Сазовори некӯ сухан гаштаӣ…

Яқин, хондаӣ «Тоҷикон»-и маро,
Китоби баробар ба ҷони маро.

Бигир, он чӣ гӯям, бародар, ба ёд,
Ки аз ин китобам маро буд мурод:

Бихонанду донанд, к-андар ҷаҳон
Ниёгони моён набуда хазон.

Ки аз боди сар-сар парешон шаванд,
Чу барги хазоне паранду раванд.

Бихонанду огоҳ аз худ шаванд,
Пайи номи неки ниёгон раванд.

Шиносанд худро, кунанд ифтихор
Ба номи бузургони халқу диёр.

Шиносанд худрову бо ҳам шаванд,
Пайи рушди кишвар фароҳам шаванд.

Маро, ки чунин гуфтугӯ буд ба дил,
Чунин орзӯи накӯ буд ба дил -

Муяссар нашуд, то бубинам ҳаме,
Гули боғи уммед чинам ҳаме.

Надидам, надидам ман аз ин зуҳур,
Ҳама орзуро бибурдам ба гӯр…

Ту будӣ, ки онон ба ҳам омаданд,
Ба ҳам омадандy адӯро заданд.

Шуданд иттиҳоду шуданд иттифоқ,
Пароканда гардид абри нифоқ.

Шуданд иттифоқу шуданд иттиҳод,
Бирафт орзуи адӯвон ба бод.

Хушо, эй бародар, туӣ некбахт,
Паси сар намудӣ басе рӯзи сахт.

Зи ҷангу кашокаш гузаштӣ ҳаме,
Аз обу аз оташ гузаштӣ ҳаме.

Ту кардӣ дифоъ обу хоки диёр,
Дифоъ аз гулистони поки диёр,

Дифои ту аз халқу номуси он,
Дифои ту аз модару хоҳарон.

Расидӣ музаффар ба рӯзи саид,
Раҳат бод монанди бахтат сафед!

Ту будӣ, ки тоҷики рӯи ҷаҳон
Ба уммеди дидори ҳаммиллатон -

Ба ҳам омад охир, бикард иттифоқ,
Парешон бишуд абри шӯру нифоқ.

Ту будӣ, ки тоҷики Сомонниё
Ба ҳам омад андар дили Осиё.

Бишуд дар Душанбе ба по анҷуман,
Чунин рӯзи хушро ту дидиву, на ман.

Зи гулҳои хушрӯи гулбоғи сулҳ,
Зи гулҳои хушбӯи гулбоғи сулҳ,

Зи гулҳои хушрӯи Ваҳдатчаман,
Зи гулҳои хушбӯи Ваҳдатчаман –

Ту дидӣ, надидам ҳар он гул, ки ман,
Ту чидӣ, начидам ҳар он гул, ки ман.

Туро, эй бародар, ҳасад мебарам,
Чу фарзанди кишвар ҳасад мебарам.

Туро, эй бародар, ҳасад мебарам,
Чу фарзанди бофар ҳасад мебарам.

Туро, эй бародар, ҳасад мебарам,
Чу фарзанди Ховар ҳасад мебарам…

Ҳалоли ту бодо чунин раҳбарӣ,
Ҳалоли ту бодо чунин сарварӣ!

*КИТОБИ МУРОД*

Чу хондам китобат, аё шаҳриёр,
Фузун шуд ба дил меҳри халқу диёр.

Талоши ту дар роҳи сулҳу салоҳ
Бувад аз ниятҳои некат гувоҳ.

Туӣ огаҳ аз набзи асру замон,
Туӣ огаҳ аз рози кавну макон.

Туӣ огаҳ аз қалби хурду калон,
Туӣ огаҳ аз рози пиру ҷавон.

Ту будӣ, ки нусрат ба мо ёр шуд,
Адӯ дар балоҳо гирифтор шуд.

Ту будӣ, ки тоҷики равшанзамир
Раҳо ёфт аз теғу сӯзанда тир.

Ту будӣ, ки деҳқон заминдор шуд,
Кишоварзи хобида бедор шуд.

Кунун дар замин ҳарчи корад, аз ӯст,
Зи хоки сияҳ зар барорад, аз ӯст.

Ту будӣ, ки дохунда фархунда шуд.
Лаби марди тоҷик пурханда шуд.

Ту будӣ, ту будӣ, ки субҳи умед
Пас аз шоми торик бар мо дамид.

Ба кишвар амонӣ зи ҷаҳди ту шуд,
Накӯ зиндагонӣ зи ҷаҳди ту шуд.

Ба ҷаҳди ту шуд мамлакат бегазанд,
Ба ҷаҳди ту шуд номи миллат баланд.

Ҳисориву раштӣ ба ҳам омаданд,
Пайи дафъи аҳли ситам омаданд.

Хуҷанду Бадахшон паровар шуданд,
Чароғи фурӯзон ба Ховар шуданд.

Зарафшон зи нав зарфишонӣ намуд,
Зарафшонӣ арзи маъонӣ намуд.

Бишуд аз нав обод Хатлонзамин,
Зи дарду ғам озод Хатлонзамин.

Маконкардагумҳо макон ёфтанд,
Равонкардагумҳо равон ёфтанд.

Агар Тоҷикистонам ангуштар аст,
Дар он мулки Хатлон нигини зар аст.

Ту будӣ, ту будӣ, зи боғи умед
Бару бори ширин ба мо ҳам расид.

Ту будӣ, ту будӣ, ки роҳи навин
Кашидӣ зи Кӯлоб то марзи Чин.

Ту будӣ, ту будӣ, ки Анзоб ҳам
Бикард оқибат сар ба тоҷик хам.

Расида ба мақсуди деринааш,
Гузар дорад акнун вай аз синааш.

Бихондам китобат, аё ҳамзабон,
Фурӯғи хирад гашта аз он аён.

Ба монанди хуршеди оламнамо,
Ки ҳар субҳдам рух намояд ба мо -

Хирад аз китобат гамояд тулӯъ,
Зи ҳар ҳарфи нобат намояд тулӯъ.

Хирад офтоб асту равшангар аст,
Хирад одамиро фурӯзонфар аст.

Хирад пешкори ҳама корҳост,
Хирад одамиро атои худост.

Ту кардӣ хирадро ба худ раҳнамо,
Набинӣ завол, эй азизи Худо.

Китоби туро хонда, хурсанд мо,
Зи гуфтори некат фараҳманд мо.

Китоби ту морост мушкилкушо,
Китоби ту бошад маро раҳнамо.

Маро аз ҷудоиву дурӣ чӣ ғам,
Китоби ту моро расонад ба ҳам.

Китоби туро хонда, бастам умед,
Ба субҳи саодат, ки ояд падид.

Китоби туро хонда, шодон шавем,
Ба ҳам меҳрубонтар ба даврон шавем.

Дили пиру барно зи ҳарфи ту шод,
Расонад китобат ба ҳар як мурод.

Дили пиру барно ба даст оварӣ,
Ҳалоли ту бодо чунин сарварӣ.

Тавонову донову фархунда бош,
Абад шод бошу ба лаб ханда бош!

Ҳама нозу неъмат ба коми ту бод,
Фалак гирдгардон ба номи ту бод!

## ТӮҲФАИ ҲАҚ

Мекунам равшан зи рӯят чашми чори хешро,
Пайки шодӣ дода қалби интизори хешро.
Ҳамчу Наврӯзи баҳорон тозаэҷод омадӣ,
Файзборон кардаӣ хоки диёри хешро,
Қимати Сосонию Сомониён бардоштӣ.
Дар ҷаҳон боло намудӣ эътибори хешро,
Дар саховат баъди Ҳотам дарси ибрат медиҳӣ.
Чун Анушервон зи адлат рӯзгори хешро,
Соли Оби Тоза гашта ибрати аҳли башар,
Шуҳрати дунё намудӣ обшори хешро.
Донаи миллат дар оғӯшат чу санги осиё,
Дода бар халқи худ орому қарори хешро,
Тоҷик ин дам миллату меҳри Ватан мепарварад.
Ваҳдатистон кардаи хоки диёри хешро!
Тӯҳфаи Ҳақ будааст Эмомалӣ бар миллаташ,
Нури Раҳмонӣ чу бахшад ӯ диёри хешро,
Ҷумла арвоҳи бузургон хезад аз хоки Ватан,
Хайру мақдам то бигӯяд посдори хешро
Мурғи илҳоми Ҳилола ҳар замон гӯяд ба шавқ:
Васф бинмо сарвари бонангуори хешро.

*Ҳоҷӣ Амируллоҳи Муштоқ*

## *ХИРАДПАРВАР*

Ба бахти ин Ватан марди накӯкор,
Намуда во гиреҳи кулли асрор.
Ватанро ӯ раҳонид аз ғаму дард,
Шукуфта лолаҳо бар ёлаи зард.
Саропои вуҷудаш олами нанг,
Дарида қалби кӯҳу синаи санг.
Басо пул баставу нақби фузун канд,
Раҳи бубридаро ӯ кард пайванд.
Ба Ирону ба Чину мулки Афғон,
Кушода ҷодаҳои бахту армон.
Ба ёди рӯзи беҳи халқи кишвар,
Бигашт ӯ рӯи оламро саросар.
Сафарҳо бобарору боҳарорат,
Сиёсатпешае бас бомаҳорат.
Ҳазорон дӯстонро гирд овард,
Ҳаме баст аҳду паймонро ҷавонмард.
Сиёсатогаҳу ҳушёру доно,
Хирадманду дилогоҳу тавоно.
Бафарҳангу бапаймону баимон,
Саходасту ҳаме бохайру эҳсон.
Ба ғамдору ятиму бепарастор,
Кушода хони эҳсонро падарвор.

Шукуфон боғи армони ниёгон,
Зи файзу аз шукӯҳи мулки Раҳмон.
«Ба чор унсури олам эҳтиромаш,
Ҳамеша покии дунё маромаш».

Аз ин рӯ, қуввати барқаш зи об аст,
Зи рӯди Вахшу Панҷи бошитоб аст.
Табиатро намесозад халалдор,
Зи дуди технику заҳри хатарбор.
Заминаш гулфишон асту пур аз гул,
Ба гӯши олам аст овои булбул.
Парафшон парчами сулҳи хирадманд,
Ба аҳли кина ҳар дам медиҳад панд.
Шакар мерезад аз панду каломаш,
Ба қуръони Шариф аст эҳтиромаш.
Худовандо, нигаҳ дораш ба олам,
Набинад ҳеҷ гаҳ ӯ ғуссаву ғам.
Чу Муштоқ, ин сухан пайваста гӯяд,
Илоҳо, хори кин асло нарӯяд!

*Ҳоҷӣ Гулмуроди Боймурод*

## *ДАВРАИ РАҲМОНИЁН*

Ваҳ чӣ зебо давраи Раҳмониён,
Бо дуои раҳбари Сомониён.
Парчамаш болост дар рӯи ҷаҳон,
Бо талоши сарвариаш дар ҷаҳон.
Бин, чӣ хуш дарёдилу ширинзабон,
Медурахшад байни шоҳони ҷаҳон.
Мефизояд дӯстонаш сад ҳазор,
Аз ризои Холиқи Парвардигор.
Роҳҳояш дар ҳама давру замон,
Як нишони давраи Раҳмониён.
«НОБ»-ҳояш гашта машҳури ҷаҳон,
Ифтихори сарвари олимақом.
Гулмурод ҳам вақти эҷоди сухан,
Менависад аз нигоҳи хештан.
Мегузорад бо умеде лонаҳо,
Ҷовидона дар дилу дар дидаҳо.

*Ҳоҷӣ Абдугаффори Воҳидзод*

## *САРВАРИ ХАЛҚУ ВАТАН ЭМОМАЛӢ*

Зеби ҳар як анҷуман Эмомалӣ,
Мисли гулҳои чаман Эмомалӣ.
Халқи тоҷикро намуд овозадор,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ.

Аз забонаш мечакад шаҳду шакар,
Эҳтиромаш мекунад аҳли башар.
Халқи Тоҷикро ниҳод тоҷаш ба сар,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ.

Пуштибонӣ баҳри миллат мекунад,
Пойдорӣ сулҳу ваҳдат мекунад.
Бо ятимон раҳму шафқат мекунад,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ.

Марди бо номусу нанг андеша кард,
Сохтмони НОБ-и Роғун пеша кард.
Раҳни кӯҳ бо нохуну бо теша кард,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ.

Баҳри халқи кишвараш дилсӯз шуд,
Ҳар куҷо иқдоми ӯ пирӯз шуд.
Дар ҷаҳон овозаи Наврӯз шуд,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ.

Ҳоҷӣ мегӯяд дуо аз Балҷувон,
Эй Худованди замину осмон.
Шоҳи мо доим бимонад дар амон,
Сарвари халқу Ватан Эмомалӣ!

## *САРВАРИ ТОҶИК*

Қудрат зи Кирдигор аст,
Сулҳу нишоту кор аст.
Аз фазли шаҳриёр аст,
Эмомалии Раҳмон.

Дода наҷот миллат,
Аз вартаи ҳалокат.
Саршори меҳру шафқат,
Эмомалии Раҳмон.

Фарзанди арҷмандӣ,
Некию дилписандӣ.
Аз ҳақ ту баҳрамандӣ,
Эмомалии Раҳмон.

Сомону давлаташро,
Ҳам мулку миллаташро,
Афзуд шавкаташро
Эмомалии Раҳмон.

Умри ту бехазон бод,
Тоҷи ту ҷовидон бод.
Мулки ту дар амон бод,
Эмомалии Раҳмон!

## *ПЕШВОИ ХАЛҚ*

Шуд фуруд исторае аз осмон,
Кард равшан сарзамини тоҷикон.
Мекунад халқу Ватанро сарварӣ,
Номи ӯ монда падар Эмомалӣ.
Дарди миллатро бубахшад ӯ даво,
Сулҳ омад ҳамчу субҳи босафо.
Пайравии Оли Сомон пеша кард,
Бо хаёли тозааш андеша кард.
Бо як аз амри наҷибаш аз ҳама,
Карда Қуръони Каримро тарҷума.
Шоҳи мо Эмомалӣ Раҳмон бувад,
Раҳмати ҳақ бар сараш борон бувад.
Ҳоҷӣ мегӯяд сухан аз Балҷувон,
Зинда бошӣ пуштибони тоҷикон.

## САРВАТУ БАХТИ САФЕДИ АСРИ МАН

Зинда бошӣ, эй умеди асри ман,
Сарвату бахти сафеди асри ман.
Ту чу чашми нурполо зинда бош.
То абад ту бар сари мо зинда бош!
Халқ номи каҳрамонат додаст,
Як нишони ҷовидонат додаст.
Эй ки гаштӣ дар ҷаҳоне мӯҳтарам.
Шод бошад аз ту халқи кишварам.
Ту сафарҳои паёпай кардаӣ,
Баҳру барро сар ба сар тай кардаӣ.
Ту биёвардӣ ба мо дар ҳар сафар
Дӯстиву сулҳ аз ҳар кӯю дар.
Баҳри оромии ин хуррамзамин,
Баҳри ин халқи саодатофарин.
Бо ҳама паймони ёрӣ бастаӣ.
Бо ҷаҳон ин мулкро пайвастаӣ.
Кардаӣ кори басе мардони мард,
Чорагар гаштӣ ба садҳо доғу дард.
Соати ашки ғаму доғи ҷигар
Гашт дастат бар сари мо соягар.
Тоҷикистонро ту аз ҷангу даға, .
Бо хирад, бо ақли худ кардӣ раҳо.
Ту сипар гаштӣ алайҳи тири ҷанг.
Ҷонбакаф чун пуштибони ному нанг.
Ёғиёнро оштӣ додӣ ба ҳам,
Эй хуш аз дилҳо зудуди доғи ғам.
Халқи маро аз дари бегонагон,
Оваридӣ бар Ватан бо нархи ҷон.
Миллати моро ба сулҳу оштӣ.
Бар парешон гаштанаш нагзоштӣ.
Эй басо эъзодҳо бунёд гашт.
Ҳар куҷо вайронаҳо обод гашт.
Аз талошат гашт оғӯши диёр
Чун чаман, чун гулшану боғу баҳор.

Шоҳраҳҳо шуд ба азмат сохта,
Қасрҳои тоза сар афрохта.
Аз садои рӯдҳои барқхез
Гашт рӯи шомҳо исторарез.
Гашт мардум ҳақталошук ҳақталаб
Шуд Ватан чун гулшани базму тараб.
Ёфт аз ту рӯҳи нав давру замон.
Боғи фарҳангу ҳунар шуд гулфишон.
Шуд шукуфон гулшани шеъри сухан
Чун чашманзорони гулрези Ватан.
Шод гардид аз ту рӯҳи рафтагон
З–асрҳои дури доғу ормон
З–Оли Сомон Шоҳ Исмоил шод
Ҳамчу пайки шодмониву мурод.
Ҳамраҳи ёрон сафоро омада
Бар Душанбе аз Бухоро омада.
Ҳайкалаш чун рамзи бахти ёдгор
Шуд дар ин кишвар ба азмат устувор.
Шӯҳра шуд номат ба мардумпарварӣ.
Рамзи некӣ зери чархи чанбарӣ.
Мардуми мо бо ту бар қудрат расид.
Ҳамчу миллат боз бар давлат расид.
Кори мо гардид ҳар ҷо гар дуруст.
Гашт мулки тоҷики некӯсиришт,
Бо ту чун боғу гулистони биҳишт.
Ҳаст з–ин рӯ то ки дунёву башар.
То ҳаёти тоҷики болоназар.
То бувад гар бар тане ҷони азиз.
То ки бошад, Тоҷикистони азиз.
Номи некат, эй абармарди диёр.
Зинда бошад ҳамчу рамзи ифтихор.
Зинда бошад номи ту дар ҳар замир,
Дар дилу дар ёди ҳар барнову пир.
Номи ту чун фахри ҳар давру замон.
Зинда бошад, зинда бошад ҷовидон!

## *БАҚОИ ДАВЛАТ*

Ватан, салоҳи ваҳдати пояндадор раҳбари туст,
Ба қалби душмани нопойдор ханҷари туст.
Ба хоки поки ту ҳаргиз шитоби душман нест,
Қавӣ ситода ба сарҳад қатор аскари туст.
Самои софи сарат кафтарони оҳанбол,
Бақои давлати ояндадор лашкари туст.
Раҳи талоши ту сулҳу амонии дунё,
Умеди мардуми бо нангу ор минбари туст.
Мақоми манзалатат то ба арши аъло рафт,
Саодати башарӣ ҷовидона мазҳари туст.
Нишони давлати некӯпаёми Сомонӣ,
Ҷилои ахтари ҳафт осмон, ки бар сари туст.
Ба васфи сулҳу Ватан Ҷонибек шеър навис,
Ба дасти пиру ҷавон шеърҳои дафтари туст.

*Ҷумъа Қувват*

## *ҚАҲРАМОНИ ВАҲДАТ АСТ*

Шукри Ҳақ, шаҳбози дил дар осмони Ваҳдат аст,
Раҳбари мо раҳнамое бар ҷаҳони Ваҳдат аст.
Кай равад аз ёдҳо адлу фари Нӯширавон,
Бе муҳобо садри мо Нӯширавони Ваҳдат аст.
Гаштааст ӯ бар тавофи хонаи Ҳақ комёб,
Ин шараф файзи ҷаҳони бекарони Ваҳдат аст.
Фарри Ваҳдатофаринаш рафт бар ҳафт осмон,
Офтобе гӯиё дар осмони Ваҳдат аст.
Ҷумла олам дар раҳи Ваҳдат агар чун тан бувад,
Тоҷикистон, то ҷаҳон боқист, ҷони Ваҳдат аст.
Офтоби дӯстӣ з–ин мулк бинмояд тулӯъ,
Ҳамчу нони тоҷикӣ болои хони Ваҳдат аст.
Роҳ бикшодем андар синаи кӯҳу камар,
Ин тавоноӣ ҳам аз зӯру тавони Ваҳдат аст.
Раҳрави Анзоб аз ранҷу азоб озод шуд,
Рафъи ин ранҷу азоб аз кошифони Ваҳдат аст.
Дар замин мардонагию дар фазо фарзонагӣ,
И фақат як порае аз достони Ваҳдат аст.
Асри мо асри навоварҳост, бар қутби мурод
Мерасад он кас, ки умре қадрдони Ваҳд аст.
Халқ бар ҳамбастагӣ дорад басо дилбастагӣ,
Ин ҳама аз заҳмати дилбастагони Ваҳдат аст.
З–ин салоҳи миллати мо зиллату иллат намонд,
Аз хусумат дур бояд шуд, замони Ваҳдат аст.
Мерасад миллат ба мулки орзу доманкашон,
Шӯҳрати ин сарзамин дар каҳкашони Ваҳдат аст.
Аз вафодории халқам сар ба гардун мерасад,
Сарфарозиҳои тоҷик армуғони Ваҳдат аст.
Парчами тоҷик, хушо, печида бар тири замин,
Акси аксандозии тирукамони Ваҳдат аст.

Он чи роҳи миллати моро мунаввар мекунад,
Парчами меҳрофару партавфишони Ваҳдат аст.
Эй ки меҷӯйӣ тариқи хуррамии халқҳо,
Осмони хуррамӣ дар осмони Ваҳдат аст.
Аз адолатпешагию ҳиммати Эмомалӣ,
Тоҷикистон сар ба сар ҳамдостони Ваҳдат аст.
Оламе чун Ваҳдати моро намояд пайравӣ,
Пешвои оқиле бар пайравони Ваҳдат аст.
Бехазон бодо мудом ин гулшани ҳамбастагӣ,
Лолаи армони мо дар бӯстони Ваҳдат аст.
Дони гандум сар кашад дар мазраҳои беканор,
Сабз дар саҳрои қалби халқ дони Ваҳдат аст.
Меҳвари сулҳи ҷаҳонро дар Ватан дарёфтам,
Кишвари ман меҳвари сулҳу макони Ваҳдат аст.
Ҳамраъӣ орад фақат бар арсаи созандагӣ,
Созгориҳои мо з–ин созмони Ваҳдат аст.
Пешаи осон набошад Кохи Ваҳдатофарӣ,
Решаи тоҷик, яқин, аз дудмони Ваҳдат аст.
Ҷумъа чун сарбози сарбиспурдаи мулки сухан
Бо санони хомаи худ посбони Ваҳдат аст.

## *ИФТИХОРИ САРЗАМИНИ ОРИЁ*

Сарвар омад аз фазои нилгун
Бар диёри мазхани фазлу фунун.

Як назар бинмуд ӯ бар сӯи халқ,
Нури Ҳақро дид андар рӯи халқ.

Боғҳоро сабз диду дар нумӯ,
Халқро болида диду сурхрӯ.

Кӯҳҳоро сарбаланду устувор,
Халқро дар роҳи Ваҳдат пойдор.

Ҳиммати мардона мардаш кардааст,
Дар саховат низ фардаш кардааст.

Рӯдҳо шодобу пуршӯранд, дид,
Одамон солору масруранд дид.

Номдорони ҷаҳони заҳматанд,
Сарбаландонанду кони ҳимматанд.

Киштаҳоро дид сар сӯи замин,
Халқро сармаст аз бӯи замин.

Аз саховатҳои гандумзорҳо,
Пур шавад сад хирману хирворҳо.

Шукри Ҳақ, -гуфт, -ин зи файзи Ваҳдат аст,
Ваҳдат ин оғози фатҳу нусрат аст.

Ваҳдат аст ин шӯҳрату шони Ватан,
Қудрату имкону имони Ватан.

Ваҳдат аст имрӯзи мо, фардои мо,
Ҳам сароғози сари болои мо

Ваҳдат аст ин хони пурнони Ватан,
Ваҳдат аст имрӯзиҳо ҷони Ватан.

Халқро машҳури олам кардааст,
Ифтихори насли одам кардааст.

Гуфт аз фазлу шукӯҳи Рӯдакӣ,
Васфи рӯҳи бофутуҳи Рӯдакӣ.

Зинда бодо шоири воломақом,
Миллати моро аз ӯ болост ном.

Буҳанифа, -гуфт, -фахри миллат аст,
Миллатамро шаъну шону шавкат аст.

Чун Расули Ҳақ чароғаш гуфта буд,
Оламеро партаваш равшан намуд.

Гуфт, эй халқи азизи Ориёи,
Ай парастори фару нури Худо.

Аз ту хоҳам ҳиммату ҳамбастагӣ,
Ифтихору зӯру новобастагӣ.

Ҳамраъиҳоро гиромӣ доштан,
Тухми Ваҳдатро ба Олам коштан.

Зинда бодо тоҷдорони Ватан,
Дар сахо чун киштзорони Ватан.

Дар баланди кӯҳсороманду бас,
Соф ҳамчун чашмасороманду бас.

Посдорони ҷаҳони Ваҳдатанд,
Пойдорони замони Ваҳдатанд.

Мардумони поку эъҷозофарин,
Мардҳои неъмату нозофарин.

Ифтихори сарзамини Ориё,
Зебу фар андар ҷабини Ориё.

Ору номус аст сар то пояшон,
Дар қатори номдорон ҷояшон.

Зинда бош, эй халқи Ваҳдатофарин,
Эй забардастони бар қалбам қарин.

Пок бодо, хоки тоҷик аз нифоқ,
Иттифоқу Иттифоқу Иттифоқ!

*Шайх Амриддини Назриддин*

## *БА ЭМОМАЛӢ РАҲМОН*

Ҳамчу Ҳотам дар саховат,
Чун Нуширвон дар адолат.
Дар ҷасурӣ мисли Рустам,
Раҳбари сулҳу саодат.
Баҳри тоҷик дода имкон,
То намирад ӯ пурармон,
Ё намонад зери фармон.
Дар ғарибӣ, дар фақирӣ,
Зери занҷири асирӣ.
Баҳри тоҷик дода имкон,
То шавад аз нав ғазалхон.
Бар Фарангу Русу Олмон,
Шеъри ӯ гардад парафшон.
Баҳри тоҷик дода имкон,
То кунад мулкаш гулафшон:
Рашту Дарвозу Бадахшон,
То ба Хатлону Зарафшон.
Офаринҳо бар ту бодо,
Посдори Оли Сомон!

*Шаҳрия*

## *МЕҲРИ МИЛЛАТ*

Вориси Сомонхудоям, тоҷикам,
Рамзи фазли ориёям, тоҷикам.
Сояи Яздон чу бошам дар замин,
Ман ба халқи хештан бошам қарин.
Мисли он Исмоили Сомоннажод,
Нанги миллат боли парвозам кушод.
Бораи шаҳри Бухоро буда ӯ.
Некрой буд дар мақсуди ӯ.
Порае дар Тоҷикистон мешавам.
Ман зи шар ӯро нигаҳбон мешавам.
Миллатамро менамоям худшинос.
То расад аз олу авлодам сипос.
Ҷавҳари меҳр аст андар ҷони ман,
Нури Ҳақ мерезад аз имони ман.
Шоҳ бошад созгори мардумаш,
Такягоҳу нангу ори мардумаш.
Лутфи шаҳ бояд бувад мардумнавоз.
Ман ба халқи хештан дорам ниёз,
Войи шоҳе, ки ба нодонӣ бисохт,
Мардуми он хокдонашро бибохт.
Бар хирадмандони маънӣ дил ниҳам,
Шоиронро дар барам манзил диҳам.
Ҷоҳилонро аз барам берун кунам,
Оқилонро дар бари худ ғун кунам.
Месазад то аз шаби аҳриманӣ.
Миллати худро барам бар рӯшанӣ.

Қад кашад миллат ба зӯри иттифоқ.
Сӯи зулмат мебарад бухлу нифоқ.
Зидди ҳамдигар набояд тир зад.
Пои миллат бас дигар занҷир зад.
Ҳар касе бар ин Ватан тир афканад.
Лаънати парвардигораш мезанад.
Тоҷикистон тӯҳфаи яздонӣ аст,
Пойтахти мардуми ирфонӣ аст.
Рашти ман бахти баланди тоҷик аст,
Тахти ман бахти баланди тоҷик аст.
Тоҷикистонро ба Ваҳдат оварам,
Тоҷикистонро саломат оварам.

## *СИПОСНОМА*

Бахтовари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон,
Эҳёгари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон!
Дар рӯзи сахти кишвар омад ба тахти кишвар.
Бар минбари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон.
Биншаст бози давлат бар дӯши ӯ зи қисмат.
Болу пари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон
Аз тоҷдории ӯ тоҷик тоҷвар шуд,
Тоҷи сари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон.
Сомонии Бухоро девори маънавӣ буд,
Бому дари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон
Симои тоҷикона пурнур бошад ӯро,
Зебу фари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон,
Ӯ сохт роҳи дунё, бикшод роҳи дилҳо,
Дил дар бари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон.
Бар тоҷикони олам шуд садри анҷумани ӯ,
Умре сари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон.
Чун сарвари ягона умеди мардум аст ӯ.
Дар бовари Ватан шуд Эмомалии Раҳмон.

## *МО ХАЛҚИ ХУДОДОДЕМ*

Мо миллати ҳақҷӯем,
Ҳақпарвари ҳақгӯем.
Ҳақдидаву ҳақрӯем,
Ҳаққиблаву ҳақсӯем.
Мо халқи Худододем озодаву озодем,
Созандаву сулҳовар талқингари одобем.
Аз насли асилонем, аз оли ҷалилонем,
Мо насли ҷамилонем, бар сулҳ кафилонем.
Аз пушти бузургонем, як қолабу як ҷонем,
Як зумра нақибонем, мо ворисӣ Сомонем.
Мо миллати доноем, машҳуру тавоноем,
Фарҳангиву таърихӣ, фарзонаву хоноем.
Пиндори некӯ аз мост, кирдори накӯ аз мост,
Рафтори накӯ аз мост, осори накӯ аз мост.
Мо доруи Синоем, ангезаи Мавлоем,
Яснои Авастоем, овози Аҳуронем.
Аз раҳмати Раҳмонем, аз азмати Қуръонем,
Аз суннати Нӯъмонем, мо ҷумла мусулмонем.
Оҳанги бақо дорем, аз бахт ливо дорем,
Бар тори сари миллат шукрона Худо дорем.
Овозаи дунёем, ганҷинаи дороем,
Аз Борбади марвӣ, оҳанги мубарроем.
Аржанги ҳунарҳоем, маънии суварҳоем,
Бо аҳду баандеша, покии назарҳоем.
Мо бозӯи Сӯҳробем, аз ҷавҳари ноёбем,
Мо миллати ободем, аз шеъри тару нобем.
Эмомалии Раҳмон, дорад назараш Раҳмон,
Дорад нигаҳаш Раҳмон, дорад бафараш Раҳмон.

## *МАВЛОИ ДИЛ*

Эмоми Алӣ Илоҳӣ боло бошӣ,
Тоҷи сари мардумони дунё бошӣ.
Аз дасти ту хонаи дилам гашт обод,
Дар хонаи дил ҳамеша мавло бошӣ.

Ҳар гаҳ, ки Эмомалӣ ба Масчо ояд,
Файзу карамаш нуру сафо афзояд.
Нури рухи ӯ ба ҳар диле метобад,
Аз ваҳдату мардумон сухан ороят.

Эмоми Алӣ нуру зиёи Ватан аст,
Бунёдгар асту муттакои Ватан аст.
Иқболи баланду эътибори тоҷик,
Бар гӯши ҷаҳониён садои Ватан аст.

Эмоми Алӣ, ту хушниҳодӣ, хуш бош!
Аз синаи кӯҳ ту раҳ кушодӣ, хуш бош!
Гарчанд ки душмани ту пил асту наҳанг,
Бар душмани хеш тан надодӣ, хуш бош !

Эмоми Алӣ, ки Тоҷикистони ман аст,
Гармии танаш муҳаббати ин Ватан аст.
Ҳар ҷо, ки назар кунад, ҳамон ҷо сабз аст,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳад, ҳамон ҷо чаман аст.

Дидори ту, Эмоми Алӣ иди ман аст,
Андозаи умри хеш таҷдиди ман аст.
Аз файзи ту кишварам ба Ваҳдат омад,
Ваҳдат ба Худо, дубора тавлиди ман аст.

Эмоми Алӣ ба хонам нур овард,
Бар зиндагиям дубора дастур овард.
Аз Ваҳдату аз тантанаи сулҳу субот,
Умри абадӣ ба мулки машҳур овард.

Роғун созад Эмомалӣ, иншоллоҳ,
Бандад камараш Ҳасти Алӣ иншоллоҳ.
Дар роҳи Худо ҳасту Расули акрам(с),
Созад мададаш Бурхи Валӣ, иншоллоҳ.

Аз модари нек зода шуд марди хирад,
Чашми бади душманон ба ҷонаш нарасад.
Аз дасти Эмомалӣ гулистон Ватан аст,
Хоре ба кафи пои чунин кас нахалад.

Роғун созад, ки нур орад ба Ватан,
Сад ҳашмату сад ҳузур орад ба Ватан.
Бар қасди тамоми душманони миллат,
Дастури бақову зӯр орад ба Ватан.

Эмоми Алӣ, Худо нигаҳдори ту бод,
Қуръон ҳама ҷо муҳофизу ёри ту бод.
Мо халқи Худо дасти дуъо бардорем,
Дастони дуъо барори ҳар кори ту бод.

Эмоми Алӣ, Худо мадагори ту бод!
Қуръони карим  ҳар куҷо ёри ту бод!
Ёди насаби Имоми Аъзам(р) кардӣ,
Рӯҳу насабаш ёвари ҳар кори ту бод!

*Шарофати Дониёр*

## *ПАЙКИ НЕКБАХТӢ*

Зиҳӣ, эй Тоҷикистон модари ман,
Зиҳӣ, эй халқи бо нангу фари ман.
Зиҳӣ, эй бахти толеи худодод,
Ҳамеша ҳастӣ ту чун шаҳпари ман.

Ҳамеша ишқи ту илҳомбахш аст,
Муҳаббатҳои ту дармонбахш аст.
Чу мардони баору арҷмандат,
Ҳамеша шӯҳрати ту бегазанд аст.

Чу пайки некбахтиҳои миллат,
Худододе туро додаст қисмат.
Ҷаҳони бекаронаш ҷовидон бод!
Худоро шукри ин фарзанди миллат!

Шукӯҳу сарфарозиҳо муборак!
Туро ин бахту ин толеъ муборак!
Ҷаҳонро дарси ибратбахш омӯхт,
Туро фарзанди хуштолеъ муборак!

*Ширин Бунёд*

## *ҚАСИДАИ МИЛЛАТ*

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Марди роҳу марди майдон, ҳамдаму ҳамрози ёрон,
Ончунон хушрӯз гардидам замоне ман таваллуд.
Ончунон гаштам зи қисмат ман банирӯву тавоно,
Модари таърих хушнуд аст аз парвардаи худ.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Тоҷики соҳибнасаб, соҳибдилу соҳибсаодат,
Тоҷики таърихии аз кеши фарзандони Одам,
Тоҷики соҳибмакону соҳиби вақту замонам,
Ҳамҷавору ҳамсадои хушадои халқи олам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Асрҳо худро биҷустам аз нишебу аз фарозон,
Аз талоши гарму сарду парниёну санг ҷустам,
Хешро аз неку бад аз силиву аз сила ҷӯён,
Аз танини сулҳу гоҳе бо адӯ аз ҷанг ҷустам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Хешро бисёр ҷустам аз каму аз беши дунё,
Аз ғаму шодии ёрон аз китоби бахти одам,
Аз баҳору аз хазонҳо, аз талошу кашмакашҳо,
Аз сари гардони гардун, гардиши айёму олам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!

Борҳо растам зи тӯфони ҳаводисҳои мозӣ.
Борҳо таърих санҷидаст зарби дасту шастам.
Панҷаам дар гирумони даҳр кӯтоҳӣ накарда,
Номаи тақдири худро нақш мекардам ба дастам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
То шиносам хештанро, хешро дар худ биҷустам.
Хешро дар қисмати миллат намудам ҷустуҷӯҳо.
То биёбам устуворӣ, ҷавҳари тобу тавоне,
Хешро аз ҷодаи ваҳдат намудам ҷустуҷӯҳо.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Хешро бисёр ҷустам аз набуду буди айём,
То зи нав эҳё шудам дар орзуҳои падарҳо.
То зи нав тавлид гаштам дар замини Оли Сомон,
Дар дили соҳибдилону дидаи соҳибназарҳо.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Ёфтам худро ба рӯзе аз диёри худшиносӣ,
Аз каломи ваҳдату аз файзи дасти иттиҳоде.
Рӯй овардам ба мардум, рӯ ба ман овард мардум,
То шудам соҳибватан, соҳибсару соҳибмуроде.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Оқибат пайдо намудам хешро аз дӯстиҳо,
Аз каломе, аз саломе, аз китобе, аз хитобе,
Аз камоле, аз заволе, аз хатое, аз савобе,
Аз тулӯи субҳи иқболу ҷилои офтобе.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Баъд аз ин дигар наям ман тоҷики танҳои танҳо.
Халқи олам ҳамраҳи ман, ҳамраҳи халқи ҷаҳонам.
Бо ҳама бешу ками худ, бо ҳама розу ниёзам,
Бо ҳама нав рӯзгорон зеби Шарқи бостонам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Ёфтам сомонаи нав, гавҳари Сомонии нав,
Рӯи тахти бахт марди сарбаланду тоҷдорам.
Боз истиқбол дорам субҳи истиқлоли худро,
Тоҷики овозадорам, миллати ман ифтихорам.

Кистам ман?
Тоҷики меҳрошноям!
Тоҷики волонасаб, вологуҳар дар чархи чанбар,
Тоҷики нозуктар аз гул, сахттар аз санги хора.
Тоҷикистон ошёнам, ошёни ҷаннатосо,
Осмонаш офтобӣ, остонаш пурситора…

## *БАЪД АЗ ҲАЗОР СОЛ…*

Баъд аз ҳазор сол,
Зи баъди ҳазор сол,
Баъд аз ҳазор рӯзи сиёҳу шаби дароз,
Баъд аз ҳазор ҳасрату навмедиву умед,
Баъд аз ҳазор гиру магиру марезу рез,
Охир дамид субҳи муроду гули сафед.

Дар як баҳори гарм,
Дар як баҳори нарм,
Хуршед ханда зад зи фарозон қуллаҳо.
Хандид бахти мо зи паси пардаи қурун.
Сомонии наве ба сари тахти дод шуд.
Бедор гашт миллати бечораю забун.

Чун миллати қадим,
Ва чун давлати қадим
Аз нав шудем соҳиби номи баланди хеш.
Аз нав шудем соҳиби шаъну шарофате.
Мо тоҷикему тоҷ ба сарҳо ниҳодаем,
Бо меҳри нав, саодату арзи садоқате

Дар як сабои нур,
Дар субҳи пурсурур,
Бо панҷаҳои ваҳдату бо дасти иттиҳод,
Гаштем соҳиби Ватану Парчаму Нишон.
Эҷод гашт тарҳи навини диёри мо.
Эҷод гашт давлати наврушди Тоҷикон…

## *ШАҲСАВОРИ МИЛЛАТИ МО*
*(Эҳдо ба Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон)*

Марди мардӣ, марди фардӣ дар замину дар замона,
Дар дили мардум ниҳодӣ аз садоқат ошёна.
Чеҳраи пурнури ту шуд нури бахти миллати мо,
Шаҳнавози миллати мо, шаҳсутуни давлати мо.
Ҷамъ кардаӣ миллати садпораи тоҷики моро,
Шӯълarезон кардӣ шоми талхи мо, торики моро.
Сулҳ овардӣ ба мардум, сулҳи мо поянда бодо!
Парчами давлат сари мо то абад тобанда бодо.
Сурхӣ бинмудӣ зи фазли худ рухони зарди моро,
Аз муҳаббат гарм карда синаҳои сарди моро.
Чун самандар хестӣ аз оташи чакдони аҷдод,
Бо садоқат, бо рафоқат давлати нав карда эҷод.
Аз миёни обу оташ хестӣ, ай марди миллат,
Марҳаме бахшидӣ гирам, ки ба доғу дарди миллат.
Ҳамчу Исмоили Сомон ваҳдате эҷод кардӣ,
Хар чӣ кардӣ, бар Ватан кардӣ, Ватан обод кардӣ.
Чун шуниди пур зи ҳасрат оҳи халқи хештанро,
Мисли Данко кардӣ рӯман роҳи халқи хештанро.
Хестӣ чун марди майдон, раҳнамои халқи тоҷик,
Раҳнамои миллати худ, раҳкушои халқи тоҷик.
Пардаи торикро бардоштӣ аз рӯи таръих,
Миллати худро ҳидоят карда сӯи кӯйи таърих.
То шиносад хешро аз рӯи таърихи қадима,
Аз ҳама буду набуду саргузашти нима-нима.
Шод бош, ай марди майдон, з-Оли Сомонӣ нишона,
Тоҷикат бишнохт худро аз каму беши замона.
Хешро пайдо намуд аз нури чашми рӯдакиҳо,
Аз шукӯҳи пирии хеш, аз ҷилои кӯдакиҳо.
Тоҷики соҳибнасаб имрӯз оламбин гашта,
Бо тамоми халқи олам дӯсти дерин гашта!

## *ДАР СОҲИЛОНИ РОҒУН*

Роғун ҷаҳони мо,
Роғун нишони мо,
Таърих худ гувоҳест, ки Роғуни пири мо
Инак ҷавон шудасту чӣ хуш роздон шуда.
Донад, ки тоҷикаш ба шараф инқилоб кард,
Чун миллате ба халқи ҷаҳон дар инон шуда.

Роғуни сурбахш,
Роғуни нурбахш,
Пирӣ туро назебаду хоби ҳазораҳо,
Дигар қабои нозу ҷавонӣ ба бар бикун.
Дигар баҳор шав ва зи файзи баҳори худ
Дилҳои мову ман ҳамагӣ пуршарар бикун.

Роғуни номдор,
Роғуни корзор,
Шӯре, ки дорӣ дар дили худ, он шарар шавад,
Вахши ту кори ҷаннати зебой карданист.
Ин рӯди кӯҳ бабри дамон асту сахтчанг,
Аз ҷони об оташе барпой карданист.

Роғуни файзбор,
Роғуни навбаҳор,
Дар корзори меҳнатӣ фарзандҳои ту,
Бал рустамони ту, Ватан обод мекунанд.
Фарҳодҳои ту ҷигари кӯҳ шикофта,
Дар домани ту масдари эҷод мекунанд.

Роғун ҳӯш дор,
Роғун гӯш дор!

Гӯянд мо нишонаи аҷдоди поки хеш,
Аз обу хок оташи дарханда офарем.
Шуд чок-чок синаи Роғун ба дасти мо,
Аз қалби кӯҳ ганҷи дурахшанда офарем.

Роғуни моми вақт,
Роғуни номи вақт,
Фарзандҳои ту ҳамагӣ номдори давр,
Бурда насаб ба Шераку Восею Коваҳо
Рози туро ба қиссаи Темурмалик кашанд
Пирӯзиҳои хеш кунандаш иловаҳо.

Роғуни нурпош,
Роғуни буду бош,
Бо панҷаҳои коргари тозакори нав,
Аз кони ҷони ту ataш эҷод мешавад.
Бо нури тозаи ту дар ин чархи чанбарӣ,
Дар тӯли арзҳо Ватан обод мешавад.

Роғуни мардхез,
Роғуни нурбез,
Дигар кушой дидаи хобида қарнҳо,
Афсонаҳои буду набуди ту шуд тамом.
Дигар ту астӣ саҳнаи мардони корсоз,
Хуршеди ту зи чоҳ бароянд ба тори бом.

Роғуни кӯҳсор,
Роғуни обдор,
Чун рӯди ту ба чарх кашад чархҳои НОБ,
Таърихи ту ба тарзи нав оғоз мешавад.
Гардон шавад саҳифаи таърихи тоҷикат,
Навтар саҳифаи ҳунараш боз мешавад.

Роғуни пурнишот,
Роғуни навҳаёт,
Гирам, ки дар тарозуи айёми доварӣ,
Номуси миллативу фаромӯзи миллатӣ.
Шаҳбош мерасад ба ту аз дуриҳои дур,
К-имрӯз тозарӯзи гулафрӯзи миллатӣ.

Роғуни байни кӯҳ,
Роғуни навшукӯҳ,
Ту иқтидори миллативу обрӯи вай,
Рӯҳат баланд бод зи Боми Ҷаҳони мо!
Дасти дуои Сарвари мо дастгири ту,
Эҷод мешавӣ ту чу «ШаҳНОБ»-и рӯҳи мо.

Роғуни тозарӯй,
Роғуни қиссагӯй,
Шаҳқиссаи ту дуру дароз асту ман аз он,
Навқисса аз куҳанчамани тоҷикон кунам.
Хуш бошу дер зӣ, ки зи навқиссаҳои ту
Рози наве ба нӯки қалам достон кунам.

## *СИЮ ҲАШТ САФАР*

Ай шаҳсавор, боз ба майдон хуш омадӣ!
Хуш омадӣ ба кӯйи азизон, хуш омадӣ!
Мо ташнагони чеҳраи гарму ҷамоли ту,
Ай нури дида, ҷони ба ҷонон хуш омадӣ!
Пазмон шудем сурати гарму камоли ту,
Ай кони лутфу чеҳраи хандон, хуш омадӣ!
Боз о, ки номи неки ту вирди забони мост,
Ай шермарди шӯҳраи даврон, хуш омадӣ!
Як пора хоки поки Ватан кӯҳсори мост,
Шаҳбози мо, ба кӯҳи Бадахшон хуш омадӣ!
Чун офтоби бахт ба Помири сарбаланд,
Ай шоҳи мо, Эмомалӣ Раҳмон, хуш омадӣ!

*Шоймардон Моҳсафар*

Эмомалии Раҳмон зинда бошед!
Ба ин номи накӯ арзанда бошед!
Шиори мо чунин бошад, ҳамеша
Чу хуршеди ҷаҳон тобанда бошед.
Биовардӣ ба мо сулҳу сафоро,
Ва-з-он равшан намудӣ қалби моро.
Ҷаҳони ғуссаҳо озод шуд аз ғам,
Шукуфон шуд, заминат сабзу хуррам.
Шумо фахри Ватан, фахри ҷаҳонед,
Сафобахши замини тоҷиконед.
Ҳам аз мулки азизи ориёнед,
Илоҳо, ҷовидонӣ зинда монед!

## *ШАМСИ НУРАФШОН*

Ту зодаи хоки Тоҷикистон бошӣ,
Дар ёди азизону бузургон бошӣ.
Шоҳи Ҳамадон туро мадад хоҳад кард,
Дар қавзаи ҳазрати Амирҷон бошӣ.
Мардони ба фарҳанг вазирони туянд,
Ту пайрави Исмоили Сомон бошӣ.
Дар арзу самои Тоҷикистони азиз,
Монандаи Шамси нурафшон бошӣ.
Эй номи хушат вирди забони ҳамагон,
Бологузари миёни шоҳон бошӣ.
Дар одиливу сахову инсофу карам,
Монандаи ҳазрати Сулаймон бошӣ.
Дар васфи ту гуфт мадҳия Шоҳзамон
Эмомалии Шарифи Раҳмон бошӣ !

***

Эмомалиё, ҷаҳон туро мадҳ кунад,
Ҳар кӯдаку пиру навҷавон мадҳ кунад
Гар Рӯдакӣ мадҳи шоҳи даври худ кард,
Имрӯз туро Шаҳзамон мадҳ кунад

Эмомалиё, баланд ҳиммат кардӣ
Бар миллату дини хеш хизмат кардӣ.
Хушнуду ризо зи ту ҳама аҳли зиё,
Нархи сухану илм ту қимат кардӣ.

Эмомалиё, ту монда аз кор нашай,
Бар ёрии душманони худ зор нашай.

Бигрифта дуои падару модари худ,
То ҳаст нафас дар баданат, хор нашай!

***

Эмомалиё, Худо ба ту ёр шавад,
Дар ҳар ду ҷаҳон туро мададгор шавад.
Ҳар нохалафе, ки аз ту ношукрӣ кард,
Бар кулфату дарду ғам гирифтор шавад

Эмомалиё, Ватан зи ту обод аст,
Ҳар фард ба гуфтани сухан озод аст.
Ҳар нақшаи бандаро Худо мебинад,
Ҳар нақша, ки бар зидди ту шуд, барбод аст.

Эмомалиё, ту кори аъло кардӣ,
Қадри миллати хеш ту боло кардӣ.
Халқе, ки ба дил дошт басе кину бадӣ,
Андар дилашон меҳру вафо ҷо кардӣ.

Эмомалиё, худо нигаҳдори ту бод,
Ҳам фатҳу кушоиш ба ҳама кари ту бод.
Хоҳам ҳама ёрони ту дилшод шаванд,
Ғам бар сари душманони ғаддори ту бод.

Эмомалиё, ки такя кардӣ ба Худо,
Миллат зи фано шудан бикардӣ ту раҳо.
Гуфтӣ, ки ба халқ сулҳ меорам ман,
Аҳсан, ба аҳди хеш кардӣ ту вафо.

*ДУО*

Зи ҷо бархост андар Қасри Арбоб,
Ба дил меҳри Ватан, дар чашм бас об.
Намонд он нангу номусаш, ки хомӯш
Нашинад андар он рӯзу кунад гӯш.
Худоро ёд карду илтиҷо кард,
Барои сулҳу ваҳдат бас дуо кард.
Бигуфто: «Ҷангро поён расонам,
Ҳама оворагонро ҳам бихонам.
Бибояд ҷамъ орам ҷумла мардум,
Ки то фардо нагардад боз раҳгум».
Ба аҳди худ вафо карду вафо кард,
Вафоро бовафо некӯ баҳо кард.
Ҷаҳон хушнуд шуд аз ин вафояш,
Бигуфтанд «Офарин!», «Аҳсан!» барояш.
Пас аз он Оли Сомон зинда бинмуд,
Ба ҷаҳдаш ин Ватан поянда бинмуд.
Басо з–ӯ роҳҳо гаштанд obod,
Ки бас дил аз чунин Сарвар бишуд шод.
Чу бар Анзоб нақбе ҳам кушоданд,
Барояш бо муҳаббат дил бидоданд.
Зи тоҷик ёд овард ҳар куҷо ӯ,
Ки то бе хон намонад, бе дару кӯ.
Ватанро ифтихору ном бахшид,
Ҷаҳон мислаш куҷо марде накӯ дид?
Кунун ҷаҳдаш барои рӯшноист,
Чу бо покӣ варо бас ошноист.
Худоё, шӯҳраташ боло нигаҳ дор!
Ки то тоҷик нагардад хору ҳам зор!
Ватан бо дасти ӯ ободтар соз!
Маро ин аст бо ту розу сад роз!

*Куршина Мария*

## *НАШ ПРЕЗИДЕНТ*

Хочу сказать от старых лет
Есть сыновья в Таджикистане
Наш Президент прекрасный человек
Своей душой своими делами
Кругом война и люди переживают
День выбора назначена судьбой
А мы спокойна чай свой попиваем
Затем, что Президент за нас стоит горой
День выборов прошел удачно,
Без шума, крика и скандал.
А нам светило солнце ясно
И обещало счастье нам.
Смотри как город расцветает
Красиво строиться дома.
Все дороги гладко расстилает.

***

О мой  любимый город Мира
Ты мой любимый Душанбе.
В своих делах покажи Миру
Как Пётр 1-й на земле.
Таких людей Бог нам посылает
Её вся разные времена.
И даже Солнце нас так греет
Как - будто к нам пришла весна!

## *ЦВЕТУЩАЯ СТРАНА*

Цветущая страна моя, родная,
Много в ней садов, гор, полей.
Я другой такой страны не знаю,
Где так озабочен президент проблемами людей.
От кишлаков до центра и столицы,
Мы завалили письмами его.
Он решает и грамотно и быстро,
А главное - дело не делит на твоё и моё.
Его интернациональная позиция
Должна примером быть для всех.
_А какая удивительная эрудиция
Есть чему поучится чиновникам, но без помех.
За годы его президентства,
Он заслужил и славу и честь.
В государстве сохранено единство,
Спасибо Богу, что он есть.
Спасибо и низкий поклон ему,
За то, что решил проблему мою.
Как приятно, как хочется жить,
И долголетия президенту у Бога просить.

## МУНДАРИҶА


Абдуалӣ Абдумаҷид ........ 25
Абдуқаҳҳори Қосим ........ 26
Абдумалик Баҳорӣ ........ 28
Абдураҳмон Сулаймонӣ ........ 30
Абдусамад Ҷураев ........ 31
Абдусаттори Раҳмон ........ 32
Абдуфаттоҳ Кулолӣ ........ 33
Абдушахид Аминов ........ 34
Адиба ........ 35
Азиз Авзалзода ........ 36
Алидоди Чароғабдол ........ 38
Алиҷони Сарбандӣ ........ 39
Алишоҳи Мазҳабшоҳ ........ 40
Амирсултони Наботзод ........ 43
Амиршоҳи Хатлонӣ ........ 44
Аскар Ҳаким ........ 65
АсрориСомонӣ ........ 66
Атахон Сайфуллоев ........ 68
Ато Мирхоҷаи Нерӯ ........ 76
Ашӯр САФАР ........ 78
Аҳмадалӣ Набиев ........ 80
Барот Сайид ........ 81
Бегиҷон Умаров ........ 83
Биноиддин Маҳкамзода ........ 84
Бобоашӯр Амонзода ........ 85
Бобо Ҳоҷӣ ........ 86
Боқимаҳмади Барот ........ 87
Булбули Валӣ ........ 88

Воҷиди Аштӣ ........ 89
Гулназар Келдӣ ........ 90
Гулнораи Дастамбуй ........ 97
Гулнора Усмонова ........ 93
Ғаффор Мирзо ........ 94
Ғаффоралӣ Сафар ........ 99
Давлат Сафар ........ 100
Давлат Сироҷӣ ........ 101
Дастагули Файзулло ........ 102
Доро Наҷот ........ 103
Дурахши Ахтар ........ 106
Зайниддини Ҷомӣ ........ 107
Зарифи Ибод ........ 108
Зафар Аҳмад ........ 109
Зевар Шарифова ........ 110
Иброҳим Калонзода ........ 111
Исо Раҳим ........ 115
Исҳоқ Ёқубӣ ........ 116
Камол Насрулло ........ 119
Кароматуллоҳ Олимов ........ 124
Кенҷаҷони Ғаффор ........ 125
Куйбек Шарифзода ........ 127
Лоиқ ........ 129
Лутфи Хомӯш ........ 130
Махфират Юсуфӣ ........ 131
Мадхони Шариф ........ 132
Маннони Қодир ........ 138
Маҳмуд Зиёӣ ........ 140

Мафтуна Назирова ........ 141
Меҳмон Бахтӣ ........ 143
Меҳринисо ........ 144
Мирзо Кенҷа ........ 149
Мирзо Мавлон ........ 152
Мирзо Рустамзода ........ 153
Мирзо Файзалӣ ........ 155
Мирзомурод Ҳошимзода ........ 157
Музаффархӯҷа Қамбаров ........ 165
Муқим Шарифзода ........ 166
Муҳаммад Ғоиб ........ 167
Муҳаммадамин Набизода ........ 183
Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ ........ 184
Муҳаммад Холиқ ........ 185
Муҳаммадшарифи Сулаймон ........ 186
Муҳаммад Юсуф ........ 188
Муҳибаи Карим ........ 189
Муҳиддин Шоҳинбод ........ 190
Мӯҳсин Муродов ........ 192
Мӯҳтарам Ҳотам ........ 193
Назокат Олимзода ........ 200
Наргис Исҳоқзода ........ 201
Низом Қосим ........ 202
Норинисо ........ 205
Нуриддин Амирӣ ........ 206
Нуриддин Амриддин ........ 207
Озар ........ 208
Озарахш ........ 209
Олимхон Исматӣ ........ 210

Орзу Шодӣ ..... 211
Орифи Зулмӣ ..... 215
Охун Аминзода ..... 216
Пайшанбе Шаҳзода ..... 218
Парда Ҳабиб ..... 220
Пирмуҳаммади Орзу ..... 221
Разоқ Давроншоҳ ..... 222
Раҳим Саид ..... 223
Раҷаби Мусулмониён ..... 224
Раҳим Ғаниматтоҷ ..... 226
Раънои Мубориз ..... 227
Рудобаи Мукаррам ..... 228
Рустами Хомарахш ..... 231
Сабринисо ..... 232
Садриддин Шарифзод ..... 233
Саидалӣ Маъмур ..... 235
Саидии Ҳисорӣ ..... 236
Саидҷон Ҳакимзода ..... 238
Сайидмаҳмуд Ҷобирӣ ..... 239
Салими Хатлонӣ ..... 240
Салимшо Ҳалимшо ..... 242
Саломуддин Раҳимӣ ..... 243
Сафар Булбул ..... 244
Сафаралии Ашӯралӣ ..... 246
Сафармуҳаммади Айюбӣ ..... 247
Сарвиноз Маҳмудова ..... 275
Сироҷиддин Осимӣ ..... 276
Содиқи Завқӣ ..... 280
Содиқи Кашрудӣ ..... 281

Сотими Ҳисорӣ ...... 282
Субҳон Туйғун ...... 283
Сулаймони Султон ...... 284
Сурайё Шаҳидӣ ...... 285
Тилло Тиллоӣ ...... 286
Усмон Назир ...... 287
Усмон Олим ...... 288
Усмони Сабз ...... 294
Фазлиддин Собирзода ...... 295
Хайрандеш ...... 297
Ҳадиса ...... 301
Ҳақназар Ғоиб ...... 302
Ҳамроҳ Усмон ...... 308
Ҳанифа Сафарова ...... 309
Ҳикмат Раҳмат ...... 310
Ҳилола ...... 327
Ҳоҷи Амируллоҳи Муштоқ ...... 328
Ҳоҷи Гулмуроди Боймурод ...... 330
Ҳоҷӣ Абдуғаффори Воҳидзод ...... 331
Ҳоҷӣ Бобохони Муъминободӣ ...... 333
Ҳуснигул Каримова ...... 335
Ҷамолиддин Каримзода ...... 336
Ҷонибеки Қозибек ...... 337
Ҷумъа Қувват ...... 338
Шайх Амриддини Назриддин ...... 343
Шаҳрия ...... 344
Шариф Раҳмон ...... 347
Шарофати Дониёр ...... 350
Ширин Бунёд ...... 351

Шоймардон Моҳсафар ..... 360
Шоҳзамони Фархорӣ ..... 361
Яздонқул Муродқулов ..... 363
Куршина Мария ..... 364
Тулкуной Рахимова ..... 365

# ЭЪҶОЗИ РАҲМОН
(Маҷмӯаи шеърҳо дар васфи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон)

Мураттибон:
**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА**
**Нақиб МУРОДОВ**

Муҳаррир:
**Ато МИРХОҶА**

Зери назари:
**Меҳмон БАХТӢ**

Ороиш ва тарроҳ:
**Фарида ЮНУСОВА**

Сабти компютерӣ:
**Нақиб МУРОДОВ**
**Аваз САФАРАЛИЕВ**

Ба матбаа 26.05.2011 супорида шуд. Ба чоп 05.07.2011 имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 19,5.
Адади нашр 3000 нусха.